# Замимаи 7а

# Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва масъалаҳои иҷтимоӣ (АТМЗИ)

ба Пешниҳоди барнома барои маблағгузорӣ ба Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС)

***Ландшафтҳои ба иқлим устувор дар Осиёи Марказӣ***

Моҳи июли соли 2026

Нашри 2.2

Пешниҳод шудааст:

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

(Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) GmbH)

Дархостҳоро вобаста ба ҳуҷҷати мазкур ба нишонаи зерин ирсол карда метавонед:

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH
Dag Hammarskjöld Weg 1-5

65760 Eschborn
Germany

gcf@giz.de

http://www.giz.de

Моҳи июли соли 2026

Нашри 2.2

## Мундарицa


Мундариҷа ..... ii

Рӯйхати ҷадвалҳо ..... v

Руйхати расмҳо ..... v

Ихтисораҳо ..... vi

Хулосаи мухтасар ..... ix

Доираҳои фарогирӣ ва ҳадафҳои барнома ..... ix

Хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва ҷораҳои коҳиш додани онҳо ..... x

**1.** Муқаддима ..... 1

**2.** Тавсифи барнома ..... 2

**3.** Стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ..... 6

3.1. Сиёсатҳои экологӣ ва иҷтимоии Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС) ..... 6

3.1.1. Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии ХИС ..... 6

3.1.2. Сиёсат оид ба пешгирӣ ва ҳимоя аз истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ (ИЗОҶ) ..... 8

3.1.3. Сиёсат оид ба мардуми бумӣ ..... 9

3.1.4. Баробарии гендерӣ ..... 9

3.2. Сиёсатҳо ва стандартҳои экологӣ ва иҷтимоии Ҳукумати Олмон ..... 10

3.2.1. Системаи идоракунии “Кафолатҳо + Гендер”-и GIZ ..... 10

3.2.2. Истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ (ИЗОҶ) ..... 11

3.2.3. Шикоятҳо ва имшо кардан ..... 12

**4.** Чаҳорчӯбаи институтсионалӣ, сиёсӣ ва меъёрии марбут ба КЭИ дар кишварҳои мизбон ..... 14

4.1. Шартномаҳо, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ ..... 14

4.2. Сиёсатҳо, стратегияҳо/созишномаҳо ва чаҳорчӯбаи ҳуқуқии миллӣ ..... 15

4.2.1. Ҷумҳурии Қирғизистон ..... 15

4.2.2. Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 20

4.2.3. Ӯзбекистон ..... 25

4.3. Сиёсат ва стратегияҳои минтақавӣ ..... 28

**5.** Тавсифи экологӣ ва иҷтимоии минтақаҳои мақсаднок ..... 30

5.1. Минтақаҳо ва ноҳияҳои татбиқи барнома ..... 30

5.2. Тавсифи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ..... 33

5.2.1. Демография ..... 33

5.2.2. Таҳлили маҷмӯии хатарҳои иқлимӣ ва осебпазирии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ..... 35

5.2.3. Сохтори иҷтимоӣ ва идоракунии ҷамоатҳо ..... 35

5.2.4. Баробарии гендерӣ ва тавсеаи имкониятҳои занон ..... 36

5.2.5. Шуғл ..... 39

5.2.6. Кишоварзӣ ..... 41

5.2.7. Дастрасӣ ба замин ва захираҳои табиӣ ..... 43

5.2.8. Дастрасӣ ба захираҳо ва хизматрасониҳои молиявӣ ..... 45

5.2.9. Меҳнат ва шароити корӣ ..... 47

5.3. Тавсияи экологӣ ..... 51

5.3.1. Ҷуғрофия ва иқлим ..... 51

5.3.2. Хок ва геология ..... 52

5.3.3. Захираҳои об ... 53
5.3.4. Партовҳо ... 55
5.3.5. Гуногунии биологӣ ва ҷангалҳо ... 55
5.3.6. Санҷиши гуногунии биологӣ (IBAT) ... 57
5.4. Осебпазирии иқлимӣ ва хатарҳо ... 64
5.4.1. Ҷумҳурии Қирғизистон ... 65
5.4.2. Тоҷикистон ... 65
5.4.3. Ӯзбекистон ... 65
5.5. Мероси фарҳангӣ ... 66
5.5.1. Ҷумҳурии Қирғизистон ... 66
5.5.2. Тоҷикистон ... 67
5.5.3. Ӯзбекистон ... 68
**6.** Иқтидори талкилотҳои иҷрокунандаи барнома марбут ба КЭИ ... 68
6.1. Нақши GIZ ҳамчун ташкилоти аккредитатсияшуда ... 68
6.2. Нақши GIZ ҳамчун ташкилоти иҷрокунанда (ТИ) ... 69
6.3. Ташкилотҳои иҷрокунандаи миллӣ ... 70
6.3.1. Ҷумҳурии Қирғизистон ... 70
6.3.2. Тоҷикистон ... 71
6.3.3. Ӯзбекистон ... 72
6.4. Иқтидори экологӣ ва иҷтимоии ТИ-ҳо ... 73
6.5. Гардиши маблағҳо ... 73
6.6. Роҳбарӣ ва идоракунӣ ... 74
**7.** АТМЗИ дар сатҳи барнома ... 76
7.1. Хулосаи арзёбӣ дар сатҳи барнома ... 76
7.1.1. Таҳлили хавфи ИЗОҶ вобаста ба контекст ... 76
7.2. КЭИ 1: Арзёбӣ ва идоракунии хатарҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ ... 89
7.2.1. Арзёбӣ ... 89
7.2.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд) ... 93
7.3. КЭИ 2: Меҳнат ва шароити корӣ ... 94
7.3.1. Арзёбӣ ... 94
7.3.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд) ... 95
7.4. КЭИ 3: Самаранокии захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ ... 95
7.4.1. Арзёбӣ ... 95
7.4.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд) ... 98
7.5. КЭИ 4: Саломатӣ, бехатарӣ ва амнияти ҷомеа ... 98
7.5.1. Арзёбӣ ... 98
7.5.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд) ... 99
7.6. КЭИ 5: Гирифтани замин ва кӯчондани маҷбурӣ ... 100
7.6.1. Арзёбӣ ... 100
7.6.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд) ... 101
7.7. КЭИ 6: Ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиии зинда ... 101
7.7.1. Арзёбӣ ... 101

7.7.2. Дараҷаи таъсир: (паст, миёна, баланд) .... 102
7.8. КЭИ 7: Мардуми бумӣ .... 103
7.8.1. Арзёбӣ .... 103
7.8.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд) .... 104
7.9. КЭИ 8: Мероси фарҳангӣ .... 104
7.9.1. Арзёбӣ .... 104
7.9.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд) .... 105
**8.** Таъсироти экологӣ ва иҷтимоӣ (сатҳи зерлоиҳа) .... 106
8.1. Тавсифи зерлоиҳа .... 107
8.1.1. Унсурҳои калидии Механизми грантҳои муштарак ва барномаи қарзӣ .... 107
8.1.2. Унсурҳои калидии суръатбахши ҷорӣ намудани кишти бешудгор .... 110
8.1.3. Унсурҳои калидии механизми сармоягузории ҷангал ва чарогоҳ .... 111
8.1.4. Унсурҳои калидии платформаи минтақавии сармоягузорӣ .... 113
8.2. АТМЗИ (сатҳи зерлоиҳа) .... 115
**9.** Адабиёт .... 122
Замимаи 1: Дастурамалҳо барои таҳияи Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ) .... 126
Замимаи 2: Рӯйхати истисноҳои КЭИ (Замимаи стандартӣ) .... 131
Замимаи 3: Шартномаҳо, Конвенсияҳо ва Созишномаҳои Байналмилалӣ .... 132

## Рӯйхати ҷадвалҳо

Ҷадвали 1: Шарҳи умумии компонентҳо, натиҷаҳо, маҳсулот ва фаъолиятҳо ................ 4
Ҷадвали 2: Шарҳи умумии стандартҳои КЭИ-и ХИС ........................................................ 7
Ҷадвали 3: Минтақаҳои муҳофизатшаванда ва мавзеъҳои ҳифзаванда дар ландшафтҳои мақсадноки барнома ..................................................................... 60
Ҷадвали 4: Намудҳои инвазивии бегона дар се ............................................................ 61
Ҷадвали 5: Хатарҳои эҳтимолӣ ва таъсироти манфии фаъолиятҳои барнома дар ҷараёни татбиқ (сатҳи барнома) ............................................................................ 80
Ҷадвали 6: Шарҳи умумии зерлоиҳа ................................................................................ 107
Ҷадвали 7: Шарҳи умумии зерлоиҳа ................................................................................ 110
Ҷадвали 8:Шарҳи умумии зерлоиҳа ................................................................................. 111
Ҷадвали 9: Шарҳи умумии зерлоиҳа ................................................................................ 113
Ҷадвали 10: Хатарҳои эҳтимолии экологӣ ва иҷтимоӣ ва таъсироти манфии эҳтимолии фаъолиятҳои мувофиқ дар зерлоиҳаҳо ................................................................ 115

## Руйхати расмҳо

Расми 1: Минтақаҳои барнома: Ноҳияҳои атрофи водии Фарғона (аз боло рост) ва минтақаи сарҳади ҷанубии байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон (аз поён чап); дар маҷмӯъ 38 ноҳияи ишорашуда; рангҳо мувофиқи баланди аз сатҳи баҳр (шабакаи 30м х 30м) ........................................................................................................ 30
Расми 2: Нақшаи амудии ҷуғрофӣ, ки барои минтақи барнома хос аст (ҳамчун намуна барои минтақаи атрофи Наукат, Қирғизистон) (Маълумот дар бораи истифодаи замин бо мақсади муаррифӣ ҳамвор карда шудааст) ........................................... 31
Расми 3: Тақсимоти истифодаи замин дар минтақаҳои барнома (Аз боло: водии Фарғона; аз поён: Минтақаи сарҳади ҷанубӣ) ....................................................... 32
Расми 4: Геккони ҷуфтангушти Фарғона (Alsophylax ferganensis) .................................. 59
Расми 5: Тартиби ҳуқуқӣ ва гардиши маблағҳо .............................................................. 69
Расми 6: Роҳбарӣ ва идоракунии барнома ..................................................................... 74

## Ихтисораҳо

Ихтисораҳо бо забони тоҷикӣ

| | |
|---|---|
| АИО | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |
| АТМЗИ | Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва масъалаҳои иҷтимоӣ |
| БАТР | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд |
| БОР | Бонки Осиёии Рушд |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БҶ | Бонки Ҷаҳонӣ |
| ВЗОКСК | Вазорати захираҳои об, кишоварзӣ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Қирғизистон |
| ВТЛК | Воҳиди татбиқи лоиҳаҳои кишоварзӣ |
| ВҲШ | Воситаҳои ҳифзи шахсӣ |
| ГГХ | Газҳои гулхонаӣ |
| ЗА | Занҷираи арзиш |
| ЗИ | Захираҳои инсонӣ |
| ИЗОҶ | Истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ |
| ИРИ | Индекси рушди инсонӣ |
| КБМ | Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ |
| КМЭТИ | Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлим (Ӯзбекистон) |
| КРБ | Кумитаи роҳбарикунандаи барнома |
| КХМ | Корхонаҳои хурдтарин, хурд ва миёна |
| КХҶДИЗ | Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин |
| КЭИ | Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ |
| МБ | Мардуми бумӣ |
| МБШ | Механизми баррасии шикоятҳо |
| МИЛ | Маркази идораи лоиҳа |
| ММВ | Мақомоти миллии ваколатдор |
| ММД | Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ |
| МТЛС | Маркази татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ (Тоҷикистон) |
| МТЛС-КҲМЗ | Маркази татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории назди Кумитаи ҳифзи муҳити зист |
| НИЭИ | Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ |
| НМБ | Нақшаи мардуми бумӣ |
| НТШ | Нуқтаи тамоси шикоятҳо / Нуқтаи тамоси гендерӣ |
| НЧМГ | Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ |
| НҶҶМ | Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор |
| ОАГ | Организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта |
| ПМ | Пешниҳоди маблағгузорӣ |
| РКО СММ | Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон |
| РОПО | Розигии озод, пешакӣ ва огоҳона |
| СБМ | Созмони байналмилалии меҳнат |

| | |
|---|---|
| СИЭИ | Системаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| СФ | Стандартҳои фаъолият |
| СҲИР | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд |
| ТА | Ташкилоти аккредитатсияшуда |
| ТДМ | Ташкилоти дастрасии мустақим |
| ТИ | Ташкилоти иҷрокунанда |
| ТМҚ | Ташкилотҳои микроқарзӣ |
| ТҶШ | Ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ |
| УИПК | (Таҷрибаҳои истифодаи замин, ки) устувор ба иқлим ва дорои партовҳои кам |
| ФАО | Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ |
| ФГГ | Фонди Глобалии Экологӣ |
| ХБП | Хазинаи байналмилалии пул |
| ХБРК | Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ |
| ХИС | Хазинаи Иқлими Сабз |
| ЭИ | Экологӣ ва иҷтимоӣ |
| ЮНЕСКАП | Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои Осиё ва Уқёнуси Ором |
| ЮНЕСКО | Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг |

Ихтисораҳо бо забони англисӣ

| | |
|---|---|
| ARIS | Агентии рушди ҷамоатҳо ва сармоягузории Ҷумҳурии Қирғизистон |
| BMZ | Вазорати федералии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Олмон |
| BPfA | Эъломия ва Платформаи амали Пекин |
| CEDAW | Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон |
| CIA | Садорати марказии иктишофӣ |
| CITES | Конвенсия оид ба савдои байналмилалии намудҳои наботот ва ҳайвоноти ёбоии зери хатари нобудшавӣ қарордошта |
| CMS | Конвенсия оид ба ҳифзи намудҳои ҳайвоноти ёбоии кӯчӣ (Конвенсияи Бонн) |
| CO2 | Диоксиди карбон |
| CR | Намудҳои дар зери хатари шадиди нобудшавӣ қарордошта (тибқи Рӯйхати Сурхи IUCN) |
| CS-FOR | Тарсиби карбон тавассути сармоягузории иқлимӣ дар ҷангалҳо ва чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Қирғизистон (Лоиҳа) |

| | |
|---|---|
| EN | Намудҳои дар зери хатари нобудшавӣ қарордошта (тибқи Рӯйхати Сурхи IUCN) |
| GGGI | Институти глобалии рушди сабз |
| GIZ | Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) GmbH |
| Ia | Категорияи Ia-и минтақаҳои муҳофизатшавандаи IUCN (Мамнӯъгоҳи қатъии табиӣ) |
| IBAT | Воситаи ҳамгирошудаи арзёбии гуногунии биологӣ |
| IFC | Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ |
| II | Категорияи II-и минтақаҳои муҳофизатшавандаи IUCN |
| III | Категорияи III-и минтақаҳои муҳофизатшавандаи IUCN |
| INFORM | Индекси идоракунии хатарҳо |
| IPCC | Панели байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим |
| IPCC WGII | Гурӯҳи кории II-и Панели байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим |
| IUCN | Иттифоқи байналмилалии ҳифзи табиат |
| IV | Категорияи IV-и минтақаҳои муҳофизатшавандаи IUCN |
| KBA | Минтақаи калидии гуногунии биологӣ |
| LDN | Бетарафии таназзули замин |
| NDC | Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншуда (ба Созишномаи Париж) |
| ND-GAIN | Ташаббуси глобалии мутобиқшавии Нотр-Дам (Индекс) |
| S+G | Кафолатҳо+Гендер (Системаи идоракунии GIZ) |
| SDG5 | Ҳадафи 5-уми Рушди Устувор |
| tCO2e | Тонна эквиваленти диоксиди карбон |
| UNCCD | Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо биёбоншавӣ |
| UNDRR | Идораи СММ оид ба коҳиши хатари офатҳо |
| UNEP | Барномаи муҳити зисти СММ |
| USAID | Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ |
| USD | Доллари ИМА |
| WRI | Институти захираҳои ҷаҳонӣ |
| WUA | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |

## Хулосаи мухтасар

Ҳуҷҷати мазкур Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва масъалаҳои иҷтимоии (АТМЗИ) барномаи «Ландшафтҳои ба иқлим устувор дар Осиёи Марказӣ»-ро, ки аз ҷониби Ташкилоти ваколатдор – Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) GmbH пешниҳод шудааст, дар бар мегирад. Барномаи мазкур бевосита ба рафъи хатарҳои шадиди иқлимӣ, ки ба соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин (КХҶДИЗ) дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таъсир мерасонанд, равона шудааст. Дар доираи татбиқи он ба водии бисёр осебпазир ва аз лиҳози экологӣ муҳими Фарғона, инчунин вилоятҳои Сурхондарё ва Хатлон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Ҳуҷҷати АТМЗИ муайян месозад, ки барнома то чӣ андоза ба стандартҳои Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоии (КЭИ) Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС), санадҳои меъёрии миллӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқат дорад.

АТМЗИ тартиби таъмин намудани устувории умумии экологӣ ва иҷтимоии барномаро мутобиқи талаботи зерин муайян мекунад:

- Сиёсатҳои устувории ХИС, аз ҷумла:
    - Сиёсати таҷдидшудаи экологӣ ва иҷтимоӣ (B.BM-2021/18);
    - Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (B.19/10);
    - Сиёсат оид ба мардуми бумӣ (B.19/11);
    - Сиёсати гендерӣ (B.24/12).
- Сиёсат ва стандартҳои ҳукумати Олмон оид ба ҳуқуқи инсон, хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва устуворӣ;
- Қонунгузории миллии кишварҳои ба барнома фарогирифташуда;
- Стандартҳои байналмилалӣ оид ба идоракунии кафолатҳо ва таҷрибаи пешқадам.

Инчунин, АТМЗИ хатарҳои эҳтимолиро арзёбӣ намуда, таъсироти манфии номатлуб ва фоидаҳои иловагиро, ки фаъолиятҳои барнома дар ҷараёни татбиқ метавонанд ба муҳити зист ва ҷомеа расонанд, муайян месозад.

Барои тадбирҳои барнома, ки метавонанд хатарҳои миёна ё баландро ба вуҷуд оранд, чораҳои коҳишдиҳӣ дар Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ) пешбинӣ шудаанд. Ин нақша ҳамчун ҳуҷҷати алоҳида тартиб дода шуда, нишон медиҳад, ки тадбирҳои мазкур чӣ тавр, аз тарафи кӣ ва дар кадом муҳлатҳо амалӣ мегарданд

### Доираҳои фарогирӣ ва ҳадафҳои барнома

Барномаи «Ландшафтҳои ба иқлим устувор дар Осиёи Марказӣ» ҳадаф дорад, ки устувории аҳолии осебпазир ва экосистемаҳои фаромарзиро, ки манбаи зиндагии онҳо дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба шумор мераванд, тақвият бахшад. Он равиши ҳамгирошудаи ландшафтиро дар асоси се компоненти ба ҳам алоқаманд пайравӣ мекунад:

- Компоненти 1: Фароҳам овардани муҳити мусоид барои соҳаҳои ба иқлим устувор ва дорои партовҳои карбони пастдоштаи КХҶДИЗ дар сатҳи миллӣ;
- Компоненти 2: Тарғиб ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳо ва технологияҳои ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам дар сатҳи маҳаллӣ;

- Компоненти 3: Тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ барои ҳамоҳангсозии афзалиятҳои миллӣ ва дастгирии мубодилаи дониш.

**Хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва ҷораҳои коҳиш додани онҳо**

Барнома дар доираи чаҳорчӯбаи Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоии (КЭИ) ХИС ба "Категорияи B" (Хатари миёна) тасниф шудааст, зеро аксари хатарҳо хусусияти маҳаллӣ дошта, барқароршаванда мебошанд ва бо истифода аз чораҳои дахлдори коҳишдиҳӣ идора карда мешаванд. Хатарҳои калидӣ ва кафолатҳои муайяншуда дар ҷараёни АТМЗИ ҷанбаҳои зеринро фаро мегиранд:

- **КЭИ 1 – Арзёбӣ ва идоракунии хатарҳо ва таъсироти экологӣ ва иҷтимоӣ** (Хатари миёна пеш аз коҳишдиҳӣ): Хатарҳои эҳтимолии асосӣ масъалаҳои дастрасӣ ба об, ифлосшавӣ, истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ (ИЗОҶ), талафоти гуногунии биологӣ, ҷалби сусти ҷонибҳои манфиатдор, хавфи тақсимоти ноодилонаи манфиатҳо ва иқтидори маҳдуди ниҳодҳо ва мақомоти давлатии ҷалбшударо фаро мегиранд. Ин хатарҳо тавассути кафолатҳои қатъӣ таҳти назорати кормандони ботаҷриба, татбиқи боэътимоди НИЭИ, назорати пудратчиён, тарғиби истифодаи устувори замин ва об, ҳамоҳангсозии ниҳодӣ, ҷалби фарогириву ҳассос ба гендер ва механизмҳои баррасии шикоятҳо (МБШ) ҳаллу фасл карда мешаванд.
- **КЭИ 2 – Меҳнат ва шароити корӣ** (Хатари миёна пеш аз коҳишдиҳӣ): Кишварҳои мақсаднок ба қатори кишварҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо ҳифзи коргарон маҳдуд буда, риояи санадҳои меъёрии мавҷудаи меҳнат заиф ва шуғли ғайрирасмӣ дар соҳаи кишоварзӣ паҳн шудааст. Бе чораҳои коҳишдиҳӣ хавфи риоя накардани стандартҳои Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) ва КЭИ 2, инчунин ҳодисаҳои ИЗОҶ вуҷуд дорад. Барнома шароити муносиби корро таъмин намуда, риояи талаботи меҳнатро тавассути беҳтар намудани тартиботи идоракунӣ, санҷиш ва баланд бардоштани иқтидор тақвият мебахшад. Инчунин, механизми шикоятҳои ҳассос ба гендер, Нақшаи амали гендерӣ ва кодекси рафтор, аз ҷумла чораҳои пешгирии ИЗОҶ татбиқ карда мешаванд.
- **КЭИ 3 – Самаранокии захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ** (Хатари миёна пеш аз коҳишдиҳӣ): Хатарҳо ба истифодаи бесамари захираҳо, инфрасохтори фарсуда ва ифлосшавии маҳаллӣ алоқаманданд. Барнома ин мушкилотро тавассути омӯзиш, тарғиби таҷрибаҳои устувори кишоварзӣ, беҳтар намудани идоракунии об ва энергия, риояи талаботи экологӣ, стандартҳои бехатари сохтмон ва тақвияти мониторинг ҳал хоҳад кард.
- **КЭИ 4 – Саломатӣ, бехатарӣ ва амнияти ҷомеа** (Хатари миёна пеш аз коҳишдиҳӣ): Аз сабаби рақобат барои дарёфти ёрӣ ва азхудкунии маблағҳо метавонанд танишҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд оянд; инчунин хавфҳои вобаста ба саломатии ҷисмонӣ ва бехатарӣ ҳангоми татбиқи зерлоиҳаҳо ва идоракунии нодурусти моводи кимиёвии кишоварзӣ вуҷуд доранд. Чораҳои коҳишдиҳӣ банақшагирии муштараку фарогир, равандҳои шаффофи ҷалб ва интихоб, таҷрибаҳои бехатари кишоварзӣ, омӯзиши мақсаднок ва беҳтар намудани омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулоддаро дар бар мегиранд.
- **КЭИ 5 – Гирифтани замин ва кӯчонидани маҷбурӣ** (Хатари паст пеш аз коҳишдиҳӣ): Ҳеҷ гуна амали аз макони зист кӯчонидан дар назар нест ва ҳама гуна истифодаи замин хусусияти ихтиёрӣ хоҳад дошт. Ҳар гуна кӯчонидани ночизи иқтисодӣ тавассути санҷиши зерлоиҳаҳо, созишномаҳои одилона ва ҷалби фарогир коҳиш дода мешавад.

- **КЭИ 6 – Ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиии зинда** (Хатари миёна пеш аз коҳишдиҳӣ): Мавҷудияти тасдиқшудаи намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордошта ва минтақаҳои муҳофизатшаванда дар доираи ландшафтҳои васеи барнома хатарҳои ғайримустақимро барои гуногунии биологӣ ба вуҷуд меорад. Ин хатарҳо тавассути санҷиши зерлоиҳаҳо, баланд бардоштани иқтидор, меъёрҳои истиснокунӣ ва тадбирҳои таҷрибаи пешқадам бо риояи тартиби коҳишдиҳӣ рафъ карда мешаванд.
- **КЭИ 7 – Мардуми бумӣ** (Хатари ночиз пеш аз коҳишдиҳӣ): Дар минтақаи татбиқи барнома ҳеҷ гуна мардуми бумӣ, ки тибқи таърифи КЭИ 7 муайян шудаанд, вуҷуд надоранд. Бо вуҷуди ин, барнома машваратҳои фарогир ва ҳассос ба фарҳангро роҳандозӣ намуда, принсипҳои КЭИ 7-ро оид ба машварати озод, пешакӣ ва огоҳона ба таври васеъ татбиқ хоҳад кард.
- **КЭИ 8 – Мероси фарҳангӣ** (Хатари паст пеш аз коҳишдиҳӣ): Бо назардошти доираи маҳдуди физикии тадбирҳои пешбинишудаи барнома, тартиби санҷиши зерлоиҳаҳо ва дарёфти тасодуфӣ, интизор меравад, ки таъсир ба мероси фарҳангӣ ҳадди ақал бошад. Бо вуҷуди ин, равиши эҳтиёткорона нисбат ба идоракунии мероси фарҳангӣ татбиқ карда мешавад.

## 1. Муқаддима

Тағйирёбии иқлим аллакай ба саросари Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ба соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин (КХҶДИЗ), инчунин ба экосистемаҳо, гуногунии биологӣ ва иқтисодиёти умумӣ таъсири амиқи худро расонида истодааст. Ин мушкилот дар якҷоягӣ бо суръати баланди таназзули замин, истифодаи аз ҳад зиёди захираҳо ва афзоиши босуръати аҳолӣ боз ҳам мураккабтар мегарданд. Хушксолиҳои пайдарпай, гармои шадид ва обхезиҳо маҳсулнокии кишоварзиро зери хатар гузошта, хавфи ноамнии озуқавориро меафзоянд. Дар минтақаҳои кӯҳистонӣ боришоти сел ва обшавии босуръати пиряхҳо боиси пайдоиши селҳо ва лағжиши замин мегарданд ва пешбинӣ мешавад, ки ҳаҷми обҳои дарёӣ то соли 2050 ба нуқтаи баландтарини худ мерасад. Ин хатарҳо ҷамоатҳои осебпазири деҳотро, ки воситаҳои рӯзгузаронӣ ва амнияти озуқаворӣи онҳо аз системаҳои истеҳсолӣ ва экосистемаҳои табиӣ сахт вобастаанд, вале аксаран захираҳои молиявӣ ва донишҳои техникии заруриро барои мутобиқшавӣ надоранд, бештар таҳти таҳдид қарор медиҳанд.

Якчанд монеаҳо ба гузариши соҳаҳои КХҶДИЗ ба сатҳи устувории фарохи иқлимӣ халал мерасонанд. Дар минтақа умуман иқтидори молиявӣ, техникӣ ва ниҳодӣ барои татбиқи самараноки чораҳои коҳишдиҳӣ ва мутобиқшавӣ намерасад. Гузашта аз ин, ҳамоҳангии маҳдуди сиёсатҳо ва ҳамкории нокифояи минтақавӣ оид ба масъалаҳои фаромарзӣ амалҳои иқлимиро маҳдуд сохта, ба табдили системаҳои КХҶДИЗ ба роҳҳои ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам (УИПК) монеъ мешаванд.

Барномаи пешниҳодшуда мақсад дорад, ки устувории аҳолии осебпазир ва экосистемаҳои фаромарзиро, ки манбаи зиндагии онҳо мебошанд, дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон тақвият бахшад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, барнома равиши ҳамгирошудаи ландшафтиро дар асоси се компоненти ба ҳам алоқаманд татбиқ мекунад:

- Компоненти 1: Фароҳам овардани муҳити мусоид барои соҳаҳои ба иқлим устувор ва дорои партовҳои карбони пастдоштаи КХҶДИЗ дар сатҳи миллӣ;
- Компоненти 2: Тарғиб ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳо ва технологияҳои ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам дар сатҳи маҳаллӣ;
- Компоненти 3: Тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ барои ҳамоҳангсозии афзалиятҳои миллӣ ва дастгирии мубодилаи дониш.

Барои омода кардани ин Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва масъалаҳои иҷтимоӣ (АТМЗИ), равиши арзёбии зерин қабул шудааст:

a) Таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳо барои ҷамъоварии маълумот дар бораи вазъи ибтидоии чаҳорчӯбаи ниҳодӣ, сиёсӣ ва меъёрӣ (боби **Error! Reference source not found.**), тавсифи экологӣ ва иҷтимоии минтақаҳои мақсаднок (боби **Error! Reference source not found.**) ва иқтидори ташкилотҳои иҷрокунандаи барнома марбут ба Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (боби **Error! Reference source not found.**);
b) Машваратҳои ҷонибҳои манфиатдор бо шарикони барнома ва баҳрабардорон дар минтақаҳои мақсаднок барои муаррифии барномаи пешниҳодшуда, баррасии эҳтиёҷот, ворид намудани донишҳои маҳаллӣ ва тақвияти ҳисси моликият (нигаред ба Замимаи 9а-и Пешниҳоди маблағгузорӣ «Хулосаи

машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор» ва Замимаи 9b «Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор»).

Арзёбӣ мутобиқи Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС) ва стандартҳои «Кафолатҳо ва Гендер»-и Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ), ки ба қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии Олмон дар соҳаи кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтаанд, гузаронида шудааст (боби **Error! Reference source not found.**).

Таҳлили хатарҳои эҳтимолӣ ва таъсироти манфии номатлуб дар боби 0 ва дар сатҳи зерлоиҳаҳо дар боби **Error! Reference source not found.** нишон дода шудааст. Дар он вазъияти ибтидоии кишварҳо (бобҳои **Error! Reference source not found.**, **Error! Reference source not found.**, **Error! Reference source not found.**) дар муқоиса бо фаъолиятҳои барнома (боби **Error! Reference source not found.**) баррасӣ мегардад. Барои ҳар як хатари эҳтимолӣ эҳтимолияти рух додан, таъсири эҳтимолии манфӣ ва потенсиали хисорот арзёбӣ шудаанд. Чораҳои коҳишдиҳӣ барои фаъолиятҳое, ки хатари миёна то баланд доранд, дар Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ) муайян карда шудаанд (нигаред ба Замимаи 7b-и Пешниҳоди маблағгузорӣ).

## 2. Тавсифи барнома

Ҳадафи асосии ин барномаи минтақавӣ рафъи хатарҳои шадиди иқлимист, ки ба соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин (КХҶДИЗ) дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таъсири амиқ мерасонанд. Дар доираи ин барнома, таваҷҷуҳи асосӣ ба водии Фарғона, инчунин ба вилоятҳои Сурхондарё ва Хатлон, ки минтақаҳои бештар осебпазир ва аз нигоҳи экологӣ муҳим ба шумор мераванд, зоҳир карда мешавад. Минтақаҳои интихобшуда ҳамвориҳои кишоварзӣ, чарогоҳҳо ва ҷангалҳои доманаву нишебии кӯҳҳоро фаро гирифта, бо ҳам зич пайвастаанд ва ҷузъи ҷудонашавандаи ландшафтҳои муттасилу фаромарзӣ маҳсуб мешаванд. Ин минтақаҳо бо навъҳои гуногуни истифодаи замин ва экосистемаҳои табиӣ хос буда, татбиқи равиши ҳамгирошудаи минтақавиро тақозо мекунанд.

Тағйирёбии иқлим тавассути баландшавии ҳарорат, афзоиши хушксолӣ ва боришотҳои шадид ба минтақаҳои интихобшуда таъсири назарраси манфӣ мерасонад. Ин омилҳо дастрасӣ ба обҳои мавсимиро тағйир дода, таъсири гармо ва хушксолиро шадидтар месозанд ва равандҳои таназзули замин, аз ҷумла эрозияи хок, лағжиши замин ва селҳоро метезонанд. Пешбинӣ мегардад, ки ин равандҳо ба тамоми системаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва экосистемаҳо таъсири занҷиравӣ расонида, боиси паст шудани маҳсулнокӣ ва устувории зироатҳо, коҳиш ёфтани иқтидори борбардории чарогоҳҳо ва харобшавии вазифаҳои экологии ҷангал мегарданд. Илова бар ин, ҳарчанд бахши энергетика сарчашмаи асосии партовҳои газҳои гулхонаӣ (ГГХ) боқӣ мемонад, ҳаҷми партовҳо аз соҳаҳои КХҶДИЗ (кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин) дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз солҳои 1990-ум инҷониб дар ҳоли афзоиш аст. Ин ҳолат ба зиёдшавии партовҳои кишоварзӣ ва коҳиш ёфтани иқтидори тарсиби карбон дар ҷангалҳо вобаста мебошад.

Равиши ҳамгирошудаи ландшафтии барнома вобастагии мутақобилаи ландшафтҳои фаромарзии интихобшударо пурра ба инобат гирифта, хатарҳои иқлимиро тавассути ба

низоми муайян даровардани банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги соҳаҳои КХҶДИЗ бо дарназардошти масъалаҳои иқлим, ҳаллу фасл менамояд. Он системаҳои қабули қарорҳоро вобаста ба иқлим ва истифодаи замин тақвият бахшида, иқтидори дастрасӣ ва идоракунии маблағгузории иқлимиро баланд мебардорад. Ҳамчунин, тавассути беҳтар намудани банақшагирии зермиллӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва сармоягузориҳои мақсаднок дар соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва чарогоҳҳо ба ҷорӣ намудани таҷрибаҳо ва технологияҳои ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам (УИПК) мусоидат мекунад.

Дар сатҳи минтақавӣ, барнома ҳамкориро тавассути равандҳои дурнамосозӣ, хатсайрҳои минтақавии КХҶДИЗ, мубодилаи дониш ва таъсиси платформаи сармоягузории иқлимӣ тақвият мебахшад, то маблағҳо барои амалҳои мутобиқшавии фаромарзӣ дуруст ҳамоҳанг ва сафарбар карда шаванд. Барнома устувории иқлимии 1 046 062 нафарро бевосита ва 1 480 919 нафарро бавосита баланд бардошта, 6,95 миллион тонна эквиваленти диоксиди карбон (партовҳои ГГХ)-ро коҳиш медиҳад ва 939 354 гектар заминро дар 180 ҷамоати се кишвар таҳти идоракунии устувор, ҳифз ё барқарорсозӣ қарор медиҳад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи умумии худ, барнома тавассути се компоненти ба ҳам алоқаманд, тавре ки дар Ҷадвали нишон дода шудааст, амалӣ карда мешавад. Ин компонентҳо дар якҷоягӣ табдили парадигмаро ба сӯи хатсайри рушди ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам (УИПК) дар соҳаҳои КХҶДИЗ дар сатҳҳои миллӣ, маҳаллӣ ва минтақавӣ ҳавасманд ва дастгирӣ мекунанд.

**Компоненти якум (миллӣ)** тавассути фароҳам овардани муҳити мусоид барои тағйирот заминаро барои табдилдиҳии системавӣ мегузорад. Он банақшагирии истифодаи замин ва системаҳои қабули қарорҳоро бо дарназардошти иқлим тақвият бахшида, вазъи молияи давлатиро беҳтар мекунад ва механизмҳои инноватсионии маблағгузориро, ки захираҳои ҳам давлатӣ ва ҳам хусусиро барои дастгирии раванди гузариш пас аз анҷоми давраи барнома сафарбар месозанд, тарғиб менамояд.

Ба ин замина такя намуда, **компоненти дуюм (маҳаллӣ)** сармоягузориҳои миқёси васеъ ва татбиқи амалиро дар сатҳи саҳроӣ дастгирӣ намуда, бевосита ба ҳадафҳои мутобиқшавӣ ба иқлим ва коҳиши партовҳои барнома мусоидат мекунад.

**Компоненти сеюм (минтақавӣ)** хусусияти фаромарзии экосистемаҳо ва мушкилоти иқлимиро тавассути ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ байни кишварҳо, мусоидат ба мубодилаи дониш ва инноватсия ва таъсиси воситаҳои молиявӣ барои идоракунии муштараки экосистемаҳо ҳаллу фасл мекунад. Барнома ба эҳтиёҷоти кишварҳо ва ҳадафҳои Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншуда (NDC) ва Бетарафии таназзули замин (LDN) ба таври муассир ҷавобгӯ буда, ҳамзамон ба афзалиятҳои Нақшаи стратегии таҷдидшудаи Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС) барои солҳои 2024-2027, бахусус ҳадафҳои 4 (озуқаворӣ), 5 (экосистема), 9 (амалҳои аз ҷониби маҳаллӣ роҳбаришаванда), 10 (хоҷагиҳои хурд, хурдтарин ва миёна) ва 11 (ниҳодҳои молиявии маҳаллӣ) саҳми назаррас мегузорад. Барнома дар асоси афзалиятҳое, ки худи шарикон тавассути машваратҳои васеи миллӣ ва маҳаллӣ муайян кардаанд, ташаккул ёфта, дар ҳамкорӣ бо мақомоти асосии давлатӣ, аз ҷумла ду ташкилоти дастрасии мустақим — Агентии рушди ҷамоатҳо ва сармоягузории Ҷумҳурии Қирғизистон (ARIS) ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар назди Кумитаи ҳифзи муҳити зист (МТЛС-КҲМЗ / CIIP-CEP) амалӣ карда мешавад. Бо рафъи норасоии назарраси маблағгузорӣ, дастгирии молиявии ХИС

ба кишварҳои мақсаднок имкон медиҳад, ки ҳадафҳои худро оид ба мутобиқшавӣ ва коҳиш додани таъсирот дар соҳаҳои КХЧДИЗ баланд бардоранд ва амалӣ созанд. Ҳамчунин, он сармоягузориҳоро ҳавасманд гардонида, захираҳои бахши хусусиро барои тавсеаи миқёс ва таъмини устуворӣ сафарбар менамояд.

*Ҷадвали 1: Шарҳи умумии компонентҳо, натиҷаҳо, маҳсулот ва фаъолиятҳо*

| Компонент | Натиҷа (натиҷаи ниҳоӣ) | Маҳсул (натиҷаи фаврӣ) | Фаъолият |
|---|---|---|---|
| **Компоненти 1: Фароҳам овардани муҳити мусоид барои соҳаҳои ба иқлим устувор ва дорои партовҳои ками КХҶДИЗ (кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин) дар сатҳи миллӣ** | Натиҷаи 1: Равандҳои банақшагирии миллӣ бо дарназардошти иқлим, муҳити меъёрӣ ва нақшаҳои ҳавасмандгардонӣ ҷорӣ гардидаанд, то ба истифодабарандагони замин имкон диҳанд, ки аз таҷрибаҳо ва технологияҳои мутобиқшавӣ ва дорои партовҳои кам манфиат гиранд. | Маҳсули 1.1: Равандҳо ва нақшаҳои ҳамгирошудаи соҳавӣ ва банақшагирии истифодаи замин бо дарназардошти иқлим дар сатҳи миллӣ ба низом (ниҳод) даровarда мешаванд. | Фаъолияти 1.1.1: Тақвияти заминаи дониш ва ба низом даровардани банақшагириву мониторинги ҳассос ба иқлим ва гендер дар сатҳи миллӣ. |
| | | | Фаъолияти 1.1.2: Ворид намудани иттилооти иқлимӣ ба платформаҳо ва нақшаҳои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ. |
| | | Маҳсули 1.2: Муҳити маблағгузории давлатӣ, ки истифодаи заминро бо дарназардошти устуворӣ ба иқлим ва партовҳои кам тарғиб мекунад, тақвият меёбад. | Фаъолияти 1.2.1: Дастгирии муҳити мусоиди маблағгузории давлатӣ барои пешбурди истифодаи фарогири замин, ки ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам аст. |
| | | Маҳсули 1.3: Маблағгузории бахши хусусӣ барои тадбирҳои УИПК (устувор ба иқлим ва дорои партовҳои кам) ва занҷирҳои арзиш сафарбар мегардад. | Фаъолияти 1.3.1: Дастгирии ниҳодҳои молиявии дохилӣ ҷиҳати беҳтар идора кардани хатарҳои иқлимӣ дар соҳаи кишоварзӣ. |
| | | | Фаъолияти 1.3.2: Таъсиси воситаҳои маблағгузории кишоварзии оқилона ба иқлим ва дастгирии бориши вомбаргҳои сабз |
| **Компоненти 2: Тарғиб ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳо ва технологияҳои дорои партовҳои кам ва ба иқлим устувор дар сатҳи маҳаллӣ** | Натиҷаи 2: Тақвияти хатсайрҳои рушди ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам барои аҳолии осебпазири деҳот (деҳқонон ва хоҷагиҳои хурд) ва экосистемаҳои фаромарзие, ки ин аҳолӣ аз онҳо вобастаанд. | Маҳсули 2.1: Равандҳо ва нақшаҳои муштараки банақшагирии КХҶДИЗ бо дарназардошти иқлим дар сатҳи зермиллӣ ба низом даровarда мешаванд. | Фаъолияти 2.1.1: Муайян кардани афзалиятҳои ҷамоатҳо дар асоси ташхиси иқлимӣ дар сатҳи ноҳияҳо. |
| | | | Фаъолияти 2.1.2: Таҳияи нақшаҳои маҳаллии мутобиқшавии КХҶДИЗ дар ландшафтҳои интихобшуда. |
| | | Маҳсули 2.2: Ҷангалҳо ва чарогоҳҳо барқарор гардида, таҳти истифодаи устувор ва ба иқлим тобовар қарор мегиранд. | Фаъолияти 2.2.1: Вусъат бахшидани татбиқи таҷрибаҳои барқарорсозии замин дар ҷангалҳои таназзулёфта дар ландшафтҳои фаромарзӣ. |
| | | | Фаъолияти 2.2.2: Вусъат бахшидани татбиқи таҷрибаҳои барқарорсозии замин дар чарогоҳҳои таназзулёфта дар ландшафтҳои фаромарзӣ. |
| | | Маҳсули 2.3: Деҳқонон барои ҷорӣ намудани таҷрибаҳо ва технологияҳои ба иқлим устувор ва дорои партовҳои | Фаъолияти 2.3.1: Густариши татбиқи таҷрибаҳо ва технологияҳои истифодаи замини УИПК дар соҳаи кишоварзӣ дар ландшафтҳои фаромарзӣ бо |

| Компонент | Натиҷа (натиҷаи ниҳоӣ) | Маҳсул (натиҷаи фаврӣ) | Фаъолият |
|---|---|---|---|
| | | кам иқтидор пайдо карда, ҳавасманд мегарданд. | таваҷҷуҳи махсус ба занон ва ҷавонон ҳамчун баҳрабардорони асосӣ |
| | | | Фаъолияти 2.3.2: Таъсиси механизмҳои молиявӣ бо мақсади муҳайё сохтани шароит барои ҷорӣ намудани таҷрибаҳои УИПК дар соҳаи кишоварзӣ. |
| | | | Фаъолияти 2.3.3: Сармоягузорӣ ба кишоварзии ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам, инчунин ба инфрасохтори марбут ба занҷираи арзиш. |
| **Компоненти 3: Ҳамкории минтақавӣ** | Натиҷаи 3: Ҳамкории минтақавӣ барои устувории иқлимӣ тақвият меёбад. | Маҳсули 3.1: Масирҳои рушди минтақавӣ бо дарназардошти иқлим барои КХҶДИЗ ва иқтидори дурнамосозӣ муқаррар карда мешаванд. | Фаъолияти 3.1.1: Тақвияти иқтидори дурнамосозӣ ва банақшагирии минтақавӣ. |
| | | | Фаъолияти 3.1.2: Таҳияи масирҳои рушди минтақавӣ бо дарназардошти иқлим барои КХҶДИЗ. |
| | | Маҳсули 3.2: Табодули дониш ва мубодилаи иттилоот дар сатҳи минтақавӣ тавассути механизмҳои устувор тақвият дода мешавад. | Фаъолияти 3.2.1: Тақвияти табодули минтақавии дониш ва мубодилаи иттилоот тавассути механизмҳои устувор |
| | | | Фаъолияти 3.2.2: Таҳияи маҷмӯаи абзорҳо барои устувории иқлимӣ. |
| | | Маҳсули 3.3: Платформаи минтақавии сармоягузории иқлимӣ таъсис меёбад. | Фаъолияти 3.3.1: Таъсиси платформаи минтақавии сармоягузории иқлимӣ. |
| | | | Фаъолияти 3.3.2: Дастгирии татбиқи амалҳои мутобиқшавӣ дар ландшафтҳои фаромарзӣ дар соҳаҳои КХҶДИЗ. |

# 3. Стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

## 3.1. Сиёсатҳои экологӣ ва иҷтимоии Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС)

### 3.1.1. Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии ХИС

**Сиёсати таҷдидшудаи экологӣ ва иҷтимоии ХИС** (GCF, 2021a) (қарори B.21/18[1]) чаҳорчӯбаи фарогири сиёсие маҳсуб меёбад, ки роҳҳои ҳамгироии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоиро ба раванди қабули қарорҳо ва амалиёти ХИС бо мақсади идоракунии самараноки хатарҳо, таъсирот ва беҳбуди натиҷаҳо муайян месозад. Тавассути ин сиёсат ХИС кафолат медиҳад, ки тамоми фаъолиятҳои маблағгузоришаванда уҳдадориҳои зеринро иҷро хоҳанд кард:

- Пешгирӣ ва дар ҳолати номумкин будани он, коҳиш додани таъсироти манфӣ ба одамон ва муҳити зист;
- Пешгирӣ ва дар ҳолати номумкин будани он, коҳиш додани хатарҳои ИЗОҶ (истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ) ба одамоне, ки таҳти таъсири фаъолиятҳои ХИС қарор мегиранд;
- Тақвияти дастрасии баробар ва одилона ба манфиатҳои рушд; ва
- Таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба ашхоси осебпазир, аҳолӣ, гурӯҳҳо ва шахсони дар канормонда, аз ҷумла занону духтарон, ҷамоатҳои маҳаллӣ, мардуми бумӣ (таҳҷоӣ) ва дигар гурӯҳҳое, ки таҳти таъсири бевосита ё эҳтимолии фаъолиятҳои ХИС қарор доранд ва ба истисмор ё дигар таъсироти манфии ғайричашмдошти лоиҳа махсусан ҳассос мебошанд.

Фаъолиятҳое, ки аз ҷониби ХИС дастгирӣ мешаванд, метавонанд барномаҳо, лоиҳаҳо ва зерлоиҳаҳоро фаро гиранд.

Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ тақозо мекунад, ки Ташкилотҳои аккредитатсияшуда (ТА) арзёбии хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла хатарҳо ва таъсироти фаромарзиро анҷом диҳанд. Ин кафолат медиҳад, ки тамоми фаъолиятҳои барои маблағгузории ХИС пешниҳодшуда ба **кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ** мутобиқи стандартҳо ва сиёсати КЭИ ҷавобгӯ мебошанд. Арзёбии экологӣ ва иҷтимоӣ бояд бо тарзе гузаронида шавад, ки ба таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалии соҳавӣ пайравӣ кунад, алтернативаҳои беҳтаринро муайян намояд ва дидгоҳи ҳамгирошудаву мутавозинро вобаста ба хатарҳо ва таъсироти экологӣ ва иҷтимоӣ, мутобиқи стандартҳои ХИС ва талаботи Ташкилотҳои аккредитатсияшуда таъмин созад. Ин арзёбӣ инчунин бояд омилҳои экологӣ ва иҷтимоиеро, ки метавонанд ба ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда таъсир расонанд, ба эътибор гирифта, дар мавридҳои дахлдор хатарҳо ва таъсироти экологӣ ва иҷтимоии болооб ва поёноб, инчунин таъсир ба экосистемаҳоро дар бар гирад ва имкониятҳои тақвияти натиҷаҳо ва манфиатҳои мусбати экологӣ ва иҷтимоиро муайян намояд.

Дар айни замон, ХИС **Стандартҳои фаъолияти (СФ) Корпоратсияи Байналмилалии Молиявиро** (IFC) ҳамчун Стандартҳои муваққатии КЭИ-и худ истифода мебарад, ки

---

[1] https://www.greenclimate.fund/document/revised-environmental-and-social-policy

онҳо соли 2014[2] аз ҷониби Шӯрои ХИС тасдиқ шудаанд. Тавсифи муфассали ин стандартҳо дар сомонаи[3] расмии IFC дастрас аст.

*Ҷадвали 2: Шарҳи умумии стандартҳои КЭИ-и ХИС*

| Стандарти КЭИ | Тавсиф |
|---|---|
| КЭИ 1: Арзёбӣ ва идоракунии хатарҳо ва таъсироти экологӣ ва иҷтимоӣ | КЭИ 1 масъулиятҳои ташкилотҳоро оид ба арзёбӣ, идоракунӣ, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ вобаста ба хатарҳо ва таъсироти экологӣ ва иҷтимоии марбут ба ҳар як марҳилаи фаъолияти аз ҷониби ХИС маблағгузоришаванда муайян мекунад, то натиҷаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ба Стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ бошанд. Ташкилотҳо АТМЗИ-и фаъолиятҳои маблағгузоришавандаро барои арзёбии хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, таъсирот ва вобастагиҳои лоиҳа анҷом медиҳанд. |
| КЭИ 2: Меҳнат ва шароити корӣ | КЭИ 2 эътироф мекунад, ки ҷустуҷӯи рушди иқтисодӣ тавассути таъсиси ҷойҳои корӣ ва ба даст овардани даромад бояд бо ҳифз ва эҳтироми ҳуқуқҳои бунёдии коргарон ҳамроҳ бошад. КЭИ 2 зарурати муносибати одилона, аз ҷумла фароҳам овардани шароити бехатар ва солими меҳнатро муқаррар мекунад. |
| КЭИ 3: Самаранокии захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ | КЭИ 3 эътироф мекунад, ки афзоиши фаъолияти иқтисодӣ ва урбанизатсия аксаран сатҳи ифлосшавии ҳаво, об ва заминро баланд бардошта, захираҳои маҳдудро бо тарзе масраф мекунанд, ки метавонад ба одамон ва муҳити зист дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таҳдид намояд. КЭИ 3 талаботро барои идоракунии истифодаи захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ, аз ҷумла пайравӣ ба принсипҳои иқтисодиёти даврӣ ва сармоягузории масъулиятнок муайян мекунад. Партовҳои газҳои гулхонаӣ ва карбони таҷассумёфта низ дар ин Стандарт ба инобат гирифта мешаванд. Дар ҳолатҳое, ки зерлоиҳаҳо бунёди инфрасохтори физикиро дар бар мегиранд, онҳо бояд имкониятҳои беҳтар кардани самаранокии захираҳоро баррасӣ кунанд. Лоиҳаҳое, ки тибқи пешгӯиҳо солона беш аз 25 000 тонна эквиваленти CO2 партов хоҳанд дошт, бояд ҳаҷми партовҳоро ҳисоб карда, ошкор намоянд. Коҳиш додани тағйирёбии иқлим низ дар ин Стандарт ба назар гирифта шудааст. |
| КЭИ 4: Саломатӣ, бехатарӣ ва амнияти ҷомеа | КЭИ 4 ба таҷрибаҳои масъулиятнок барои коҳиш додани хатарҳои марбут ба саломатӣ, бехатарӣ ва амнияти ҷамоатҳо дахл дорад. Он масъалаҳои ҳифзи кормандон ва амволро мутобиқи принсипҳои дахлдори ҳуқуқи инсон шарҳ медиҳад. КЭИ 4 ба осебпазирии ҷомеа аз таъсирот ва хатарҳое, ки дар натиҷаи фаъолиятҳо, таҷҳизот ва инфрасохтори лоиҳа ба вуҷуд меоянд, тамаркуз мекунад. Аҳамияти мутобиқшавӣ ба иқлим дар идоракунии ин масъалаҳо бо назардошти зуд-зуд тағйир ёфтани вазъи ибтидоӣ, аз ҷумла тағйирот дар маконҳои зист ва ҳайати ҷамоатҳо, боз ҳам бештар мегардад. Ин Стандарт эътироф мекунад, ки фаъолиятҳои инфрасохторӣ метавонанд ба одамон ва захираҳои табиӣ берун аз минтақаи фарогирии лоиҳа таъсир расонанд ва мақомоти давлатӣ дар пешбурди саломатӣ, бехатарӣ ва амнияти аҳолӣ нақши калидӣ мебозанд. Стандарт масъулияти ташкилотҳои дахлдорро ҷиҳати пешгирӣ ё ба ҳадди ақал расонидани хатарҳо ва таъсирот ба ҷомеа, саломатӣ, бехатарӣ ва амният, ки метавонанд аз фаъолиятҳои марбут ба лоиҳа бароянд, муқаррар мекунад. |
| КЭИ 5: Гирифтани замин ва кӯчонидани маҷбурӣ | КЭИ 5 идоракунии гирифтани замин, маҳдудиятҳоро оид ба истифодаи замин, дастрасӣ ба дороиҳо ва захираҳои табиӣ, аз макони зист кӯчонидан ё маҳрумияти иқтисодӣ ва кӯчонидани маҷбуриро дар ҳолатҳои ногузир будани онҳо фаро мегирад. Ин баррасии чораҳои коҳишдиҳӣ, аз қабили ҷуброни одилона ва беҳтар намудани шароити зистро дар бар мегирад. КЭИ 5 тартиби идоракунии масъалаҳои марбут ба гирифтани замин ва кӯчонидани маҷбуриро |

[2] Source: Virtual Stakeholder Consultation on the topic of the development of the GCF's ESS - Stage 1: scoping | Green Climate Fund
[3] Source: https://www.ifc.org/wps/wcm/connect/topics_ext_content/ifc_external_corporate_site/sustainability-at-ifc/policies-standards/performance-standards

| Стандарти КЭИ | Тавсиф |
|---|---|
| | баррасӣ мекунад. Дар тӯли даҳсолаи пас аз таҳияи ин Стандарт таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус ба ҳассосияти ин мавзуъ, бештар гардида, сабақҳои омӯхташудаи вобаста ба он мубодила шудаанд. |
| КЭИ 6: Ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиии зинда | КЭИ 6 эътироф мекунад, ки ҳифз ва нигоҳдории гуногунии биологӣ, нигоҳдории хизматрасониҳои экосистемавӣ ва идоракунии дурусти захираҳои табиии зинда асоси рушди устувор ба шумор рафта, роҳҳои ноил шудан ба ин мақсадҳоро нишон медиҳад. Робитаҳои қавӣ миёни тағйирёбии иқлим ва гуногунии биологӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бӯҳронҳои кунунӣ дар ҳарду самт ба ҳам сахт пайвастаанд. |
| КЭИ 7: Мардуми бумӣ | Ҳадафи КЭИ 7 коҳиш додани таъсироти манфӣ, мусоидат ба эҳтироми ҳуқуқи инсон, шаъну шараф ва фарҳанги мардуми бумӣ ва пешбурди манфиатҳои рушд бо роҳҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ мувофиқ мебошад. Ин баррасии Розигии озод, пешакӣ ва огоҳонаи (РОПО) ҷамоатҳои таҳти таъсир қарордоштаи мардуми бумиро, инчунин эҳтиром ва ҳифзи фарҳанг, дониш ва таҷрибаҳои онҳоро дар бар мегирад. КЭИ 7 тарзи ворид намудани масъалаҳои мардуми бумиро дар идоракунӣ ва татбиқи фаъолиятҳои маблағгузоришавандаи ХИС баррасӣ мекунад. Соли 2018 ХИС Сиёсати худро оид ба мардуми бумӣ нашр кард. Раванди таҳияи ин Сиёсат баррасӣ ва таҳлили дақиқи равишҳои сармоягузорони дигарро фаро гирифт, ки дар натиҷа, сиёсати бодиққат тартибёфта ва муфассал ба вуҷуд омад. |
| КЭИ 8: Мероси фарҳангӣ | Ҳадафи КЭИ 8 роҳнамоӣ кардани ширкатҳо дар самти ҳифзи мероси фарҳангӣ аз таъсироти манфии фаъолиятҳои лоиҳа ва дастгирии нигоҳдории он мебошад. Ин ҳифзи мероси фарҳангиро аз таъсироти манфӣ ва мусоидат ба тақсимоти одилонаи манфиатҳо аз истифодаи мероси фарҳангиро дар бар мегирад. Агар мероси фарҳангӣ яке аз масъалаҳои муҳими лоиҳа ба шумор равад, ин таҳияи ҳатмии Нақшаи идоракунии мероси фарҳангиро тақозо мекунад. |

### 3.1.2. Сиёсат оид ба пешгирӣ ва ҳимоя аз истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ (ИЗОҶ)

Истисмор ва зӯроварии ҷинсӣ шаъну шарафи инсон ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшударо поймол намуда, ҳамеша ҳамчун рафтори қобили қабул маҳсуб намеёбанд. Озори ҷинсӣ маъмулан аз фарҳанги табъиз ва имтиёзҳое сарчашма мегирад, ки бар муносибатҳои нобаробар ва таносуби қудрат асос ёфтаанд. **Сиёсати ХИС оид ба пешгирӣ ва ҳимоя аз истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ** (GCF, 2021b) сиёсати таҳаммулнопазирии қатъиро нисбат ба ИЗОҶ муқаррар мекунад. Он ӯҳдадориҳои дақиқро барои шахсони фарогирифтаи ХИС ва шарикони он ҷиҳати пешгирӣ ва вокуниш ба ИЗОҶ, инчунин худдорӣ кардан аз сафедкунӣ, ҳавасмандкунӣ, иштирок ё даст задан ба ИЗОҶ муайян месозад.

Илова бар ин, **Сиёсати таҷдидшудаи экологӣ ва иҷтимоии ХИС**[4] муқаррар мекунад, ки тамоми фаъолиятҳои дастгиришавандаи ХИС ӯҳдадор мешаванд, ки хатари ИЗОҶ-ро нисбат ба одамоне, ки таҳти таъсири лоиҳаҳои маблағгузоришаванда қарор мегиранд, пешгирӣ кунанд ва дар ҳолати номумкин будани пешгирӣ, онро ба ҳадди ақал расонанд. Ин Сиёсат аз ҷумла тақозо мекунад, ки ҳангоми рух додани ҳодисаҳои ИЗОҶ: i) Механизмҳои баррасии шикоятҳои дастрас, фарогир, ба ҷабрдида нигаронидашуда ва ҳассос ба гендер, аз ҷумла расмиёти махсус барои ИЗОҶ амал кунанд; ва ii)

[4] GCF B.BM-2021/18 Revised environmental and social policy https://www.greenclimate.fund/sites/default/files/document/revised-environmental-and-social-policy.pdf

механизмҳо барои ҷабрдидагон хизматрасониҳо ва ҷуброни саривақтиро таъмин намоянд.

### 3.1.3. Сиёсат оид ба мардуми бумӣ

**Сиёсати ХИС оид ба мардуми бумӣ** (GCF, 2018) дар ҳолатҳое татбиқ мегардад, ки мардуми бумӣ дар ҳудудҳое, ки фаъолиятҳои маблағгузоришавандаи ХИС амалӣ мешаванд, ҳузур дошта бошанд ё ба ин ҳудудҳо пайванди дастаҷамъӣ ё ҳуқуқ дошта бошанд (ё дар гузашта доштанд). Ин инчунин он мардуми бумиеро фаро мегирад, ки дар тӯли ҳаёти аъзои ҷамоат ё гурӯҳ, бо сабаби ҷудокунии маҷбурӣ, низоъҳо, барномаҳои давлатии кӯчонидан, маҳрум шудан аз замин, офатҳои табиӣ ё ҳамроҳ кардани ин ҳудудҳо ба минтақаҳои шаҳрӣ, пайванди дастаҷамъии худро ба маконҳои зист ё қаламравҳои аҷдодии минтақаи лоиҳа аз даст додаанд.

Ин Сиёсат (қарори B.19/11[5]) эътироф мекунад, ки мардуми бумӣ аксаран ҳувият ва ормонҳое доранд, ки аз гурӯҳҳои асосии ҷомеаҳои миллӣ фарқ карда, маъмулан аз моделҳои анъанавии коҳишдиҳӣ, мутобиқшавӣ ва рушд зарар мебинанд. Дар бисёр мавридҳо, мардуми бумӣ ба қатори қишрҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ бештар канормонда ва осебпазири аҳолӣ дохил мешаванд. Вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии мардуми бумӣ аксаран тавонмандии онҳоро барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳояшон нисбат ба замин, ҳудудҳо, захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ маҳдуд сохта, метавонад иштирок ва манфиатгирии онҳоро аз ташаббусҳои рушд ва амалҳои марбут ба иқлим коҳиш диҳад. Дар аксари мавридҳо, онҳо ба манфиатҳои лоиҳа дастрасии одилона надоранд ё ин манфиатҳо ба тарзи аз ҷиҳати фарҳангӣ мувофиқ таҳия ва пешниҳод намешаванд; инчунин ҳангоми тарҳрезӣ ё амалисозии фаъолиятҳое, ки ба ҳаёт ё ҷамоатҳои онҳо таъсири амиқ мерасонанд, на ҳамеша бо онҳо ба таври кофӣ машварат гузаронида мешавад. Сиёсат оид ба мардуми бумӣ барои ХИС, Ташкилотҳои аккредитатсияшуда (ТА) ва Мақомоти миллии ваколатдор (ММВ) ҳатмӣ мебошад. Сиёсати мазкур кафолатҳои қатъиро барои ҳамаи лоиҳаҳо/зерлоиҳаҳо/барномаҳое, ки мардуми бумиро фаро мегиранд, муқаррар мекунад. Одамоне, ки таҳти таъсири эҳтимолии барнома қарор доранд, метавонанд "гурӯҳҳои қавмӣ"-ро дар бар гиранд, ки тибқи таърифи ин Сиёсат ба "мардуми бумӣ" баробар дониста мешаванд. Агар КЭИ 7 мавриди татбиқ қарор гирад, Нақшаи мардуми бумӣ (НМБ) ҳамчун ҳуҷҷати алоҳида таҳия карда мешавад.

### 3.1.4. Баробарии гендерӣ

Сиёсати гендерии ХИС[6] (B.24/12[7]) эътироф мекунад, ки муносибатҳо, нақшҳо ва масъулиятҳои гендерӣ ба дастрасӣ ва назорати занон ва мардон аз болои қарорҳо, дороиҳо, захираҳо, иттилоот ва дониш таъсири муҳим мерасонанд. Он инчунин эътироф мекунад, ки таъсироти тағйирёбии иқлим метавонанд нобаробариҳои мавҷудаи гендериро шадидтар гардонанд. Сиёсати гендерӣ минбаъд таъкид мекунад, ки ташаббусҳои марбут ба иқлим замоне устувортар ва одилонатар мегарданд ва ба ҳадафҳои худ муваффақона ноил мешаванд, ки масъалаҳои баробарии гендерӣ ва тавсеаи имкониятҳои занон ба раванди тарҳрезӣ ва татбиқи лоиҳаҳову зерлоиҳаҳо ворид карда шаванд. Ин Сиёсат инчунин эътироф мекунад, ки занон ва ҷамоатҳои

[5] Indigenous Peoples Policy | Green Climate Fund
[6] Gender policy | Green Climate Fund
[7] Updated Gender Policy and Action Plan 2020–2023 | Green Climate Fund

осебпазир ҷузъи ҳалли мушкилоти тағйирёбии иқлим мебошанд ва аз ин рӯ, бояд ба мубоҳисаҳо ва қарорҳое, ки ба онҳо дахл доранд, ба таври муассир ҷалб карда шаванд. Сиёсати гендерии ХИС се ҳадафи асосӣ дорад:

- Дастгирии мудохилаҳо ва инноватсияҳои марбут ба тағйирёбии иқлим тавассути равиши маҷмӯии гендерӣ, ки ҳам дар дохили ниҳод ва ҳам аз ҷониби шабакаи шарикони он, аз ҷумла ТА, ММВ, нуқтаҳои тамос ва шарикони иҷрокунанда барои фаъолиятҳо дар доираи Барномаи омодагӣ ва дастгирии омодагии ХИС татбиқ мегардад;
- Мусоидат ба сармоягузориҳои иқлимӣ, ки:
  - баробарии гендериро тавассути амалҳои коҳишдиҳӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим пеш мебаранд;
  - хатарҳои иҷтимоӣ, гендерӣ ва иқлимиро дар тамоми амалҳои марбут ба тағйирёбии иқлим ба ҳадди ақал мерасонанд;
- Саҳм гузоштан дар коҳиши нобаробарии гендерӣ дар осебпазириву маҳрумиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, ки бар асари тағйирёбии иқлим шадидтар мегарданд, тавассути сармоягузориҳои иқлимии ХИС, ки масъалаҳои баробарии гендериро ба ҷараёни асосӣ ворид мекунанд.

### 3.2. Сиёсатҳо ва стандартҳои экологӣ ва иҷтимоии Ҳукумати Олмон

Ҳамчун агентии иҷрокунандаи Ҳукумати Олмон, GIZ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ уҳдадор аст, ки қонунҳо ва санадҳои меъёрии Олмонро дар соҳаи кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ риоя намояд. Илова бар ин, барои амалиётҳои GIZ сиёсатҳои мушаххаси ҳукуматӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд.

#### 3.2.1. Системаи идоракунии “Кафолатҳо + Гендер”-и GIZ

Аз соли 2017 инҷониб, GIZ дар ҳар як марҳилаи идоракунии фармоишҳо, дар тамоми бахшҳои фаъолияти худ ва бо тамоми фармоишгарон Системаи идоракунии "Кафолатҳо + Гендер"-ро[8] татбиқ намуда истодааст. Дар сатҳи институтсионалӣ, GIZ хатарҳои экологӣ ва иҷтимоиро якҷоя бо масъалаҳои гендерӣ дар як чаҳорчӯбаи ягона таҳти унвони "Системаи идоракунии Кафолатҳо + Гендер" баррасӣ мекунад. Мутахассисони Дафтари "Кафолатҳо + Гендер" дар Дастгоҳи марказии GIZ риояи қоидаҳо ва муқаррароти онро таъмин намуда, оид ба таҳлил ва арзёбии хатарҳо, муайян кардани чораҳои муносиби коҳишдиҳӣ, инчунин дарёфти имкониятҳо барои манфиатҳои иловагӣ дар самтҳои сиёсати кафолатҳо вобаста ба муҳити зист, ҳифзи иқлим ва мутобиқшавӣ ба он, ҳассосияти низоъҳо ва контекстҳо, ҳуқуқи инсон ва гендер маслиҳат медиҳанд.

Барои хатари иқлимӣ, арзёбӣ он хатарҳоеро дар бар мегирад, ки ба устувории иқлимӣ (яъне, иқтидори мутобиқшавӣ)-и одамон, экосистемаҳо ва/ё инфрасохтор, инчунин ба партовҳои ГГХ (газҳои гулхонай), ки аз фаъолиятҳои лоиҳа ба вуҷуд меоянд, таъсири назаррас мерасонанд.

Системаи идоракунии "Кафолатҳо + Гендер"-и GIZ ҳамчун системаи мутобиқ ба Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии ХИС дар доираи аккредитатсияи ибтидоии GIZ ҳамчун Ташкилоти

[8] Safeguards+Gender management system (giz.de)

аккредитатсияшуда (ТА) барои ХИС дар соли 2017 ва аккредитатсияи такрорӣ дар аввали соли 2024 арзёбӣ ва эътироф шудааст.

### 3.2.2. Истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ (ИЗОҶ)

GIZ ҳеҷ гуна шакли истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсиро дар ширкат таҳаммул намекунад ва тамоми кормандон вазифадоранд сиёсати GIZ-ро оид ба манъи озори ҷинсӣ дар ҷои кор, ки дар санадҳои зерин сабт шудааст, риоя намоянд:

- Сиёсати GIZ оид ба манъи озори ҷинсӣ дар ҷои кор;
- Кодекси ахлоқии GIZ;
- Кодекси рафтори GIZ;
- Сиёсати GIZ оид ба ҳуқуқи инсон.

GIZ фарҳанги корпоративиеро пеш мебарад, ки ба арзишҳо ва принсипҳои умумибашарии ахлоқӣ[9] асос ёфтааст. Беайбӣ, ростқавлӣ, эҳтиром ба шаъну шарафи инсон, ошкорбаёнӣ ва роҳ надодан ба табъиз дар маркази ин фарҳанг қарор доранд; GIZ коррупсия ва ришвахориро қатъиян рад намуда, аз ҳуқуқи инсон[10] пуштибонӣ мекунад.

Принсипҳои ахлоқӣ, арзишҳо ва эътиқодҳои GIZ[11] дар Кодекси ахлоқӣ муқаррар шудаанд. Ҳадафи он роҳнамоӣ кардани амалҳои кормандони GIZ ва шахсоне мебошад, ки мо бо онҳо ҳамкорӣ мекунем. GIZ сиёсати махсуси манъи озори ҷинсӣ дар ҷои кор дорад, ки ба муҷозотҳои мавҷуда дар сиёсати Захираҳои инсонии (ЗИ) он такя мекунад. Аз соли 2021 инҷониб, як воҳиди махсус дар дохили шуъбаи Мутобиқат ва беғаразӣ барои масъалаҳои ИЗОҶ масъул буда, инчунин механизми баррасии шикоятҳоро пешниҳод менамояд.

Ҳуқуқҳои кӯдакон ҷузъи муҳими равиши GIZ нисбат ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. GIZ масъулияти ҳифзи кӯдаконро дар фаъолиятҳои тиҷоратии худ ҷиддӣ қабул мекунад. Сиёсати ҳифзи кӯдакони GIZ ба Кодекси ахлоқӣ ва системаи арзишҳои GIZ мувофиқ аст. Ин сиёсат ба чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак роҳнамоӣ мешавад.

Ҳамчун як қисми арзёбии хатарҳои контекстӣ ва муқаррароти ҳуқуқи инсон (КЭИ 1, КЭИ 4), шаклҳои гуногуни зӯроварӣ ҳамчун падидаҳои контекстӣ дар муҳити лоиҳа, аз қабили зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ, равонӣ ва/ё сохторӣ, қудрат, қувва ва/ё таҳдидҳо, муносибатҳои қудратӣ дар маҷмӯъ, табъиз нисбат ба гурӯҳҳои аҳолӣ ва намунаҳои коррупсия таҳлил карда шуда, дар сурати ошкор гардидани чунин хатарҳо ҳаллу фасл мегарданд. Вобаста ба Ташкилотҳои иҷрокунанда (ТИ), диққати асосии GIZ ба тақвияти иқтидори ташкилотҳо ҷиҳати ҳалли парвандаҳои ИЗОҶ тавассути механизмҳои пешгирии онҳо равона карда мешавад.

---

[9] Ethics and Integrity (giz.de)
[10] GIZ Human Rights
[11] Code of ethics.pdf (giz.de)

**Гендер ва баробарӣ**

Ҳукумати эътилофии Олмон сиёсати феминистии хориҷӣ ва рушдро пайгирӣ мекунад. Равиши сиёсати феминистӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад: равиши табдилдиҳандаи гендерӣ (трансформатсионӣ), байнисоҳавӣ ва асосёфта ба ҳуқуқи инсон; фаҳмиши фарогири гендерӣ; пешбурди ҳуқуқҳо, намояндагӣ ва захираҳои занон, духтарон ва гурӯҳҳои дар канормонда; амалиёти муштараки бисёрҷониба; ва ҳамкории зич бо ҷомеаи шаҳрвандӣ (феминистӣ). Вазорати федералии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Олмон (BMZ) мақсад дорад, ки то соли 2025 ҳиссаи лоиҳаҳо ва барномаҳоеро, ки баробарии гендериро ҳамчун ҳадафи муҳим пайгирӣ мекунанд, то 85% ва лоиҳаҳову барномаҳоеро, ки баробарии гендерӣ ва тавсеаи имкониятҳои занонро ҳамчун ҳадафи асосии худ мешуморанд, то 8% расонад. Ҳам BMZ[12] ва ҳам Вазорати корҳои хориҷии Олмон[13] стратегияҳои нави худро дар моҳи марти соли 2023 муаррифӣ карданд. Илова бар ин, BMZ моҳи декабри соли 2023 Нақшаи нави чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендериро (GAP) роҳандозӣ намуд.

Стратегияи гендерии "Рӯйкарди нави гендерӣ: Биниш ба муносибат ниёз дорад ва муносибат ба амал мепайвандад"[14] роҳнамо ва чаҳорчӯбаи устувори ҳисоботдиҳиро барои пешбурди ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи одамон, новобаста аз ҷинс, тамоюли ҷинсӣ ва ҳувияти гендерии онҳо, дар дохили GIZ ва дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои мо бо шариконӣ рушд ва фармоишгарон фароҳам меорад. GIZ бо Меъмории гендерии худ, коршиносони содиқ, беш аз 500 шахсони масъули гендерӣ ва Системаи идоракунии "Кафолатҳо + Гендер" комилан омода аст, ки талаботи Сиёсати гендерии ХИС-ро иҷро намуда, татбиқ ва амалисозии сиёсати феминистии хориҷӣ ва рушди Олмонро осон гардонад.

Таҳлили гендерӣ ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ҳамчун ҳуҷҷатҳои алоҳида таҳия карда мешаванд.

### 3.2.3. Шикоятҳо ва ифшо кардан

Ҳифзи ифшогарон[15] (шахсоне, ки дар бораи қонуншиканиҳо хабар медиҳанд) афзалияти аввалиндараҷа дорад. Системаи таъсисдодаи GIZ оид ба ифшогарӣ[16] каналҳои гуногуни гузоришдиҳиро пешниҳод мекунад, ки метавонанд ба таври беном ва аз ҷониби ҳар як шахс истифода шаванд. Шикоятҳо ва гузоришҳо дар бораи вайронкунии қонун, қоидаҳо ё қонуншиканиҳои танзимкунанда аз ҷониби кормандон ё шахсони сеюм (масалан, провайдерҳои хизматрасониҳои шартномавӣ, гирандагони маблағгузорӣ) вобаста ба фаъолияти GIZ метавонанд тавассути Портали онлайнии ифшогарон, бахусус оид ба масъалаҳои зерин пешниҳод шаванд:

- Коррупсия ва ришвахорӣ;
- Азонихудкунӣ, қаллобӣ ва тасарруфи маблағ;
- Бархӯрди манфиатҳо;
- Рафтори номатлуби ҷинсӣ ва истисмори ҷинсӣ;
- Вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон;

---

[12] Feminist development policy | BMZ
[13] Feminist Foreign Policy - Federal Foreign Office (auswaertiges-amt.de)
[14] GIZ Gender Strategy. Gender reloaded: Vision needs Attitude – Attitude meets Action
[15] Introduction (bkms-system.com)
[16] GIZ Whistleblowing

- Вайронкунии уҳдадориҳои марбут ба муҳити зист (вайронкунии қонунгузории экологӣ).

Шуъбаи мутобиқат ва беайбии GIZ барои идораи ин система масъул аст. GIZ ҳамаи гузоришҳоро пайгирӣ намуда, тавассути расмиёти стандартишуда ва шаффоф тафтишоти қатъӣ ва одилонаро кафолат медиҳад. Кодекси рафтори GIZ муқаррар мекунад, ки ҳеҷ як шахсе, ки дар ҳолатҳои асоснок маълумот пешниҳод мекунад, набояд ба ҳеҷ гуна маҳрумият дучор шавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки худи ӯ дар вайрон кардани Кодекс ё дигар қоидаҳо иштирок карда бошад. Шикоятҳо ва гузоришҳо метавонанд ба ҳама гуна намояндагиҳои кишварӣ ё офисҳои лоиҳавии GIZ ба таври хаттӣ ё дар ҳолати зарурӣ бо дархости воҳӯрӣ пешниҳод гарданд.

Барои ҳалли шикоятҳо ё нигарониҳое, ки метавонанд аз ҷониби баҳрабардорон ё шахсони сеюм дар ҷараёни амалисозӣ ба миён оянд, МБШ-и махсуси лоиҳа таъсис дода мешавад. МБШ равиши ҳассос ба гендерро ба инобат мегирад, то шикоятҳои марбут ба ИЗОҶ низ ба таври муассир ҳаллу фасл гарданд.

# 4. Чаҳорчӯбаи институтсионалӣ, сиёсӣ ва меъёрии марбут ба КЭИ дар кишварҳои мизбон

## 4.1. Шартномаҳо, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ

Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон як қатор шартномаҳо, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалиро қабул ва ба тасвиб расонидаанд (ба Замимаи 3 нигаред). Муҳимтарини онҳо дар зер мухтасар баён шудаанд.

**Тағйирёбии иқлим:** Ҳамаи кишварҳо шартномаҳо, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалии зеринро марбут ба тағйирёбии иқлим ба тасвиб расонидаанд:

- Созишномаи Париж (2015);
- Протоколи Киото (1997);
- Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (UNFCCC) (1992).

**Муҳити физикӣ:** Ҳамаи кишварҳо шартномаҳо, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалии зеринро вобаста ба муҳити физикӣ ба тасвиб расонидаанд:

- Конвенсияи Стокҳолм оид ба ифлоскунандаҳои органикии устувор (2004);
- Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо биёбоншавӣ (1994);
- Конвенсияи Базел оид ба назорати интиқоли фаромарзии партовҳои хатарнок ва безараргардонии онҳо (1989);
- Протоколи Монреал оид ба моддаҳое, ки қабати озонро вайрон мекунанд (1987);
- Конвенсияи Вена оид ба ҳифзи қабати озон (1985).

**Гуногунии биологӣ:** Ҳамаи кишварҳо шартномаҳо, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалии зеринро марбут ба гуногунии биологӣ ба тасвиб расонидаанд:

- Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ (1992);
- Конвенсия оид ба ҳифзи намудҳои ҳайвоноти ёбоии кӯчӣ (CMS/Bonn) (1979);
- Конвенсия оид ба савдои байналмилалии намудҳои наботот ва ҳайвоноти ёбоии зери хатари нобудшавӣ қарордошта (CITES) (1973);
- Конвенсия оид ба ботлоқзорҳо/Конвенсияи Рамсар (1971).

**Меҳнат:** Ҳамаи кишварҳо як қатор конвенсияҳо ва протоколҳои Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ)-ро, ки меҳнат, меҳнати кӯдакон, шуғл ва баробарии муносибатро ба танзим медароранд, ба тасвиб расонидаанд (СБМ, бе сол):

- Ҷумҳурии Қирғизистон 55 конвенсия ва 1 протоколро ба тасвиб расонидааст;
- Тоҷикистон 50 конвенсия ва 1 протоколро ба тасвиб расонидааст;
- Ӯзбекистон 25 конвенсия ва 1 протоколро ба тасвиб расонидааст.

**Ҳуқуқи инсон:** Ҳамаи кишварҳо як қатор санадҳои байналмилалиро оид ба ҳуқуқи инсон ба тасвиб расонидаанд (Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, бе сол):

- Ҷумҳурии Қирғизистон 12 санадро ба тасвиб расонидааст;
- Тоҷикистон 10 санадро ба тасвиб расонидааст;
- Ӯзбекистон 10 санадро ба тасвиб расонидааст.

### 4.2. Сиёсатҳо, стратегияҳо/созишномаҳо ва чаҳорчӯбаи ҳуқуқии миллӣ

#### 4.2.1. Ҷумҳурии Қирғизистон

**Маълумотнома оид ба муқаррар намудани стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ барои лоиҳаи сармоягузорӣ**

- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (соли 1999)** чаҳорчӯбаи миллиро барои ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор муқаррар мекунад. Он стандартҳои сифати муҳити зистро муайян намуда, уҳдадориҳои ташаббускорони лоиҳаҳоро муқаррар месозад ва заминаи ҳуқуқиро барои арзёбии таъсир ба муҳити зист, назорати ифлосшавӣ ва мониторинги экологӣ фароҳам меорад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳифзи қабати озон» (соли 2006)** ҳадаф дорад, ки саломатии инсон ва муҳити зистро тавассути пешгирии вайроншавии қабати озон ҳифз намояд. Он идоракунӣ, муомилот ва иҷозатномадиҳии моддаҳои вайронкунандаи қабати озонро мутобиқи созишномаҳои байналмилалӣ ба танзим даровarda, маҳдуд месозад ва назорат мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» (соли 1999; дар таҳрири соли 2016)** заминаи ҳуқуқиро барои пешгирӣ ва коҳиш додани ифлосшавии ҳаво дар Қирғизистон муқаррар мекунад. Он партовҳоро аз манбаъҳои статсионарӣ ва сайёр ба танзим даровarda, стандартҳои сифати ҳаво ва партовҳоро муқаррар месозад ва талаботро барои гирифтани иҷозатнома ва мониторинги экологӣ муайян мекунад. Тағйиру иловаҳои соли 2016 назоратро аз болои моддаҳои ифлоскунанда пурзӯр намуда, масъулияти корхонаҳоро дар самти ҳифзи сифати ҳаво дақиқтар гардониданд.
- **Амри Кабинети вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон (аз 9 апрели соли 2025, таҳти № 265-р)** ба пешбурди маъракаи миллии «Жашил Мурас» («Мероси сабз»), коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим, беҳдошти муҳити зист, тавсеаи майдонҳои ҷангалзор ва минтақаҳои сабз, инчунин ба ҳифзи ҷангалҳо барои наслҳои оянда равона шудааст.
- **Регламенти умумии техникӣ оид ба таъмини амнияти экологӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 2009; навсозии соли 2019)** чаҳорчӯбаи миллиро барои ҳифзи муҳити зист ва амнияти экологӣ дар Қирғизистон муқаррар мекунад. Ҳадафи он таъмин намудани он аст, ки тамоми фаъолиятҳои иқтисодӣ ва фаъолиятҳои дигар тавре сурат гиранд, ки тавассути муқаррар намудани талаботи ҳатмии амнияти экологӣ аз расонидани зарар ба муҳити зист, саломатии инсон ва молу мулк пешгирӣ карда шавад.
- **Барномаи рушди миллии Ҷумҳурии Қирғизистон то соли 2030** дурнамои дарозмуддати Қирғизистонро то соли 2030 муайян намуда, ба рушди динамикӣ ва устувор, ки ба рушди иқтисодӣ, некӯаҳволии иҷтимоӣ ва идоракунии масъулиятнок асос ёфтааст, равона мебошад. Он ба ҳамкории васеи байни давлат, тиҷорат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалӣ барои тақвияти устувории миллӣ, навсозии ниҳодҳо ва фароҳам овардани шароит барои саҳмгузории ҳар як шаҳрванд дар шукуфоии кишвар таъкид мекунад.
- **Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Қирғизистон то соли 2040** ҳадафҳои дарозмуддатро барои рушди миллӣ, истифодаи устувори захираҳо, саломатии аҳолӣ, меҳнат ва рушди кишоварзӣ муайян мекунад. Он ба амнияти озуқаворӣ,

мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, идоракунии замин, таъминоти об ва тақвияти ташкилотҳои кооперативӣ ва тадбирҳои молиявӣ барои кишоварзӣ диққати махсус медиҳад.

**Гуногунии биологӣ**

- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» (соли 1999)** раванди баррасии давлатии экологиро барои лоиҳаҳо ва фаъолиятҳои пешниҳодшуда ба танзим медарорад. Он таҳияи арзёбии таъсир ба муҳити зист, гузаронидани машваратҳои ҷамъиятӣ ва ифшои иттилооти экологиро пеш аз тасдиқи лоиҳа талаб мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи олами ҳайвонот» (соли 1999)** нигоҳдорӣ, ҳифз, идоракунӣ ва истифодаи устувори фаунаи ёбоиро ба танзим медарорад. Он олами ҳайвонотро ҳамчун моликияти давлатӣ эътироф намуда, масъулияти давлатро барои мониторинг ва ҳифзи намудҳо ва маконҳои зист муайян мекунад ва қоидаҳои истифодаи фауна, аз ҷумла иҷозатномадиҳӣ, маҳдудиятҳои шикор ва ҷавобгарӣ барои қонуншиканиро муқаррар месозад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» (таҳти № 18, аз 3 майи соли 2011)** заминаи ҳуқуқиро барои муайян кардан, ҳифз, идоракунӣ ва истифодаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар Қирғизистон муқаррар мекунад. Он мамнӯъгоҳҳои табиии давлатӣ, боғҳои табиӣ, парваришгоҳҳои олами ҳайвонот, ёдгориҳои табиӣ, боғҳои ботаникӣ ва зоологӣ, мамнӯъгоҳҳои биосферӣ ва ҳудудҳои муҳофизатшавандаи фаромарзиро ба танзим медарорад. Қонуни мазкур ба ҳифзи экосистемаҳои беназир, гуногунии биологӣ ва мероси табиӣ нигаронида шуда, принсипҳои танзими давлатӣ, истифодаи илмӣ, мониторинги экологӣ ва иштироки ҷомеаро муайян мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳудудҳои биосферӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон» (соли 1999; дар таҳрири соли 2020)** чаҳорчӯбаи ҳуқуқиро барои таъсис ва идоракунии мамнӯъгоҳҳои биосферӣ бо мақсади ҳифзи гуногунии биологӣ, ҳифзи мероси табиӣ ва фарҳангӣ ва дастгирии рушди устувори минтақавӣ муайян мекунад. Он мақоми онҳо, минтақабандӣ ва талаботи идоракунии онҳоро муайян месозад. Тағйиру иловаҳои соли 2020 меъёрҳоро оид ба истифодаи табиат ва ҳифзи муҳити зист дар дохили ҳудудҳои биосферӣ пурзӯр карданд.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами наботот» (соли 2001; дар таҳрири соли 2020)** заминаи ҳуқуқиро барои ҳифз, истифодаи оқилона ва барқарорсозии олами набототи Ҷумҳурии Қирғизистон муқаррар мекунад. Он масъулиятҳоро барои танзими давлатӣ, ҷамъоварии устувор, ҳифзи намудҳои растаниҳои ёбоӣ ва пешбурди кадастри давлатии олами наботот муайян месозад. Тағйиру иловаҳо (аз ҷумла онҳое, ки то соли 2020 муттаҳид шудаанд) муқарраротро вобаста ба сиёсати ягонаи давлатӣ, квотаҳо барои истифодаи олами набототи ёбоӣ ва тадбирҳои ҳифзи намудҳои нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта тақвият бахшиданд.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи химикунонӣ ва ҳифзи наботот» (соли 1999; дар таҳрири соли 2020)** талаботи ҳуқуқӣ, экологӣ ва бехатариро барои истифодаи пеститсидҳо ва агрохимикатҳо дар Қирғизистон бо мақсади ҳифзи саломатии инсон, ҳайвонот ва муҳити зист муқаррар мекунад. Он назорати давлатиро аз болои истифодаи моводи кимиёвӣ дар кишоварзӣ ба танзим даровarda, қоидаҳои муносибати бехатар бо пеститсидҳоро муқаррар месозад ва

масъулиятро барои қонуншиканиҳо муайян мекунад. Тағйиру иловаҳои соли 2020 муқаррароти масъулиятро навсозӣ намуда, иҷрои онро бо Кодекси қонуншиканиҳои миллӣ мутобиқ карданд.

- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи олами ҳайвонот» (соли 1999; дар таҳрири соли 2020)** олами ҳайвонотро ҳамчун захираи табиии муҳофизатшаванда муайян карда, қоидаҳои нигоҳдорӣ, ҳифзи маконҳои зист, шикор ва истифодаи захираҳоро муқаррар менамояд ва масъулияти давлатро ҷиҳати ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии саршумори ҳайвоноти ёбоӣ муайян месозад. Тағйиру иловаҳои соли 2020 мафҳумҳоро дақиқтар гардонида, муқаррароти вобаста ба мониторинг, ҳифз ва танзими истифодаи олами ҳайвонотро тақвият мебахшанд.

**Тағйирёбии иқлим**

- **Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншудаи навсозишудаи Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 2021)** ба ҳалли масъалаҳои таъсири тағйирёбии иқлим тавассути тадбирҳои мутобиқшавӣ ва коҳишдиҳӣ, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва мусоидат ба устуворӣ дар тамоми соҳаҳо тамаркуз мекунад.
- **Фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи тадбирҳои таъмини амнияти экологӣ ва устувории иқлимии Ҷумҳурии Қирғизистон» (соли 2021)** тадбирҳоро барои таъмини амнияти экологӣ ва устувории иқлимӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон муқаррар мекунад. Он беҳтар намудани шароити экологӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ба ҳадди ақал расонидани таъсири тағйирёбии иқлимро ҳамчун масъулияти калидӣ барои мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон муайян месозад.
- **Фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи эълон намудани соли 2022 ҳамчун Соли ҳифзи экосистемаҳои кӯҳӣ ва устувории иқлимӣ» (соли 2022)** тадбирҳоро барои тақвияти амнияти экологӣ, иқтисодӣ ва озуқаворӣ, баланд бардоштани устувории иқлимӣ ва ҳифзи мероси табиии кишвар, инчунин дастгирии Соли байналмилалии рушди устувори кӯҳҳо муқаррар мекунад.

**Соҳаи хоҷагии ҷангал ва муҳити зист**

- **Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 1999)** истифода, ҳифз ва барқарорсозии захираҳои ҷангалро ба танзим медарорад. Кодекс ба ҳифзи экосистемаҳои ҷангал, пешгирии таназзули замин ва танзими фаъолиятҳое, ки метавонанд ба заминҳои ҷангал ва гуногунии биологӣ таъсир расонанд, равона шудааст.
- **Стратегия ва Нақшаи миллии амал оид ба ҳифзи гуногунии биологӣ (барои солҳои 2014–2024)** чаҳорчӯбаи сиёсиро барои ҳифзи гуногунии биологӣ ва пешбурди истифодаи устувори захираҳои табиӣ фароҳам меорад. Он ҳифз ва барқарорсозии экосистемаҳо, инчунин ҳамгироии масъалаҳои гуногунии биологиро ба банақшагирии рушд дастгирӣ мекунад. Ҳисоботи ҳафтум дар Конфронси Тарафҳои Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ дар моҳи октябри соли 2026 пешниҳод карда мешавад.
- **Консепсияи рушди бахши ҷангал дар Ҷумҳурии Қирғизистон то соли 2040 (соли 2018)** чаҳорчӯбаро барои идоракунии устувори ҷангалҳо ва ҳифзи онҳо бо мақсади ҳифзи экосистемаҳо, тақвияти амнияти экологӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ фароҳам меорад. Он тадбирҳоро барои ҷангалҳои ҷамъиятӣ ва фароғатӣ, системаҳои инвентаризатсия ва рушди дарозмуддати соҳаи ҷангалро дар бар мегирад.

**Бахши кишоварзӣ ва чорводорӣ**

- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи чарогоҳҳо» (соли 2009)** дастрасӣ ва истифодаи заминҳои чарогоҳро барои таъмини идоракунии устувори чорводорӣ ба танзим медарорад. Он идоракунии чарогоҳҳоро дар асоси ҷамоатҳо тарғиб намуда, ҳадафи пешгирии чаронидани аз ҳад зиёди чорво ва таназзули заминро пайгирӣ мекунад.
- **Фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи тадбирҳои рушди минбаъдаи комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Қирғизистон» (соли 2024)** тадбирҳои афзалиятнокро барои навсозии кишоварзӣ, аз ҷумла дастгирии кооперативҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, беҳтар намудани маблағгузорӣ, такмили идоракунии чарогоҳҳо ва тарғиби технологияҳои муосир, ба монанди биотехнологияҳои сабз, абзорҳои мутобиқшавӣ ба иқлим ва рақамикунонӣ муқаррар мекунад. Он инчунин ҳадаф дорад, ки содиротро тавсеа диҳад, воридоти органикиро зиёд кунад ва сармоягузориҳои хориҷиро барои тақвияти амнияти озуқаворӣ ва устувории соҳа ҷалб намояд.
- **Қарори Кабинети вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи масъалаҳои сертификатсияи истеҳсолоти органикӣ» (соли 2024)** тартибот ва қоидаҳои миллиро барои сертификатсияи истеҳсолоти органикӣ, аз ҷумла талаботро барои сертификатсияи ихтиёрӣ, системаҳои назорати дохилӣ ва санҷишҳои мутобиқат тасдиқ мекунад. Он чаҳорчӯбаро барои таъмини мутобиқати маҳсулоти органикӣ ба стандартҳои миллӣ муқаррар карда, шартҳои ба даст овардани сертификати органикиро барои амалиётҳо муайян месозад.
- **Амри Кабинети вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон «Лоиҳаи қарздиҳии комплекси агросаноатӣ» (соли 2022)** амнияти озуқаворӣ ва рушди кишоварзиро тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва имконоти лизинг ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои агросаноатӣ дастгирӣ мекунад. Лоиҳа ҳадаф дорад, ки дастрасиро ба маблағгузорӣ дар саросари бахши агросаноатӣ тавсеа диҳад, иқтидори истеҳсолиро тақвият бахшад ва иштирокро дар кластерҳои кишоварзӣ тарғиб намояд.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи истеҳсолоти органикӣ» (соли 2024)** заминаи ҳуқуқиро барои истеҳсол ва сертификатсияи молҳои кишоварзии органикӣ муқаррар намуда, истифодаи агрохимикатҳо, пеститсидҳо, ОАГ (ГМО) ва дигар маводи ғайриорганикиро манъ мекунад. Он стандартҳоро барои истеҳсол, коркард ва тамғагузории органикӣ муайян месозад ва ҳадаф дорад, ки истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти органикиро дастгирӣ намуда, бозорҳои органикии мувофиқро тавсеа диҳад.
- **Қарори Кабинети вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон «Барномаи рушди истеҳсолоти органикӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2025-2029» (соли 2025)** барномаи миллиро барои тавсеа ва дастгирии истеҳсолоти органикӣ тавассути фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои истеҳсолкунандагони органикӣ тасдиқ мекунад. Барнома нақшаи чорабиниҳо, нишондиҳандаҳои мониторинг ва буҷети махсусро барои роҳнамоии дастгирии давлатӣ, сертификатсия ва рушди соҳа то соли 2029 дар бар мегирад.
- **Қарори Кабинети вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи танзим дар соҳаи идоракунӣ ва истифодаи чарогоҳҳо» (соли 2025)** санадҳои қаблиро дар сатҳи расмиёт пурра мегардонад.
- **Стратегияи рушди кишоварзии Ҷумҳурии Қирғизистон (барои солҳои 2020–**

**2025)** ба баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии кишоварзӣ равона шуда, ҳамзамон идоракунии устувори замин, устувории иқлимӣ ва рушди деҳотро тарғиб мекунад. Стратегияи мазкур амнияти озуқаворӣ ва воситаҳои устувори рӯзгузарониро дар деҳот дастгирӣ менамояд.

- **Барномаи рушди кооперативҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон (барои солҳои 2023–2027)** ҳадаф дорад, ки рушди кишоварзӣ ва деҳотро тавассути дастгирии кооперативҳо, беҳтар намудани таҷрибаҳои деҳқонӣ ва баланд бардоштани амнияти озуқаворӣ тақвият бахшад. Он масъалаҳои шуғл, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, инфрасохтор, савдо ва дастрасӣ ба таҷҳизотро баррасӣ намуда, ҳамзамон ба рушди тиҷорат ва ҳамгирой бо бозори байналмилалӣ мусоидат мекунад.
- **Нақшаи миллии амал оид ба рушди хоҷагидории оилавӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон (барои солҳои 2023–2027)** хоҷагидории оилавиро ҳамчун асоси рушди деҳот ва амнияти озуқаворӣ тарғиб мекунад. Он масъалаҳои марбут ба тағйирёбии иқлимро ҳамгиро сохта, ҷалби ҷавононро дастгирӣ мекунад ва ғизову воситаҳои рӯзгузарониро дар ҷамоатҳои деҳот тақвият мебахшад.

**Захираҳои об**

- **Кодекси оби Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 2005)** заминаи ҳуқуқиро барои идоракунӣ, ҳифз ва истифодаи захираҳои об муқаррар мекунад. Он тақсимоти об, ҳифзи объектҳои обӣ аз ифлосшавӣ ва истифодаи устувори захираҳои обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминиро баррасӣ мекунад.

**Бахши замин ва банақшагирии минтақавӣ**

- **Таксономияи сабзи Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 2025)** чаҳорчӯбаи миллиро барои муайян кардан ва пешбурди фаъолиятҳои иқтисодии аз ҷиҳати экологӣ устувор дар бахшҳои калидӣ муқаррар мекунад. Он меъёрҳои мувофиқат, таърифҳо ва стандартҳои ҳисоботдиҳиро барои роҳнамоии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои молиявӣ ва тиҷорат дар арзёбии молҳо, хизматрасониҳо ва технологияҳои сабз муайян месозад. Бо фарогирии соҳаҳои энергетика, нақлиёт, идоракунии партовҳо ва об, инчунин кишоварзии устувор, таксономияи мазкур тадбирҳои танзимкуниро бо ҳавасмандгардониҳои фискалӣ пайваст мекунад, то сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сабз сафарбар гардад. Ҳадафи он сода гардонидани расмиёт, мутобиқ шудан ба стандартҳои байналмилалии молиявии устувор ва дастгирии таҷрибаҳои устувор ба иқлим тавассути фароҳам овардани дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва ҳавасмандкунии технологияҳои дорои партовҳои кам ва сарфакунандаи захираҳо мебошад.
- **Кодекси замини Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 1999)** заминдорӣ, банақшагирии истифодаи замин, гирифтани замин ва ҳифзи заминро ба танзим медарорад. Он расмиёти ҷудо кардани замин ва кафолатҳоро бар зидди таназзули замин пешбинӣ мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи шаҳрсозӣ ва меъморӣ» (соли 1994)** заминаи ҳуқуқиро барои банақшагирии фазой, минтақабандӣ ва фаъолияти сохтмонӣ муқаррар карда, кафолат медиҳад, ки рушд ба нақшаҳои тасдиқшудаи истифодаи замин ва стандартҳои бехатарӣ мутобиқат мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи танзими муносибатҳои заминӣ ва ҳуқуқӣ» (соли 2022)** заминаи ҳуқуқиро барои идоракунии ҳуқуқ ба замин ва истифодаи замин дар Ҷумҳурии Қирғизистон муқаррар мекунад. Он инчунин

расмиёти эътироф ва бақайдгирии ҳуқуқҳоро ба қитъаҳои замин, бахусус онҳое, ки таҳти механизми авфи замин қарор мегиранд, ба танзим медарорад.

**Гендер**

- **Стратегияи миллии Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ноил шудан ба баробарии гендерӣ то соли 2030** афзалиятҳои миллиро барои пешбурди баробарии гендерӣ дар иштироки иқтисодӣ, дастрасӣ ба захираҳо ва қабули қарорҳо муайян мекунад. Стратегияи мазкур ба таҷрибаҳои меҳнатӣ, ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ва арзёбии таъсироти иҷтимоӣ мувофиқ аст.
- **Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ва имконияҳои баробар барои мардон ва занон» (соли 2008)** чаҳорчӯбаи ҳуқуқиро барои пешгирии табъиз ва таъмини ҳуқуқҳои баробар дар шуғл, маориф ва иштироки ҷамъиятӣ фароҳам меорад.
- **Қарори Кабинети вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2022-2026» (соли 2021)** барномаи миллиро барои тавсеа ва тақвияти соҳибкории занон тавассути беҳтар намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ, пешниҳоди омӯзиш ва рушди малакаҳои тиҷоратӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои зиёд кардани шумораи корхонаҳои ба занон тааллуқдошта тасдиқ мекунад.

### 4.2.2. Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маълумотнома оид ба муқаррар намудани стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ барои лоиҳаи сармоягузорӣ**

- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (соли 2011)** заминаи ҳуқуқиро барои ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистон фароҳам оварда, принсипҳои сиёсати экологӣ, талабот ба арзёбии таъсир ба муҳити зист, назорати ифлосшавӣ, мониторинги экологӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандонро ба муҳити зисти солим муқаррар мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» (соли 2012)** чаҳорчӯбаи ҳуқуқиро барои гузаронидани экспертизаи экологӣ (баррасии давлатии экологӣ) ҷиҳати арзёбии таъсироти экологии фаъолиятҳои пешниҳодшуда пеш аз тасдиқ муқаррар мекунад. Он мафҳумҳои калидиро муайян карда, расмиёти арзёбии таъсир ба муҳити зистро муқаррар месозад ва ҳадаф дорад, ки тавассути таъмин намудани мутобиқати лоиҳаҳои ба нақша гирифташуда ба талаботи миллии ҳифзи муҳити зист аз оқибатҳои зараровари экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ пешгирӣ намояд.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» (соли 2010)** чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои пешбурди огоҳии экологӣ муқаррар намуда, гирифтани донишҳои муҳими экологиро аз ҷониби шаҳрвандон кафолат медиҳад ва фарҳанги муносибати масъулиятнокро ба табиат тавассути таълими муттасили экологӣ ташаккул медиҳад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» (соли 2011; дар таҳрири соли 2024)** чаҳорчӯбаи институтсионалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро барои мониторинги экологӣ дар кишвар муқаррар мекунад. Он мақсад, вазифаҳо, тарафҳои масъул ва принсипҳои мониторинги экологиро дар Тоҷикистон муайян

месозад. Қонуни мазкур системаи ягонаи мониторинги экологиро дар кишвар ва чаҳорчӯбаро барои истифодаи захираҳои иттилоотӣ ҷорӣ мекунад. Он мақомоти масъул ва чаҳорчӯбаи иштироки ҷомеаро муайян месозад.

- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» (соли 2011)** асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро барои таъмини дастрасӣ ба иттилооти экологӣ дар Тоҷикистон муқаррар мекунад. Он тартиби дастрас намудани иттилооти мукаммал, боэътимод ва саривақтии экологиро аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба танзим медарорад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» (соли 2011; дар таҳрири соли 2024)** муқарраротро барои аудити экологии корхонаҳо ва дигар ташкилотҳо дар бар мегирад. Аудити экологӣ ҳамчун таҳлил ва арзёбии мутобиқати корхона ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии экологӣ муайян карда мешавад. Қонун мақсад, вазифаҳо, объектҳо ва принсипҳои аудити экологиро муайян мекунад. Аудити экологӣ метавонад аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ оғоз карда шавад. Аудите, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ оғоз мегардад, ҳатмӣ мебошад. Дар бораи санадҳои меъёрии иловагии марбут ба ин қонун маълумот мавҷуд нест.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арзёбии таъсир ба муҳити зист» (соли 2017; дар таҳрири соли 2022)** асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалиро барои арзёбии таъсир ба муҳити зист, робитаи он бо экспертизаи давлатии экологӣ, инчунин тартиби баҳисобгирӣ ва гурӯҳбандии объектҳои арзёбии таъсир ба муҳити зистро муқаррар мекунад. Арзёбии таъсир ба муҳити зист дар Тоҷикистон тибқи Қонун дар бораи арзёбии таъсир ба муҳити зист аз 18 июли соли 2017, таҳти № 1448 танзим карда мешавад. Қонун тақозо мекунад, ки фаъолиятҳои иқтисодӣ ва дигар фаъолиятҳои ба нақша гирифташуда вобаста ба сатҳ ва намудҳои таъсири эҳтимолӣ ба муҳити зист ба категорияҳои зерин тасниф карда шаванд: «А», «В», «С» ва «Д», ки ҳар кадоми онҳо сатҳҳои гуногуни арзёбии экологӣ ва чораҳои ҳифзи муҳити зистро талаб мекунанд.
- **Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028 (соли 2023; дар таҳрири соли 2025)** афзалиятҳои миллиро барои ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор барои солҳои 2023-2028 муайян мекунад. Барнома тадбирҳоро барои беҳтар намудани сифати муҳити зист, таъмини амнияти экологӣ ва пешбурди истифодаи оқилонаву барқароршавандаи захираҳои табиӣ муқаррар менамояд. Ҳадафи он тақвияти идоракунии экологӣ, рафъи хатарҳои марбут ба иқлим, ҳифзи гуногунии биологӣ ва дастгирии гузариш ба рушди сабзтари иқтисодӣ мебошад.
- **Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 41 аз 4 феврали соли 2002 дар бораи таъсиси Комиссияи миллии байниидоравии ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи омори экологӣ** Комиссияи миллии байниидоравии ҳамоҳангсозиро ҳамчун мақоми марказии масъул барои ҳамоҳангсозии омори экологӣ таъсис медиҳад. Вазифаҳои он аз татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ, таҳияи системаи миллии мониторинги экологӣ, муқаррар намудани нишондиҳандаҳои экологӣ, инчунин омода кардани пешниҳодҳо ҷиҳати беҳтар намудани иттилооти экологӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар ин соҳа иборат мебошанд.
- **Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2008)** Консепсияи ҳифзи муҳити зистро расман тасдиқ мекунад, ки он ҳуҷҷати стратегии миллӣ буда, сиёсати давлатии экологӣ ва идоракунии оқилонаи муҳити зистро роҳнамоӣ мекунад.
- **Низомномаи фаъолияти дидбонгоҳҳои (постгоҳҳои) экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2004)** қоидаҳоро барои таъсис ва фаъолияти дидбонгоҳҳои

экологӣ дар маконҳои калидӣ, аз қабили даромадгоҳҳои шаҳрҳо, роҳҳои автомобилгарди асосӣ, ҳудудҳои муҳофизатшаванда ва минтақаҳои сарҳадӣ муқаррар мекунад. Дидбонгоҳҳо назорати экологиро анҷом медиҳанд, ки он санҷиши партовҳои воситаҳои нақлиёт ва пешгирии интиқоли ғайриқонунии моддаҳои хатарнок, олами ҳайвонот, намудҳои наботот ва дигар молҳои аз ҷиҳати экологӣ хатарнокро дар бар мегирад.

- **Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030** афзалиятҳоро барои рушди миллӣ ва рушди устувор, аз ҷумла истеҳсолоти кишоварзӣ, таҷрибаҳои экологӣ ва органикӣ, амнияти озуқаворӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва сарфаи энергия муайян мекунад. Он инчунин энергияи барқароршаванда, нерӯи барқи обӣ, моҳипарварӣ, ғизо, бехатарии озуқаворӣ ва рушди инфрасохторро бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои гендер, муҳоҷират ва минтақаҳои кӯҳистонӣ фаро мегирад.

**Гуногунии биологӣ**

- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (соли 2011, дар таҳрири соли 2024)** принсипҳои ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи ошкорои фауна, флора, ҷангалҳо, гуногунии биологӣ ва маконҳои зисти табииро муайян карда, низомҳои махсуси ҳифзро барои мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва боғҳои миллӣ муқаррар мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» (соли 2011)** таъсис, ҳифз, минтақабандӣ ва идоракунии мамнӯъгоҳҳои табиӣ, боғҳои миллӣ, парваришгоҳҳо, мамнӯъгоҳҳои биосферӣ ва минтақаҳои буфериро ба танзим дароварда, ҳифзи ҳуқуқии комплексҳои табиӣ ва гуногунии биологиро кафолат медиҳад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами ҳайвонот»** нигоҳдорӣ, ҳифз, истифодаи оқилона ва афзоиши намудҳои ҳайвоноти ёбоиро ба танзим дароварда, ҳифзи гуногунии биологӣ, маконҳои зист, ҷамоатҳои экологӣ ва истифодаи устувори захираҳои олами ҳайвонотро таъмин месозад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами наботот» (соли 2004, дар таҳрири соли 2008)** ҳифз, истифодаи усту ва нигоҳдории растаниҳои ёбоӣ, аз ҷумла намудҳои нодир, зери хатари нобудшавӣ қарордошта ва аз ҷиҳати иқтисодӣ пурарзишро ба танзим медарорад. Он қоидаҳоро барои идоракунии захираҳои наботот, ҳифзи набототи табиӣ, пешгирии расонидани зарар ба маконҳои зисти растаниҳо ва таъмини афзоиши флораи таҳти таҳдид қарордошта муқаррар мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираҳои генетикӣ» (соли 2022)** нигоҳдорӣ, дастрасӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои генетикии наботот, ҳайвонот ва микроорганизмҳоро ба танзим медарорад, ки ин ҳифзи in-situ (дар маҳалли зист) ва ex-situ (берун аз маҳалли зист), бонкҳои генҳо, донишҳои анъанавии марбут ба захираҳои генетикӣ ва истифодаи устувори гуногунии биологиро дар бар мегирад. Он қоидаҳоро барои арзёбӣ, нигоҳдорӣ ва идоракунии маводи генетикӣ муқаррар намуда, захираҳои генетикии нодир ва таҳти таҳдид қарордоштаро муҳофизат мекунад.

**Тағйирёбии иқлим**

- **Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншудаи навсозишудаи Тоҷикистон (соли 2021)** таъсироти тағйирёбии иқлимро тавассути стратегияҳои мутобиқшавӣ ва коҳишдиҳӣ

бо тамаркуз ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва баланд бардоштани устуворӣ дар тамоми соҳаҳо баррасӣ мекунад.

- **Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030** чаҳорчӯбаро барои ҳалли хатарҳои марбут ба иқлим, ба монанди хушксолӣ, обхезӣ ва норасоии об фароҳам меорад. Он амнияти озуқаворӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, ҳифзи хок ва об, обёрӣ ва мелиоратсияи заминро тарғиб намуда, ҳамзамон донишҳои анъанавӣ, таҳқиқоти илмӣ ва масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро ба инобат мегирад.

**Соҳаи хоҷагии ҷангал ва муҳити зист**

- **Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030** идоракунии хатарҳои экологӣ, устуворӣ ба хатарҳои табиӣ ва робитаҳоро бо истифодаи устувори замин ва захираҳои табиӣ, ки ба хоҷагии ҷангал ва ҳифзи экосистемаҳо дахл доранд, баррасӣ мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (соли 2011)** ҳифзи экосистемаҳо, ҳимояи гуногунии биологӣ, танзими истифодаи захираҳои табиӣ ва талаботро ба мониторинг ва ҳисоботдиҳии экологӣ фаро мегирад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷангал» (соли 2006)** идоракунӣ, ҳифз ва истифодаи устувори ҷангалҳоро, ки барои соҳаи КХҶДИЗ (кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин) аҳамияти ҳалкунанда дорад, ба танзим медарорад.
- **Барномаи рушди соҳаи хоҷагии ҷангал барои солҳои 2022–2026** ба беҳтар намудани идоракунии ҷангалҳо ва ҳифзи онҳо тавассути қонунгузорӣ, тақвияти институтсионалӣ, ҷангалзоркунӣ, барқарорсозии ҷангалзор ва агроҷангалпарварӣ равона шудааст. Он масъалаҳои истихроҷи чӯб, назорати чаронидани чорво ва чораҳои иҷроиро барои таъмини таҷрибаҳои устувори хоҷагии ҷангал баррасӣ мекунад.
- **Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2011)** заминаи ҳуқуқиро барои ҳифз ва идоракунии устувори фонди ягонаи ҷангали Тоҷикистон муқаррар намуда, нигоҳдории ҷангал, пешгирии сӯхтор ва паҳншавии зараррасонҳо, истифодаи устувор ва мониторинги мунтазами захираҳои ҷангалро талаб мекунад.

**Бахши кишоварзӣ ва чорводорӣ**

- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» (соли 2016)** таъсис, идоракунӣ ва ҳуқуқҳои хоҷагиҳои деҳқониро (як категорияи асосии воҳидҳои истеҳсоли кишоварзӣ дар Тоҷикистон) ба танзим даровarда, заминаи ҳуқуқиро барои истифодаи замин дар кишоварзӣ фароҳам меорад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кишоварзӣ» (соли 2002, дар таҳрири соли 2013)** заминаи ҳуқуқиро барои рушди кишоварзӣ дар Тоҷикистон фароҳам оварда, муқарраротро оид ба таҷрибаҳои устувори деҳқонӣ дар бар мегирад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳҳо» (соли 2019)** идоракунӣ, истифода ва ҳифзи заминҳои чарогоҳро ба танзим даровarда, принсипҳои чаронидани устувор, дастрасии омма, мониторинг ва беҳтар намудани захираҳои чарогоҳҳоро муайян мекунад. Он намудҳои гуногуни чарогоҳҳоро тасниф намуда, қоидаҳоро барои ҷудо кардан ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи чарогоҳ муқаррар месозад ва мақомоти маҳаллиро вазифадор мекунад, ки банақшагирии чарогоҳҳо ва ҳифзи муҳити зистро назорат кунанд.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» (соли 2009)** принсипҳои

асосии сиёсати давлатӣ ва заминаи ҳуқуқиро барои мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муайян карда, ба истифодаи оқилонаи хок, ҳифзи сифат ва ҳосилхезии он, ҳимояи хок аз ҳодисаҳои номатлуб, инчунин танзими дигар масъалаҳои марбута равона шудааст.

- **Барномаи рушди системаи агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор то соли 2030** ба тақвияти рушди кишоварзӣ ва деҳот тавассути таҷрибаҳои устувор, амнияти озуқаворӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, инноватсия ва ҳифзи муҳити зист тамаркуз мекунад. Он инчунин ҷалби ҷавонон ва беҳтар намудани ғизоро дастгирӣ менамояд.
- **Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ аз соли 2014» (соли 2014)** консепсияи миллиро барои навсозии бахши агросаноатӣ тавассути инноватсияи технологӣ, маҳсулнокии баландтар, коркарди беҳтаршуда ва тақвияти амнияти озуқаворӣ тасдиқ мекунад.
- **Барномаи рушди чарогоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020** барномаи давлатие мебошад, ки ба беҳтар намудани сифати чарогоҳҳо, зиёд кардани захираҳои хӯроки чорво ва тақвияти истеҳсолоти устувори чорводорӣ равона шудааст. Он ба барқарорсозии чарогоҳҳои таназзулёфта, баланд бардоштани маҳсулнокӣ тавассути технологияҳои муосир ва дастгирии воситаҳои рӯзгузаронии деҳот ва амнияти озуқаворӣ тамаркуз мекунад.

**Захираҳои об**

- **Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040** нақшаҳои дарозмуддатро барои идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об, мутобиқшавӣ ба иқлим, тақвияти институтсионалӣ ва мутобиқат бо Ҳадафҳои рушди устувор (SDG) муайян мекунад.
- **Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2020)** меъёрҳои ҳуқуқиро барои истифода, ҳифз, банақшагирӣ ва тақсимоти захираҳои об ҳамчун асос барои идоракунии устувори об муқаррар мекунад.
- **Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025** ҳадаф дорад, ки идоракунии захираҳои обро тавассути идоракунии ҳавзавӣ, беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ байни истифодабарандагони об ва ҷудо кардани вазифаҳои сиёсӣ ва амалиётӣ навсозӣ намояд. Он истифодаи устувори об, барқарорсозии инфрасохтори обӣ ва қабули идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои обро (ИҲЗО) дастгирӣ мекунад.

**Бахши замин ва банақшагирии минтақавӣ**

- **Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1996)** заминдорӣ, банақшагирии истифодаи замин ва ҳифзи хокро дар Тоҷикистон ба танзим медарорад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими замин» (соли 2008)** чаҳорчӯбаи ҳуқуқиро барои фаъолиятҳои танзими замин, аз ҷумла заминсозӣ, банақшагирӣ, ҷудокунӣ ва ҳифзи замин муқаррар мекунад. Он тартиби ташкил, ҳуҷҷатгузорӣ ва татбиқи тартиботи истифодаи заминро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, истифодабарандагони замин ва дигар субъектҳо ба танзим даровarда, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои заминро таъмин месозад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии замин» (соли 2001)** заминаи ҳуқуқиро барои баҳодиҳии кадастрии замин муқаррар намуда, усулҳои муайян кардани арзиши замин, минтақаҳои кадастрӣ ва нархҳои стандартии

заминро ҷиҳати дастгирии андозбандии замин, муқаррар кардани иҷорапулӣ ва истифодаи оқилонаи замин муайян мекунад.

- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» (соли 1992)** тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва маъмуриро барои гузариш ба муносибатҳои нави истифодаи замин, аз ҷумла таъсиси фондҳои махсуси замин, аз нав тақсим кардани заминҳои истифоданашуда ё ғайрирационалӣ истифодашаванда ва додани ҳуқуқи истифодаи меросии умрбоди замин ба шаҳрвандонро муайян мекунад. Ҳадафи он дастгирии шаклҳои гуногуни истифодаи замин, беҳтар намудани маҳсулнокии кишоварзӣ ва таъмини идоракунии оқилонаи замин мебошад.

**Гендер**

- **Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030** баробарии гендериро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла дар мутобиқшавӣ ба иқлим, воситаҳои рӯзгузаронии деҳот, маориф ва дастрасӣ ба захираҳо эътироф мекунад.

### 4.2.3. Ӯзбекистон

**Маълумотнома оид ба муқаррар намудани стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ барои лоиҳаи сармоягузорӣ**

- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳифзи табиат» (соли 1992)** заминаи ҳуқуқиро барои ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор муқаррар мекунад. Он стандартҳои сифати муҳити зист, уҳдадориҳои ташаббускорони лоиҳаҳо, чораҳои пешгирии ифлосшавӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандонро ба муҳити зисти солим муайян мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ, арзёбии таъсир ба муҳити зист ва арзёбии стратегии экологӣ» (соли 2025)** тартиби гузаронидани экспертизаи экологӣ, арзёбии таъсир ба муҳити зист ва арзёбии стратегии экологиро дар Ӯзбекистон барои пешгирии оқибатҳои зараровар аз фаъолиятҳои ба нақша гирифташуда ё ҷоришаванда ба танзим медарорад. Он мафҳумҳои калидӣ, расмиёт ва масъулиятҳоро барои таъмини ҳифзи муҳити зист ва амнияти экологӣ муайян мекунад.
- **Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи тадбирҳои ташкили самараноки фаъолияти Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим» (соли 2023)** сохтори Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлимро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии он таҷдид менамояд. Он вазифаҳои афзалиятнокро муайян карда, сохторҳои нави ташкилӣ, аз ҷумла Маркази вазъиятӣ (Ситюационный центр) ва Маркази миллии тағйирёбии иқлимро таъсис медиҳад ва тадбирҳоро барои амалисозии ислоҳоти экологӣ ва навсозии системаҳои мониторинг муайян месозад.
- **Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав (барои солҳои 2022–2026)** афзалиятҳоро барои рушди миллӣ ва рушди устувор, аз ҷумла рушди кишоварзӣ, идоракунии замин, инноватсия ва ғизо муайян мекунад. Он инчунин ҳифзи ҷангалҳо, ҷангалзоркунӣ, таъминоти об, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва истеҳсоли чорворо бо мақсади тақвияти амнияти озуқаворӣ ва воситаҳои рӯзгузаронии деҳот баррасӣ мекунад.
- **Стратегияи гузариши Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба иқтисодиёти сабз (барои**

**солҳои 2019–2030)** хатсайрро барои рушди устувори иқтисодӣ тавассути мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, энергияи барқароршаванда, таҷрибаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳифзи хок фароҳам меорад. Он шуғл дар деҳот, сармоягузорӣ ва ҳифзи экосистемаҳоро тарғиб намуда, ҳамзамон партовҳоро коҳиш медиҳад ва риоя ва иҷрои қонунгузориро дастгирӣ мекунад.

- **Консепсияи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030** стратегияҳоро барои амнияти экологӣ ва рушди устувор муайян карда, ба ҳифзи хок ва об, назорати ифлосшавӣ, идоракунии партовҳо ва сифати ҳаво тамаркуз мекунад. Он таҷрибаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, иштироки ҷомеа ва банақшагирии истифодаи заминро барои ҳифзи экосистемаҳо ва саломатии аҳолӣ тарғиб мекунад.

**Гуногунии биологӣ**

- **Стратегияи ҳифзи гуногунии биологӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (барои солҳои 2019–2028)** ҳадаф дорад, ки экосистемаҳо ва гуногунии биологиро тавассути истифодаи устувори замин, ҳифзи ҷангалҳо, ҷангалзоркунӣ ва мубориза бо биёбоншавӣ муҳофизат намояд. Он ҳифзи намудҳои ёбоӣ, минтақаҳои муҳофизатшаванда ва сайёҳиро баррасӣ намуда, ҳамзамон мониторинг ва ҳифзи намудҳоро тарғиб мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии муҳофизатшаванда»** асоси таъсис ва идоракунии боғҳои миллӣ, мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва дигар минтақаҳои муҳофизатшавандаро муайян месозад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами ҳайвонот» (соли 1997)** ҳифз, истифодаи усту ва нигоҳдории намудҳои ҳайвоноти ёбоиро, аз ҷумла қоидаҳои шикор, ҳифзи намудҳо ва кафолатҳои маконҳои зистро ба танзим медарорад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами наботот» (соли 1997)** қоидаҳоро барои ҳифзи гуногунии биологии наботот, назорати ҷамъоварӣ ва истифодаи захираҳои наботот ва пешгирии нобудшавии флораи маҳаллӣ муқаррар мекунад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҷангал»** ҳифзи экосистемаи ҷангал, идоракунии устувори ҷангалҳо ва ҳифзи намудҳои аз ҷангал вобастаро ба танзим медарорад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи пурзӯр намудани ҳифзи олами ҳайвонот ва наботот» (соли 2024)** қонуни навест, ки ҷазоро барои шикори ғайриқонунӣ, моҳидорӣ, нобудсозии дарахтон ва қонуншиканиҳое, ки ба флора ва фауна таъсир мерасонанд, пурзӯр мекунад. Он камбудиҳои ҳуқуқиро бартараф карда, иҷрои тадбирҳои ҳифзи гуногунии биологиро тақвият мебахшад.

**Тағйирёбии иқлим**

- **Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншудаи навсозишудаи Ӯзбекистон (соли 2025)** ба ҳалли масъалаҳои таъсири тағйирёбии иқлим тавассути тадбирҳои мутобиқшавӣ ва коҳишдиҳӣ, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва мусоидат ба устуворӣ дар тамоми соҳаҳо тамаркуз мекунад.

**Соҳаи хоҷагии ҷангал ва муҳити зист**

- **Стратегияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба гуногунии биологӣ (барои солҳои 2019–2028)** чаҳорчӯбаро барои ҳифзи гуногунии биологӣ ва истифодаи

устувори экосистемаҳо фароҳам меорад. Он ҳифзи маконҳои зист, барқарорсозии заминҳои таназзулёфта ва ҳамгироии масъалаҳои гуногунии биологиро ба банақшагирии рушд дастгирӣ мекунад.

- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҷангал» (соли 2018)** ҳифз, истифода ва барқарорсозии захираҳои ҷангалро идора мекунад. Кодекс ҳадаф дорад, ки пешгирии таназзули замин, мубориза бо биёбоншавӣ ва таъмини идоракунии устувори ҷангалҳоро, бахусус дар минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ ҳассос ва хушк, амалӣ созад.
- **Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами набобот» (соли 2016)** ҳифз, истифодаи устувор ва афзоиши набототи ёбоӣ ва ҷамоатҳои растаниҳои дар шароити табиӣ сабзидаро, аз ҷумла ҳифзи генетикӣ, маҳдудиятҳо барои ҷамъоварӣ ва идоракунии захираҳои набототро ба танзим медарорад. Қонун моликияти давлатии флораи ёбоиро муайян карда, ӯҳдадориҳоро барои истифодаи оқилона ва ҳифзи гуногунии биологии наботот дар саросари қаламрави Ӯзбекистон муқаррар мекунад.
- **Консепсияи рушди системаи хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030** чаҳорчӯбаро барои идоракунии устувори ҷангал, ҷангалзоркунӣ ва мубориза бо биёбоншавӣ фароҳам меорад. Он тадбирҳоро барои ҳифзи ҷангал, пешгирии сӯхтор, ҳифзи гуногунии биологӣ ва сайёҳӣ дар бар гирифта, ҳамзамон инноватсия ва шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳавасманд мекунад.
| Стандарти КЭИ фаъолшуда / Категорияи КЭИ ХИС | Фаъолияти барнома | Хавфи эҳтимолӣ ҳангоми татбиқ | Дараҷаи хавф (Паст, Миёна, Баланд) | Чораҳои васеътари коҳиш додани хавф | Самаранокии тахминии коҳишдиҳӣ | Дараҷаи хавф пас аз коҳишдиҳӣ (паст, миёна, баланд) | Арзёбии иловагии КЭИ талаб карда мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | (НҶҶМ); истифодаи интихоби шаффофи баҳрабардорон бо пайгирии ҷудошуда аз рӯи гендер; машварати бармаҳал бо пешсафони ҷамоатҳо ва гурӯҳҳои алоҳида; эҳтиром ба урфу одатҳои маҳаллӣ, ҳуқуқ ба замин ва тақвимҳо ҳангоми тарҳрезӣ ва ҷадвалбандии чорабиниҳо; пешниҳоди мавод бо забонҳои маҳаллӣ; истифодаи тренерони маҳаллӣ ва усулҳои саҳроӣ; гузаронидани машваратҳои мақсаднок бо занон ва ҷавонон; муқаррар кардани ҳадафҳои ҳадди ақали намояндагии занон ва ба нақша гирифтани вохӯриҳо бо назардошти масъулиятҳои хонаводагӣ. | | | |
| ***КЭИ 2 – Меҳнат ва шароити корӣ***<br><br>*Категорияи ХИС: B (Хатари баланд)* | Компоненти 1 ва 3<br><br>Компоненти 2 – ҳамаи фаъолиятҳо ва Компоненти 3 – тадбирҳои маҳаллӣ | Ҳамаи компонентҳо: Хавфе вуҷуд дорад, ки татбиқи фаъолиятҳои барнома метавонад ба таври ғайриқасдӣ ба вайронкунии ҳуқуқи меҳнат ва ИЗОҶ оварда расонад.<br><br>Компонентҳои 2 ва 3: Шароити ноамни корӣ, бахусус дар сатҳи | Миёна | **Идоракунии барнома:** Мутобиқ кардани сиёсатҳои идоракунии барнома бо расмиёти стандартии амалиётии GIZ ва қонунҳои миллии меҳнат; қатъиян роҳ надодан ба меҳнати кӯдакон ва меҳнати маҷбурӣ; гузаронидани омӯзиш оид ба таҷрибаҳои хуби бехатарӣ ва саломатии меҳнатӣ; арзёбии хатарҳои саломатӣ ва бехатарӣ ва муайян кардани талаботи зарурии омӯзишӣ барои лоиҳаҳое, ки | Баланд | Мёна | Не |

| Стандарти КЭИ фаъолшуда / Категорияи КЭИ ХИС | Фаъолияти барнома | Хавфи эҳтимолӣ ҳангоми татбиқ | Дараҷаи хавф (Паст, Миёна, Баланд) | Чораҳои васеътари коҳиш додани хавф | Самаранокии тахминии коҳишдиҳӣ | Дараҷаи хавф пас аз коҳишдиҳӣ (паст, миёна, баланд) | Арзёбии иловагии КЭИ талаб карда мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | баҳрабардорон, ҳангоми фаъолиятҳое, ки корҳои серталаби меҳнатиро дар бар мегиранд; музди ноодилона; вайронкунии ҳуқуқи меҳнат; хавфи меҳнати маҷбурӣ ё меҳнати кӯдакон (бахусус дар мавсимҳои авҷи кишоварзӣ); дучоршавӣ ба ИЗОҶ ҳангоми омӯзишҳо ва фаъолиятҳои баланд бардоштани иқтидор; зиёд шудани сарбории меҳнати ҷисмонӣ ба занон бар асари муҳоҷирати мардон. | | нақлиёти роҳ ё истифодаи техникаи кишоварзӣ/ҷангалпарвариро дар бар мегиранд; арзёбӣ ва татбиқи хатарҳои саломатӣ ва бехатарии вобаста ба истифодаи воситаҳои биологии мубориза; талаб намудани он, ки ҳамаи шарикони шартномавӣ ба сиёсатҳои GIZ (масалан, Кодекси рафтор), ки талаботи меҳнат ва шароити кориро дар бар мегиранд, риоя кунанд.<br><br>**Баланд бардоштани иқтидор оид ба ҳуқуқи меҳнат:** Гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба ҳуқуқи меҳнат бо баҳрабардорон ва ҳукуматҳои маҳаллӣ.<br><br>Татбиқи МБШ: Татбиқи МБШ-и ҳассос ба гендер барои шикоятҳои меҳнатӣ; таъсиси каналҳои беном ва бехатари гузоришдиҳӣ барои ИЗОҶ ва дигар шикоятҳо; кафолат додани он, ки МБШ барои баррасии масъалаҳои ИЗОҶ муҷаҳҳаз аст; омӯзонидани тамоми кормандони барнома оид ба пешгирии ИЗОҶ; талаб кардани мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ оид ба самаранокии МБШ аз ҷониби баҳрабардорон; | | | |

| Стандарти КЭИ фаъолшуда / Категорияи КЭИ ХИС | Фаъолияти барнома | Хавфи эҳтимолӣ ҳангоми татбиқ | Дараҷаи хавф (Паст, Миёна, Баланд) | Чораҳои васеътари коҳиш додани хавф | Самаранокии тахминии коҳишдиҳӣ | Дараҷаи хавф пас аз коҳишдиҳӣ (паст, миёна, баланд) | Арзёбии иловагии КЭИ талаб карда мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | талаб кардани арзёбии солонаи самаранокии МБШ. | | | |
| *КЭИ 3 – Самаранокии захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ*<br><br>*Категорияи ХИС: В (Хатари миёна)* | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Ифлосшавии маҳаллӣ дар натиҷаи идоракунии нодурусти партовҳо; истифодаи бесамари об ва афзоиши рақобат барои захираҳои ками об (махсусан дар Ўзбекистон); хавфи зиёд шудани талабот ба нерӯи барқ ва маҳрум кардани дигар истифодабарандагон аз таъминот. | Миёна | Таъмини баланд бардоштани иқтидори мақсаднок барои деҳқонон, шарикон, пудратчиён ва мақомоти маҳаллӣ оид ба пешгирии ифлосшавӣ, самаранокии захираҳо ва компосткунии устувор; тарғиби тадбирҳои мутобиқшавӣ, ки вобастагиро аз моддаҳои агрокимиёвӣ коҳиш медиҳанд; пешниҳоди маводи устувор барои иншооти муҳофизатӣ; талаб кардани он, ки сармоягузориҳои вобаста ба обёрӣ мавҷудияти обро тасдиқ кунанд; беҳсозии истифодаи об ва энергия тавассути тарҳрезии самаранок ва нигоҳдории системаҳои нигоҳдорӣ, тақсимот ва обёрии об, аз ҷумла обёрии қатрагӣ; тасдиқи мавҷудияти об ва дастрасии одилона дар ҳамоҳангӣ бо Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об; талаб кардани нигоҳубини хуби корхона, пешгирии рехтан ва идоракунии партовҳо; татбиқи санҷиши экологӣ ва иҷтимоӣ барои ҳамаи зерлоиҳаҳо ва татбиқи ҳама гуна чораҳои КЭИ-и маҳаллӣ; ва тақвияти мониторинг, | Баланд | Паст | Не |

| Стандарти КЭИ фаъолшуда / Категорияи КЭИ ХИС | Фаъолияти барнома | Хавфи эҳтимолӣ ҳангоми татбиқ | Дараҷаи хавф (Паст, Миёна, Баланд) | Чораҳои васеътари коҳиш додани хавф | Самаранокии тахминии коҳишдиҳӣ | Дараҷаи хавф пас аз коҳишдиҳӣ (паст, миёна, баланд) | Арзёбии иловагии КЭИ талаб карда мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | назорат ва ҳисоботдиҳии экологӣ бо амалҳои ислоҳӣ ҳангоми зарурат. | | | |
| *ЭИ 4 – Саломатӣ, бехатарӣ ва амнияти ҷомеа*<br><br>*Категорияи ХИС В (Хатари миёна)* | Фаъолияти 2.2.1 Фаъолияти 2.2.2 Фаъолияти 2.3.1 Фаъолияти 2.3.3 | Хавфи бемориҳои тавассути об паҳншаванда аз корҳои обёрӣ ё заҳкашӣ; хавфҳо ҳангоми сохтмон; истифодаи нодурусти воситаҳои ҳифзи наботот ё нуриҳо, идоракунии нокифояи партовҳо, ё фаъолияти сусти таҷҳизот ва нақлиёти роҳ; танишҳои иҷтимоӣ бар асари рақобат барои маблағгузории лоиҳа, ё ҳолатҳои азонихудкунӣ ва дуздӣ; хатарҳои ИЗОҶ ҳангоми омӯзишҳо ва ҳамкорӣ бо шарикон; маҳдудияти озодиҳои шаҳрвандӣ, ки ба гузоришдиҳии муассири шикоятҳо монеъ мешаванд; хавфи бемориҳои тавассути ҳашарот паҳншаванда аз оби рукуд. | Миёна | Тарҳрезии системаҳои обӣ барои кам кардани оби рукуд, хатарҳои паҳншавии ҳашарот ва таъсирот ба сифати об; ҳамгироии идоракунии хатарҳои саломатӣ, бехатарӣ ва ифлосшавӣ ба фаъолиятҳои КХҶДИЗ, аз ҷумла назорат аз болои истифодаи моддаҳои агрокимиёвӣ, нигоҳдории бехатар, аломатгузорӣ ва огоҳонии пешакӣ; муқаррар кардани интихоби шаффофи баҳрабардорон; татбиқи МБШ дар саросари лоиҳа бо забонҳои маҳаллӣ бо фарогирии гурӯҳҳои осебпазир; омӯзонидани тамоми кормандон, пудратчиён ва шарикон оид ба кодексҳои рафтор, пешгирии ИЗОҶ ва талаботи экологӣ ва иҷтимоӣ ва дастгирии баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа; татбиқи банақшагирии муштарак барои пешгирии низоъҳои марбут ба замин, чарогоҳ ва дастрасӣ, аз ҷумла чаронидани даврӣ ва тарҳрезии долонҳо. | Баланд | Миёна | No |
| *КЭИ 5 – Гирифтани замин ва* | Фаъолияти 2.2.1 Фаъолияти 2.2.2 | Маҳдудияти ночиз ва муваққатӣ дар дастрасӣ ба чарогоҳҳо ё заминҳои кишоварзӣ барои қитъаҳои | Паст | Ба ҳеҷ гуна гирифтани маҷбурии замин ва кӯчонидани ҷисмонӣ иҷозат дода намешавад; гузаронидани санҷиши иҷтимоӣ пеш | Баланд | Паст | Не |

| Стандарти КЭИ фаъолшуда / Категорияи КЭИ ХИС | Фаъолияти барнома | Хавфи эҳтимолӣ ҳангоми татбиқ | Дараҷаи хавф (Паст, Миёна, Баланд) | Чораҳои васеътари коҳиш додани хавф | Самаранокии тахминии коҳишдиҳӣ | Дараҷаи хавф пас аз коҳишдиҳӣ (паст, миёна, баланд) | Арзёбии иловагии КЭИ талаб карда мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***кӯчонидани маҷбурӣ*** <br><br> ***Категорияи ХИС: C (Хатари паст)*** | Фаъолияти 2.3.1 Фаъолияти 2.3.3 Фаъолияти 3.3.2 | намоишӣ ё инфрасохтори обӣ; халалдоршавии эҳтимолии шаклҳои анъанавии чаронидани чорво дар натиҷаи барқарорсозии ҷангалзор ё пОшидани чарогоҳҳо; хавфи тақсимоти ноодилонаи замин; дур мондани занон аз маблағгузории иқлимӣ аз сабаби он ки ҳуҷҷати расмии замин ба номи хешовандони мард сабт шудааст. | | аз ҳама гуна зерлоиҳаҳо, аз ҷумла сабти номи замин ё далели дастрасии қонунӣ, кафолат додани он, ки ҳама гуна таъсироти иқтисодӣ тавассути сиёсатҳои миллӣ барои роҳнамоии ҳама гуна кӯчонидани иқтисодӣ коҳиш дода мешаванд; ҳалли баҳсҳои замин тавассути МБШ; сабти номи сервитутҳои муваққатӣ дар кадастрҳои миллии замин; дастгирии равандҳои муштараки банақшагирии истифодаи замин; татбиқи меъёрҳои қобили қабули молиявии ҳассос ба гендер. | | | |
| ***КЭИ 6 – Ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиии зинда*** <br><br> ***Категорияи ХИС: B (Хатари миёна)*** | Фаъолияти 2.2.1 Фаъолияти 2.2.2 Фаъолияти 2.3.1 Фаъолияти 2.3.3 Фаъолияти 3.3.2 | Фишори ғайримустақим ба минтақаҳои муҳофизатшаванда, Минтақаҳои калидии гуногунии биологӣ (KBA) ва намудҳои зери хатар қарордошта; хавфи ворид намудани намудҳои инвазивӣ ё ғайримаҳаллӣ (масалан, монеаҳои шамолшикани акатсия); талафоти макони зист, таназзул ва парокандашавӣ дар натиҷаи тавсеаи кишоварзӣ; афзоиши истисмори чӯб ва маҳсулоти ғайричӯбӣ; хатари мушаххас | Medium | Пешниҳоди омӯзиш ва роҳнамоии мақсаднок оид ба таҷрибаҳои КХҶДИЗ-и ҳассос ба гуногунии биологӣ; истифодаи қитъаҳои намоишӣ ва тарғиби мубодилаи дониш байни баҳрабардорон; гузаронидани санҷиши гуногунии биологӣ (IBAT), муайян кардани макони зисти муҳим ё наздикӣ ба макони зисти муҳим ё минтақаҳои муҳофизатшаванда барои зерлоиҳаҳо ҳангоми банақшагирии идоракунӣ/сармоягузорӣ; муқаррар кардани меъёрҳои дақиқи истиснокунӣ барои фаъолиятҳое, ки боиси табдил/таназзули маконҳои | Баланд | Паст | Не |

| Стандарти КЭИ фаъолшуда / Категорияи КЭИ ХИС | Фаъолияти барнома | Хавфи эҳтимолӣ ҳангоми татбиқ | Дараҷаи хавф (Паст, Миёна, Баланд) | Чораҳои васеътари коҳиш додани хавф | Самаранокии тахминии коҳишдиҳӣ | Дараҷаи хавф пас аз коҳишдиҳӣ (паст, миёна, баланд) | Арзёбии иловагии КЭИ талаб карда мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ба Геккони фарғонагии зери хатари шадид қарордошта (Alsophylax ferganensis) дар наздикии деҳаи Шорсуи Ӯзбекистон. | | зисти муҳим, таъсироти назаррас ба намудҳои зери хатари шадид/зери хатар қарордошта (CR/EN) ё фаъолиятҳо дар ҳудуди минтақаҳои ба таври қонунӣ муҳофизатшаванда мегарданд; тарғиби истифодаи намудҳои ба шароити маҳаллӣ мутобиқшуда ва ғайриинвазивӣ ва санҷиши намудҳои пешниҳодшуда бо дастурамалҳои миллии дастрас дар ҷойҳои имконпазир; ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои гуногунии биологӣ дар чаҳорчӯбаи мониторинги лоиҳа; таъсиси минтақаҳои буферӣ дар атрофи маконҳои зисти муҳим; дар ҷойҳое, ки зироатҳои ёрирасон ҳамчун монеаҳои шамолшикан, дарахтони сояафкан ва зироатҳои рӯйпӯшкунанда пешбарӣ мешаванд, ҷорӣ намудани онҳо бо таҷрибаҳои мувофиқи идоракунӣ ҳамроҳ хоҳад шуд; нигоҳ доштани набототи фоиданок дар боғот; ҳамгироии масъалаҳои гуногунии биологӣ ба зерлоиҳаҳо ва таъмини дастгирии омӯзишӣ ва машваратӣ дар баробари маблағгузорӣ. Барои зерлоиҳаҳои эҳтимолӣ дар наздикии деҳаи Шорсу арзёбии иловагии | | | |

| Стандарти КЭИ фаъолшуда / Категорияи КЭИ ХИС | Фаъолияти барнома | Хавфи эҳтимолӣ ҳангоми татбиқ | Дараҷаи хавф (Паст, Миёна, Баланд) | Чораҳои васеътари коҳиш додани хавф | Самаранокии тахминии коҳишдиҳӣ | Дараҷаи хавф пас аз коҳишдиҳӣ (паст, миёна, баланд) | Арзёбии иловагии КЭИ талаб карда мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | гуногунии биологӣ гузаронида шавад. | | | |
| ***КЭИ 7 – Мардуми бумӣ***<br><br>***Категорияи ХИС: С (Хатари паст / Ночиз)*** | Татбиқ намегардад | Дар минтақаи барнома Мардуми бумӣ (тибқи таърифи КЭИ 7) вуҷуд надоранд. Хатарҳои боқимонда инҳоянд: дар канор мондани чорводорон ва чӯпонон, ки ҳамчун гурӯҳҳои осебпазир ҳисобида мешаванд; монеаҳои забонӣ, ки иштирокро маҳдуд мекунанд (қирғизӣ, ӯзбекӣ, тоҷикӣ, русӣ); беэътиноии эҳтимолӣ ба ҳуқуқҳои анъанавии чарогоҳ ё заминҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим; хориҷ мондани гурӯҳҳои ақаллиятҳои забонӣ аз иттилоот. | Ночиз | Азбаски ҳеҷ гуна таъсир ба Мардуми бумӣ пешбинӣ нашудааст, ягон чораи коҳишдиҳии махсус барои Мардуми бумӣ пешниҳод намегардад. | Татбиқ намегардад | Ночиз | Не |
| ***КЭИ 8 – Мероси фарҳангӣ***<br><br>***Категорияи ХИС: С (Хатари паст)*** | Фаъолияти 2.2.1 Фаъолияти 2.2.2 Фаъолияти 2.3.1 Фаъолияти 2.3.3 Фаъолияти 3.3.2 | Халалдор кардани тасодуфии боқимондаҳои қаблан номаълуми бостоншиносӣ ҳангоми корҳои хурди заминканӣ; зарари тасодуфӣ ба ҷойҳои муқаддас, зиёратгоҳҳо, қабристонҳо ё объектҳои ландшафтии аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим; маҳдудияти дастрасӣ ба мавзеъҳои аз | Баланд | Санҷиши ҳамаи зерлоиҳаҳое, ки корҳои заминиро дар бар мегиранд, барои хатарҳои мероси фарҳангӣ; ба таври мушаххас хориҷ кардани мавзеъҳои маълуми мероси фарҳангӣ ё динӣ аз минтақаҳои дахолати барнома; татбиқи Тартиби бозёфтҳои тасодуфӣ ва талаб кардани қатъи фаврии корҳо ва хабардор кардани мақомоти мерос дар сурати кашф шудани | Баланд | Паст | Не |

| Стандарти КЭИ фаъолшуда / Категорияи КЭИ ХИС | Фаъолияти барнома | Хавфи эҳтимолӣ ҳангоми татбиқ | Дараҷаи хавф (Паст, Миёна, Баланд) | Чораҳои васеътари коҳиш додани хавф | Самаранокии тахминии коҳишдиҳӣ | Дараҷаи хавф пас аз коҳишдиҳӣ (паст, миёна, баланд) | Арзёбии иловагии КЭИ талаб карда мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҷиҳати фарҳангӣ муҳим ҳангоми фаъолиятҳои барнома; нигарониҳои ҷамоат дар сурати осеб дидани минтақаҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ ҳассос. | | боқимондаҳо; дастур додан ба ҳамаи пудратчиён ва коргарони ҷамоат оид ба ҳассосияти мероси фарҳангӣ пеш аз оғози корҳо; машварат бо ҷамоат оид ба мавҷудияти мавзеъҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим ҳангоми банақшагирии зерлоиҳаҳо. | | | |

## 7.2. КЭИ 1: Арзёбӣ ва идоракунии хатарҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ

### 7.2.1. Арзёбӣ

Ҳадафи асосии барнома тақвияти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар минтақаҳои мақсаднок тавассути тарғиби таҷрибаҳои истифодаи замин, ки ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам (УИПК) мебошанд, ба шумор меравад. Интизор меравад, ки ин равиш натиҷаҳои мусбати экологӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла беҳтар шудани сатҳи зиндагии деҳқонон, тақвияти амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани устуворecho иқлимиро ба бор орад. Тавассути ҷорӣ намудани таҷрибаҳои устувор, барнома метавонад баъзе таъсироти манфии тағйирёбии иқлим, аз қабили эрозияи хок, пастшавии маҳсулнокии кишоварзӣ ва талафоти гуногунии биологиро коҳиш диҳад. Гузашта аз ин, барнома ба фарогирӣ ва баланд бардоштани иқтидор таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад, ки ин ба тавсеаи имкониятҳои гурӯҳҳои дар канормонда ва тақвияти устувории ҷамоатҳо мусоидат хоҳад кард. Ин имкониятҳо сатҳи умумии хатарҳои барномаро поён мебаранд.

Сарфи назар аз таъсироти мусбати худ, фаъолиятҳои пешниҳодшуда хатарҳои эҳтимолии паст то миёнаро, ки бо як қатор стандартҳои Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (КЭИ) алоқамананд, дар бар мегиранд. Дар сурати идоракунии нокофӣ, ин метавонад ба таъсироти манфии ғайричашмдошт оварда расонад. Хатарҳои асосии зерин ба гурӯҳбандии хатари Миёна барои КЭИ 1 (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ) саҳм мегузоранд:

**Хатарҳои экологӣ**

- Истифодаи пуравҷи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, дар сурати ба таври ноустувор идора шудан, метавонад ба истифодаи аз ҳад зиёди захираҳои табиӣ, таназзули хок ва талафоти гуногунии биологӣ оварда расонад. Ин хатарҳо метавонанд ноогоҳона ба мутобиқшавии нодуруст (маладаптатсия) оварда расонанд, ки дар ин ҳолат барнома ба ҷои коҳиш додан, осебпазириро бештар мегардонад.

**Хатарҳои иҷтимоӣ**

- Барнома дар минтақаҳое амал мекунад, ки дастрасӣ ба об ва дигар захираҳо маҳдуд аст. Рақобат барои захираҳо, бахусус дар минтақаҳои камзахира, метавонад ба суботи ҷамоатҳо ва натиҷаҳои барнома хатар эҷод кунад.
- Хатарҳои марбут ба истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ (ИЗОҶ) дар ҳамкориҳои ҷамоатҳо, барномаҳои омӯзишӣ ва амалиётҳои молиявӣ вуҷуд доранд.

**Хатарҳои идоракунӣ ва амалиётӣ**

- Чаҳорчӯбаҳои заифи институтсионалӣ ва иқтидори маҳдуд барои идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ метавонанд ба татбиқи самараноки Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ), Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ (НЧМГ), Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор (НҶҶМ) ва Механизмҳои баррасии шикоятҳо (МБШ) халал расонанд.
- Набудани чаҳорчӯбаҳои идоракунии мутобиқшаванда метавонад тавонмандиро барои ба таври динамикӣ коҳиш додани хатарҳо ва вокуниши муассир ба таъсироти мушоҳидашуда заиф созад.

**Арзёбӣ оид ба низоъҳо ва вайронкунии ҳуқуқи инсон**

КЭИ 1 арзёбии ҳамаҷонибаи хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла низоъҳои эҳтимолӣ ва вайронкунии ҳуқуқи инсонро, ки метавонанд ҳамчун паёмадҳои ғайричашмдошти фаъолиятҳои барнома ба вуҷуд оянд, тақозо мекунад. Барнома дар шароите амал хоҳад кард, ки дар он дастрасӣ ба замин, об ва дигар захираҳои табиӣ аксаран маҳдуд аст, бахусус дар минтақаҳое, ки таҳти таъсири тағйирёбии иқлим қарор доранд. Ин маҳдудиятҳо метавонанд рақобатро барои ин захираҳо афзоиш дода, боиси танишҳои иҷтимоӣ байни ҷамоатҳои маҳаллӣ ё байни гурӯҳҳои гуногуни манфиатдор гарданд. Илова бар ин, гурӯҳҳои осебпазир метавонанд бо дур мондан аз манфиатҳои барнома, иштироки маҳдуд дар қабули қарорҳо ё истисмор тавассути таҷрибаҳои ноамни меҳнатӣ рӯ ба рӯ шаванд. Гузашта аз ин, ҳамкории нокифоя бо ҷамоатҳои маҳаллӣ метавонад ба нофаҳмиҳо дар бораи барномаи пешниҳодшуда оварда расонад. Чунин тасаввурот метавонанд ба баҳсҳо ё танишҳои иҷтимоӣ мубаддал гашта, ҳамбастагии ҷамоатҳо ва ҳадафҳои барномаро заиф созанд.

Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС), инчунин системаи идоракунии кафолатҳои GIZ, ба пешгирӣ аз поймолкунии ҳуқуқи инсони дигарон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, таъсироти манфии марбут ба ҳуқуқи инсонро, ки метавонанд аз ҷониби ин ташаббусҳо ба вуҷуд оянд ё мусоидат кунанд, ҳаллу фасл менамоянд. Ҳар як стандарти КЭИ дорои унсурҳои марбут ба ҷанбаҳои ҳуқуқи инсон мебошад, ки барнома метавонад дар ҷараёни фаъолияти худ бо онҳо рӯ ба рӯ шавад. Барои барномаи мазкур хатарҳо ва таъсирот ба ҳуқуқи инсон асосан ба шароити корӣ, ИЗОҶ, баробарии гендерӣ ва зӯроварии гендерӣ алоқаманд буда, мутаносибан дар доираи категорияи дахлдори КЭИ арзёбӣ мегарданд. Бо пайравӣ ба нақшаҳои дахлдор (НИЭИ ва НЧМГ), барнома метавонад масъалаҳои эҳтимолии марбут ба ҳуқуқи инсонро, ки аз категорияҳои гуногуни КЭИ бармеоянд, коҳиш диҳад.

*Ҷумҳурии Қирғизистон*

Машваратҳо тасдиқ карданд, ки таназзули экологӣ дар минтақаҳои фарогири барномаи Қирғизистон бо норасоии об, чаронидани аз ҳад зиёди чорво, харобшавии ҷангалҳо, хуруҷи зараррасонҳо ва афзоиши дучоршавӣ ба хатарҳои вобаста ба иқлим ба монанди лағжиши замин ва боришотҳои шадид робитаи зич дорад. Рақобат барои об байни ҷамоатҳо, бахусус дар шароити ҷадвалҳои гардишии обёрӣ, бинобар коҳиш ёфтани маҷрои обҳои мавсимӣ шиддат гирифтааст.

Ислоҳоти идоракунии чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Қирғизистон, аз ҷумла таҳияи нақшаҳои истифодаи чарогоҳҳо аз ҷониби кумитаҳои чарогоҳҳо, чаҳорчӯбаи муҳимро барои идоракунии устувори чарогоҳҳо муқаррар кардааст. Бо вуҷуди ин, ин нақшаҳо ба таври доимӣ иҷро намешаванд ва шумораи чорво дар баъзе минтақаҳо ҳамоно аз иқтидори экологии ғунҷоиш зиёд аст.

Ин ҳолат омезиши омилҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва экологиро инъикос мекунад. Гарчанде ки нақшаҳои истифодаи чарогоҳҳо шаклҳои чаронидани мавсимии чорво ва маҳдудиятҳои саршуморро муайян мекунанд, татбиқи онҳо аксаран бо сабаби маҳдуд будани иқтидори иҷроиш ва такя ба риояи ихтиёрӣ душвор мегардад. Дар айни замон, чорво ҳамчун сарчашмаи асосии воситаҳои рӯзгузаронӣ ва захираи сарват боқӣ монда, ҳавасмандии қавиро барои хонаводаҳо ҷиҳати зиёд кардани саршумори гала, бахусус дар вокуниш ба номуайянии иқтисодӣ ва тағйирёбии иқлим, ба вуҷуд меорад.

Фишори чаронидани чорво инчунин ба таври нобаробар тақсим шуда, истифодаи аз ҳад зиёди чарогоҳҳои дастрас дар наздикии маҳалҳои аҳолинишин ва истифодаи нокифояи минтақаҳои дурдасттар аз сабаби маҳдудиятҳои инфрасохторӣ ва дастрасӣ ба назар мерасад. Харитасозии ҳолати чарогоҳҳо нишон медиҳад, ки таназзул дар ин минтақаҳои дорои фишори баланд, бахусус дар чарогоҳҳои зимистона ва баҳорӣ мутамарказ шудааст. Илова бар ин, мавҷудияти маҳдуди маълумоти навсозишуда оид ба ҳолати чарогоҳҳо ва иқтидори ғунҷоиш идоракунии мутобиқшавандаро мушкил месозад.

Парокандагии институтсионалӣ ба татбиқи нақшаҳо боз ҳам бештар таъсир мерасонад, зеро масъулиятҳо барои идоракунии чарогоҳҳо, чорво ва муҳити зист байни якчанд идораҳо бо ҳамоҳангсозии маҳдуд тақсим шудаанд. Тағйирпазирии иқтидори идоракунии маҳаллӣ ва иштироки ҷамоатҳо низ ба риояи нақшаҳои истифодаи чарогоҳҳо таъсир мерасонад.

Дар натиҷа, нақшаҳои истифодаи чарогоҳҳо ба таври доимӣ ба натиҷаҳои пешбинишуда ноил нагардидаанд ва фишори давомдори чаронидани чорво дар баъзе минтақаҳо ба таназзули замин ва паст шудани маҳсулнокӣ мусоидат мекунад. Рафъи ин мушкилот тақвияти иҷроиш, беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқ кардани идоракунии чарогоҳҳоро бо стратегияҳои васеътари воситаҳои рӯзгузаронӣ ва устувории иқлимӣ тақозо мекунад.

Иштирокчиёни чорабиниҳои машваратӣ инчунин истифодаи нодурусти нуриҳо, мониторинги нокифояи pH-и хок ва фишори экологиро дар экосистемаҳои ҷангалҳои чормағз таъкид карданд. Ин хатарҳои экологӣ бо мушкилоти ҳамоҳангсозии институтсионалӣ байни кумитаҳои чарогоҳҳо, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, воҳидҳои хоҷагии ҷангал ва мақомоти маҳаллӣ боз ҳам мураккабтар мегарданд. Хатаре вуҷуд дорад, ки бе санҷиши самараноки барнома ва мониторингу идоракунии қавӣ ҳангоми татбиқ, барнома ин таҷрибаҳои бесамарро боз ҳам шадидтар ё такрор кунад.

Дар ноҳияҳои Қаросув ва Бозор-Қӯрғони Қирғизистон хатарҳои иҷтимоии контекстӣ асосан ба меъёрҳои қавии патриархалӣ ва сохторҳои ғайрирасмии қудрат алоқамананданд. Занон гузориш доданд, ки иштирок дар вохӯриҳои ҷамъиятӣ ё омӯзишҳои берунӣ метавонад иҷозати шавҳарон ё аъзои бонуфузи ҷомеаро талаб кунад. Ин хатареро ба вуҷуд меорад, ки банақшагирии муштараки истифодаи замин ва механизмҳои маблағгузории иқлимӣ, агар шаклҳои ҷалб ба таври махсус мутобиқ карда нашаванд, ноогоҳона занонро дар канор гузоранд. Илова бар ин, роҳбарони ғайрирасмӣ метавонанд ба интихоби баҳрабардорон ва равандҳои қабули қарорҳо дар ҷамоат таъсир расонанд. Бе меъёрҳои шаффофи интихоб ва стратегияҳои бисёрканалии иртиботот, барнома метавонад бо хатарҳои ғасби элита (истифодаи маблағҳо аз ҷониби ашхоси бонуфуз) ё гумонҳои ноадолатӣ рӯ ба рӯ шавад.

*Ӯзбекистон*

Дар Ӯзбекистон бесамарии обёрӣ, таназзули хок дар натиҷаи истифодаи таърихии моводи кимиёвӣ, ҷамъшавии партовҳо дар каналҳо ва нигарониҳо вобаста ба сифати об хатарҳои асосии экологиро ташкил медиҳанд. Ноҳияи Бешариқ бинобар вобастагӣ ба маҷрои обҳои фаромарзӣ махсусан осебпазир буда, хавфи норасоии обро дар шароити хушксолии минтақавӣ зиёд мекунад.

Ифлосшавии ҳаво, гармшавии иқлим ва паст шудани ҳосилхезии хок ҳамчун фишорҳои иловагии экологӣ муайян карда шуданд. Иштирокчиён ҳангоми вохӯриҳо бо ҷонибҳои манфиатдор ба аҳамияти татбиқи амалӣ таъкид намуда, қайд карданд, ки лоиҳаҳои қаблӣ баъзан натавонистаанд банақшагириро ба натиҷаҳои воқеӣ дар сатҳи саҳроӣ табдил диҳанд.

Дар Ӯзбекистон занон бо сабаби муҳоҷирати мардон дар идоракунии кишоварзӣ нақши торафт муҳимтар мебозанд. Бо вуҷуди ин, намояндагии расмӣ дар идоракунии истифодаи замин ва банақшагирии обёрӣ маҳдуд боқӣ мемонад. Хавфи асосӣ на канормонӣ тавассути меъёрҳои маҳдудкунанда, балки намояндагии сохтории нокифоя дар ниҳодҳои расмӣ мебошад. Илова бар ин, ҳамгироии иттилоот оид ба хавфи иқлимӣ ба равандҳои банақшагирӣ барои коҳиш додани хавфи марбут ба норасоии об ва тағйирёбии иқлим зарур аст.

*Тоҷикистон*

Машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор тасдиқ карданд, ки ноҳияҳои фарогири барнома дар Тоҷикистон (Деваштич дар вилояти Суғд ва Қубодиён дар вилояти Хатлон) ба тағйирпазирии иқлим ва таназзули экологӣ, аз ҷумла хушксолии тӯлонӣ, коҳиши дастрасӣ ба обҳои зеризаминӣ, шӯршавии хок, эрозия, тӯфонҳои чангу ғубор, паҳншавии зараррасонҳо ва нестшавии ҷангалҳо ниҳоят осебпазиранд. Дар Қубодиён баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавӣ маҳсулнокии хокро ба таври назаррас коҳиш додааст, дар ҳоле ки инфрасохтори заҳкашӣ аксаран ба таври нокифоя нигоҳдорӣ мешавад ё корношоям аст. Дар Деваштич кам шудани маҷрои об ба обанборҳо ва хушк шудани чашмаҳои маҳаллӣ ба эътимоднокии обёрӣ таъсир расонида, ба маҳсулнокии боғҳо ва суботи даромади хонаводаҳо таъсири мустақим расонидааст. Ин фишорҳои экологӣ бевосита ба воситаҳои рӯзгузаронӣ таъсир мерасонанд ва рақобатро барои захираҳои об ва замин, бахусус дар мавсими кишоварзӣ афзоиш медиҳанд.

Машваратҳо инчунин таъкид карданд, ки таназзули экологӣ бо мушкилоти ҳамоҳангсозии институтсионалӣ байни соҳаҳои калидӣ, аз ҷумла кишоварзӣ, идоракунии об, хоҷагии ҷангал ва ҳифзи муҳити зист боз ҳам мураккабтар мегардад. Ҷонибҳои манфиатдори маҳаллӣ қайд карданд, ки масъулиятҳо барои тақсимоти об, идоракунии замин ва нигоҳдории инфрасохтор аксаран байни муассисаҳо пароканда мебошанд, ки ин боиси камбудиҳо дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва масъулияти маҳдуд барои нигоҳдории системаҳои обёрӣ ва заҳкашӣ мегардад. Ин ба фарсудашавии инфрасохтор мусоидат карда, устувории дарозмуддати сармоягузориҳои қаблиро коҳиш додааст.

Дар сатҳи ҷамоатҳо дастрасӣ ба захираҳои об як масъалаи муҳим буда, метавонад боиси танишҳои маҳаллӣ гардад, бахусус дар давраҳои норасоии об. Ҷонибҳои манфиатдор гузориш доданд, ки тақсимоти об на ҳамеша одилона арзёбӣ мегардад ва ба он динамикаи болооб-поёноб ва ҳолати инфрасохтор таъсир мерасонад. Гарчанде ки ин танишҳо маъмулан тавассути тартиботи маҳаллӣ ҳаллу фасл мешаванд, онҳо эҳтимолияти сар задани низоъҳоро дар заминаи захираҳо нишон медиҳанд, агар тағйирпазирии иқлим шадидтар гардад ё мудохилаҳои барнома шаклҳои мавҷудаи истифодаи обро бидуни машварат ва ҳамоҳангсозии кофӣ тағйир диҳанд.

Осебпазириҳои марбут ба гендер низ дар ҷараёни машваратҳо пайваста ба миён гузошта шуданд. Дар ҳарду ноҳия занон дар истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла парвариши зироатҳо, идоракунии обёрӣ дар сатҳи хонаводагӣ ва нигоҳубини чорво фаъолона иштирок мекунанд. Бо вуҷуди ин, занон дар сохторҳои расмии қабули қарорҳо, ба монанди Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва кумитаҳои замин ҳамоно намояндагии кофӣ надоранд. Муҳоҷирати меҳнатии мардон масъулияти занонро дар идоракунии хоҷагиҳо ва воситаҳои рӯзгузаронии хонаводаҳо афзоиш додааст, аммо ин бо иштироки бештар дар равандҳои институтсионалӣ ё дастрасӣ ба захираҳо ҳамроҳ нашудааст.

Ҷонибҳои манфиатдор инчунин нишон доданд, ки иштироки занон дар вохӯриҳои ҷамоатҳо ва равандҳои қабули қарорҳо метавонад бо меъёрҳои иҷтимоӣ, сарбории вақт ва дастрасии маҳдуд ба иттилоот маҳдуд карда шавад. Дар натиҷа, хатаре вуҷуд дорад, ки афзалиятҳои занон, бахусус вобаста ба дастрасӣ ба об, захираҳои кишоварзӣ ва устувории сатҳи хонаводагӣ, дар банақшагирӣ ва татбиқи барнома пурра инъикос наёбанд. Бе механизмҳои мақсадноки иттилоърасонӣ ва машваратҳои фарогир, хатаре вуҷуд дорад, ки занон ва хонаводаҳои аз ҷониби занон сарваришаванда сарфи назар аз нақши марказии худ дар соҳаи КХҶДИЗ, дар байни баҳрабардорони барнома намояндагии кофӣ надошта бошанд.

Илова бар ин, машваратҳо осебпазириҳои васеътари иҷтимоӣ-иқтисодиро муайян карданд, аз ҷумла дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ, воситаҳои кишоварзӣ ва дастгирии техникӣ, бахусус дар байни деҳқонони хоҷагиҳои хурд. Ин маҳдудиятҳо метавонанд ба таври номутаносиб ба гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занон, хонаводаҳои камдаромад ва онҳое, ки ба интиқоли маблағҳо такя мекунанд, таъсир расонанд. Дар сурати ба таври кофӣ ҳал накардани онҳо, чунин омилҳо метавонанд ба тақсимоти одилонаи манфиатҳои барнома таъсир расонанд ва ба тасаввурот дар бораи дар канормондан ё ноадолатӣ мусоидат кунанд.

Дар маҷмӯъ, гарчанде ки ҳеҷ гуна вайронкуниҳои системавии ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои барнома муайян карда нашудаанд, таъсири мутақобилаи фишорҳои иқлимӣ, маҳдудияти захираҳо, нокифоягии институтсионалӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ шароите фароҳам меорад, ки дар он низоъҳои маҳаллӣ ё натиҷаҳои ноодилона ба вуҷуд омада метавонанд. Ин хатарҳо аҳамияти ҷалби фарогири ҷонибҳои манфиатдор, тақсимоти шаффофи захираҳо ва дастгирии мақсадноки гурӯҳҳои осебпазирро дар тарҳрезӣ ва татбиқи барнома таъкид мекунанд.

### 7.2.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд)

Таъсири умумӣ дар доираи КЭИ 1 ҳамчун **миёна** арзёбӣ мегардад (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ). Хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ асосан бо тавлиди ифлосшавӣ, ИЗОҶ, тақсимоти одилонаи об, талафоти гуногунии биологӣ, ҷалби бесамари ҷонибҳои манфиатдор ва назорат ва мониторинги заифи тақсимоти манфиатҳо алоқаманданд.

Хатарҳои иловагӣ иқтидори нокифояи институтсионалиро барои мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва идоракунии хатарҳои муайяншудаи экологӣ ва иҷтимоӣ дар бар мегиранд. Бо вуҷуди ин, ин хатарҳо хусусияти маҳаллӣ ва муваққатӣ дошта, тавассути чораҳои имконпазир ва муассири коҳишдиҳӣ идорашаванда мебошанд.

### 7.3. КЭИ 2: Меҳнат ва шароити корӣ

#### 7.3.1. Арзёбӣ

Хатарҳои марбут ба ҳуқуқи меҳнат ва стандартҳои амалкунанда барои ҳар се кишвар ба таври умум шабеҳ мебошанд. Бе коҳишдиҳии муассир, хатари мӯътадиле вуҷуд дорад, ки татбиқи фаъолиятҳои барнома ноогоҳона ба вайронкунии ҳуқуқи меҳнат, меҳнати маҷбурӣ ва кӯдакон ва ИЗОҶ оварда расонад. Бо вуҷуди ин, татбиқи зерлоиҳаҳо бо чораҳои қавии коҳишдиҳӣ ва назорат имконияти муҳимеро барои пешбурди тағйироти ҷамъиятӣ ва коҳиш додани паҳншавии чунин ҳодисаҳо дар дурнамои миёна ва дарозмуддат фароҳам меорад.

Фаъолиятҳои барнома, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, барқарорсозии чарогоҳҳо ва омӯзишҳо, корҳои серталаби меҳнатиро дар бар мегиранд, ки хатарҳоеро ба мисли шароити ноамни корӣ, музди ноодилона ва вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқи меҳнат, аз ҷумла меҳнати маҷбурӣ ё кӯдакон ба миён меоранд.

Дар саросари Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон сатҳи баланди шуғли ғайрирасмӣ, дастрасии маҳдуд ба МБШ-и муассир, муҳоҷирати мавсимӣ ва нақшҳои қатъии гендерӣ метавонанд ин хатарҳоро афзоиш диҳанд. Гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занон ва ҷавонон, метавонанд дар ҷараёни фаъолиятҳое, ки ҳамкории зичро бо кормандони барнома ё дигар баҳрабардорон тақозо мекунанд, аз қабили омӯзиш ва баланд бардоштани иқтидор, ба хатари бештари ИЗОҶ дучор шаванд. Меҳнати кӯдакон метавонад дар хонаводаҳои деҳқонӣ, ки дар фаъолиятҳои барнома иштирок мекунанд, махсусан дар давраҳои авҷи корҳои кишоварзӣ, вақте ки муҳоҷирати калонсолон вобастагиро ба кӯдакон меафзояд, рух диҳад.

Тағйирёбии иқлим ва хатарҳои табиии марбут ба он, ба монанди баландшавии ҳарорат, афзоиши басомади хушксолӣ ва боришотҳои шадид, эҳтимолан фишорҳоро ба воситаҳои рӯзгузаронӣ ва таҷрибаҳои ноамни корӣ шиддат бахшида, осебпазирии коргаронро боз ҳам бештар мегардонанд.

Гарчанде ки механиконидан талаботро ба меҳнати дастӣ дар баъзе минтақаҳо коҳиш додааст, такя ба меҳнати мавсимии оилавӣ (аз ҷумла кӯдакон) ҳангоми ғундоштани ҳосили пахта дар Бозор-Қӯрғони Ҷумҳурии Қирғизистон гузориш дода шудааст. Дар хонаводаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тангчил, кӯдакон метавонанд муваққатан дар корҳои ҷамъоварии ҳосил кумак кунанд. Гарчанде ки ин ҳолат системавӣ ё институтсионалӣ нест, он хатареро дар доираи КЭИ 2 муаррифӣ мекунад. Дар Ӯзбекистон ҳеҷ гуна нигаронӣ оид ба меҳнати кӯдакон муайян нашудааст, гарчанде ки нақшҳои тавсеаёфтаи занон бинобар муҳоҷират метавонанд шиддатнокии меҳнати ҷисмониро афзоиш диҳанд. Бо вуҷуди ин, афзоиши сарбории кории занон бинобар муҳоҷирати мардон метавонад ба шиддатнокии меҳнат ва хатарҳои саломатии касбӣ оварда расонад, агар таҷрибаҳои ба иқлим устувор меҳнати иловагии дастиро талаб кунанд.

Ба ҳамин монанд, ҳеҷ гуна меҳнати кӯдакон дар ноҳияҳои Деваштич ё Қубодиёни Тоҷикистон муайян карда нашудааст. Бо вуҷуди ин, сарбории меҳнати бемузди занон назаррас аст, бахусус дар давраҳои норасоии оби обёрӣ.

Дар маҷмӯъ, хатаре вуҷуд дорад, ки татбиқи лоиҳаҳои маблағгузоришавандаи барнома метавонад ба афзоиши меҳнати кӯдакон ё афзоиши сарбории меҳнати дастӣ дар байни занон оварда расонад.

### 7.3.2. Дарақаи таъсир (паст, миёна, баланд)

Барои ҳар се кишвар, ин хатар ҳамчун **миёна** арзёбӣ мегардад (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ).

Барнома дар шароитҳое амал хоҳад кард, ки ниҳодҳои бозори меҳнат, иқтидори иҷроиш ва таҷрибаҳои бехатарӣ ва саломатии касбӣ метавонанд вобаста ба соҳаҳо ва маконҳо фарқ кунанд. Бахусус, дар бахшҳои кишоварзӣ ва қувваи кории деҳот, метавонанд мушкилот вобаста ба татбиқи пайваста ва мониторинги қонунгузории миллии меҳнат, аз ҷумла дар мавриди шароити кор, истифодаи воситаҳои ҳифзи шахсӣ, соатҳои корӣ, роҳ надодан ба табъиз, намояндагии коргарон ва пешгирии меҳнати кӯдакон, меҳнати маҷбурӣ ва таҷрибаҳои меҳнати ғайрирасмӣ ҷой дошта бошанд. Ин омилҳои контекстӣ метавонанд хатареро ба вуҷуд оранд, ки фаъолиятҳои дастгиришавандаи барнома, махсусан онҳое, ки меҳнати мавсимӣ, шартномавӣ ё ҷамоатиро дар бар мегиранд, ба талаботи КЭИ 2 ва принсипҳои дахлдори СБМ пурра мувофиқат накунанд, магар ин ки назоратҳои мувофиқ, мониторинг ва чораҳои баланд бардоштани иқтидор роҳандозӣ шаванд.

Дар ҳоле ки ҳар се ҳукумат конвенсияҳои байналмилалиро оид ба ҳуқуқи меҳнат тасдиқ кардаанд, соҳаи кишоварзӣ бахусус аксаран ба таври ғайрирасмӣ фаъолият мекунад ва бисёре аз деҳқонон шартномаҳои расмии меҳнатӣ надоранд. СБМ шароити муносиби меҳнатро тарғиб мекунад, аммо пешрафт бо сабаби татбиқ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ халалдор мегардад.

Таҷрибаҳои меҳнатӣ ҳангоми фаъолияти баҳрабардарон, таҷрибаҳои заифи бехатарӣ ва саломатӣ, риоя накардани қонунҳои меҳнат, стандартҳои бастани шартномаҳо, риоя накардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои ҳифзи шахсӣ (ВҲШ) дар амалиётҳои гуногун, нигоҳдорӣ ва истифодаи нодурусти таҷҳизот ва маводи агрокимиёвӣ метавонанд ба саломатӣ ва бехатарии коргарон хатар эҷод кунанд; инчунин мувофиқат накардан ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба монанди СБМ ва КЭИ 2.

## 7.4. КЭИ 3: Самаранокии захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ

### 7.4.1. Арзёбӣ

Хатарҳои марбут ба самаранокии захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ барои ҳар се кишвар шабеҳ мебошанд. Бе банақшагирии муассир, хатаре вуҷуд дорад, ки татбиқи фаъолиятҳои барнома метавонад мушкилоти мавҷударо вобаста ба самаранокии энергия, дастрасӣ ба об ва сифати ҳаво шиддат бахшад. Бо вуҷуди ин, татбиқи барнома тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва қабули таҷрибаҳои истифодаи замини ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам, ки аз ҷиҳати энергия ва захираҳо самаранок мебошанд, ба беҳбудиҳои назаррас оварда мерасонад.

Инфрасохтори мавҷудаи идоракунии партовҳо ва тозакунии обҳои партов заиф буда, хатареро ба вуҷуд меорад, ки фаъолиятҳои барнома ба ифлосшавии маҳаллӣ мусоидат кунанд.

Захираҳои об низ маҳдуданд ва дастрасии об дар баъзе маконҳо нокифоя мебошад. Хатаре вуҷуд дорад, ки фаъолиятҳои барнома рақобатро барои захираҳои об афзоиш диҳанд.

Таъминоти нерӯи барқ ба шароити иқлимӣ ё нокомии таҷҳизот осебпазир аст. Хатаре вуҷуд дорад, ки фаъолиятҳои барнома талаботи нерӯи барқро зиёд карда, таъминоти барқро аз дигар истифодабарандагон дур кунанд.

Хокҳои ҳосилхез барои дастгирии системаҳои маҳсулноки кишоварзӣ заруранд ва ҳар гуна фаъолияте, ки метавонад ба эрозия ё таназзули хок оварда расонад, метавонад ба муваффақияти барнома таъсири манфӣ расонад.

**Ҷумҳурии Қирғизистон**

Гарчанде ки инфрасохтори обёрӣ дар ноҳияҳои интихобшудаи Қирғизистон ба таври яксон фарсуда нашудаанд, тағйирпазирии афзояндаи иқлим ва экосистемаҳои чарогоҳҳо ва истеҳсолоти хурди кишоварзӣ фишор меорад. Кам шудани қабати наботот дар минтақаҳои баландкӯҳи чарогоҳӣ нишон медиҳад, ки дар сурати тақвият наёфтани таҷрибаҳои барқарорсозӣ ва чаронидани гардишӣ, хатарҳои пайдоиши истифодаи аз ҳад зиёди чарогоҳҳо ва талафоти гуногунии биологӣ вуҷуд дорад. Маҳсулнокии кишоварзӣ дар минтақа аз нуриҳои кимиёвӣ ба монанди мочевина (карбамид) ва селитраи аммиак сахт вобаста аст. Деҳқонон гузориш доданд, ки истифодаи нодурусти нуриҳо ва набудани санҷиши pH-и хок аксаран ба азхудкунии нокифояи моддаҳои ғизоӣ оварда мерасонад, ки боиси боқимондаҳои кимиёвӣ дар хок мегардад ва ба таназзули дарозмуддати хок мусоидат мекунад. Дар баъзе мавридҳо, нуриҳо дар шакли кристаллӣ дар хок боқӣ мемонанд, ки ин азхудкунии бесамари моддаҳои ғизоӣ ва таъсироти эҳтимолии экологиро нишон медиҳад. Чаронидани аз ҳад зиёди чорво дар баъзе минтақаҳо қабати набототро коҳиш дода, боиси эрозияи хок ва паст шудани маҳсулнокии экосистемаҳои чарогоҳҳо гардидааст. Дар айни замон, экосистемаҳои ҷангал, бахусус ҷангалҳои чормағз, бо сабаби тағйирпазирии иқлим, паҳншавии зарарасонҳо ва таҷрибаҳои ноустувори истифодаи замин бо фишори экологӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Хатаре вуҷуд дорад, ки бе санҷиши самараноки барнома ва мониторингу идоракунии қавӣ ҳангоми татбиқ, барнома ин хатарҳои мавҷударо шиддат бахшад ё натавонад онҳоро бартараф созад.

**Ӯзбекистон**

Самаранокии об як афзалияти муҳими экологӣ дар ноҳияҳои фарогири барнома дар Ӯзбекистон ба шумор меравад. Шароити хушксолӣ ва паст шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ҳам барои кишоварзии тиҷоратӣ ва ҳам барои кишоварзии таъминкунандаи рӯзгор осебпазирӣ эҷод мекунанд. Системаҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои Янгиқӯрғон ва Бешариқ таърихан ба истифодаи интенсивии нуриҳои кимиёвӣ ва пеститсидҳо такя мекарданд, ки ин дар баъзе минтақаҳо ба таназзули хок ва ифлосшавии муҳити зист мусоидат кардааст. Иштирокчиёни машваратҳои ҷамоатӣ қайд карданд, ки истифодаи дарозмуддати маводи кимиёвӣ ба ҳосилхезии хок ва сифати об таъсир расонидааст. Норасоии об мушкилоти дигари калидист, ки ба самаранокии захираҳо таъсир мерасонад. Системаҳои обёрӣ аз маҷрои обҳои рӯизаминӣ, ки таҳти таъсири истифодаи об дар болооб ва тағйирёбии иқлими мавсимӣ қарор доранд, вобаста мебошанд. Бахусус дар ноҳияи Бешариқ норасоии об аллакай ба маҳсулнокии кишоварзӣ дар баъзе минтақаҳо таъсир расонидааст. Мушкилоти идоракунии партовҳо низ аз ҷониби ҷонибҳои манфиатдор муайян карда шуданд, аз ҷумла ҷамъшавии партовҳо дар каналҳои обёрӣ ва ҷӯйборҳо. Ин таҷрибаҳо метавонанд маҷрои обро маҳдуд созанд ва ба ифлосшавии маҳаллӣ мусоидат кунанд. Деҳқонон барои гузаштан ба таҷрибаҳои устувортари кишоварзӣ, аз ҷумла истифодаи нуриҳои органикӣ ва муборизаи биологӣ

бар зидди зараррасонҳо ҳавасмандӣ нишон доданд, аммо қайд карданд, ки дониши маҳдуди техникӣ ва маҳдудиятҳои молиявӣ ба ҷорӣ намудани ин усулҳо монеъ шудаанд. Хатаре вуҷуд дорад, ки бе санҷиши самараноки барнома ва мониторингу идоракунии қавӣ ҳангоми татбиқ, барнома ин хатарҳои мавҷударо шиддат бахшад ё натавонад онҳоро бартараф созад.

Норасоии об дар Ӯзбекистон шадид аст ва тағйир додани таҷрибаҳои обёрӣ метавонад ба истифодаи оби ҷамъиятӣ таъсир расонад. Заҳкашии нодуруст метавонад дар минтақаҳои водӣ шароит барои пайдоиши интиқолдиҳандагони бемории вараҷа ё денгеро фароҳам оварад. Тақрибан 80%-и захираҳои оби Ӯзбекистон аз кишварҳои ҳамсоя сарчашма мегиранд (Бонки Ҷаҳонӣ, 2025). Ӯзбекистон инчунин аз дарёҳои фаромарзии Амударё ва Сирдарё оби зиёд мегирад, ки боиси талафоти назарраси об бинобар системаҳои бесамари обёрӣ ва инфрасохтори насосӣ мегардад (Бонки Ҷаҳонӣ, 2025). Ин бесамариҳо боиси норасоии об мегарданд, ки интизор меравад бо сабаби хушксолиҳои марбут ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши маҷрои дарёҳо бадтар шавад ва ба системаҳои об, замин ва энергия фишор орад (IISD, 2024), ва ин ҳолат метавонад шиддат ёбад, агар зерлоиҳаҳо ҳангоми татбиқ бодиққат тафтиш ва назорат карда нашаванд.

**Тоҷикистон**

Дар Тоҷикистон хатарҳои экологӣ ба соҳаҳое ба монанди гидроэнергетика, обёрӣ ва истихроҷи маъдан таъсир мерасонанд, ки дар онҳо иншооти фарсуда, чораҳои маҳдуди назорати ифлосшавӣ ва талафоти зиёди об ҳамоно маъмуланд. Арзёбиҳои ахири нишондиҳандаҳои экологӣ нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои калидии экологӣ, ба монанди сифати ҳаво, тозакунии обҳои партов ва сифати об нишондиҳандаҳои махсусан паст дорад (Индекси нишондиҳандаҳои экологӣ, 2024). Ин мушкилотро дар назорати ифлосшавӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои асосӣ дар саросари кишвар нишон медиҳад.

Бесамарии обёрӣ ва шӯршавии хок низ мушкилоти назарраси экологиро муаррифӣ мекунанд. Дар ноҳияи Деваштич коҳиши боришот ва кам шудани дастрасӣ ба обҳои рӯизаминӣ ба системаҳои обёрӣ фишори афзоянда овардааст. Деҳқонон гузориш доданд, ки чашмаҳо ва обанборҳои хурд, ки қаблан обёриро дастгирӣ мекарданд, бинобар тағйирпазирии иқлим беэътимод шудаанд. Дар ноҳияи Қубодиён системаҳои бесамари заҳкашӣ ва баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ боиси шӯршавии хок дар баъзе минтақаҳои кишоварзӣ гардидаанд. Ин шароит маҳсулнокии зироатҳоро коҳиш дода, ниёз ба обёрии иловагӣ ва истифодаи нуриҳоро меафзояд ва давраи пастшавии сифати хок ва афзоиши масрафи захираҳоро ба вуҷуд меорад. Дар ҳарду минтақа хатаре вуҷуд дорад, ки ҳама гуна лоиҳае, ки масрафи обро зиёд мекунад, бе беҳтар кардани эътимоднокии системаҳои обёрӣ метавонад қобили қабул набошад.

Бо назардошти релефи кӯҳистонии Тоҷикистон, зерлоиҳаҳо бояд обхезиҳо ва лағжиши заминро ба инобат гиранд. Идоракунии нодурусти обёрӣ ё иншооти зидди сел метавонад ноогоҳона обхезиҳои поёноб ё ифлосшавии обро шадидтар кунад. Бемориҳои тавассути об паҳншаванда (вабо, исҳоли хунин, гепатит) нигаронкунандаанд, агар санитария заиф бошад ва истифодаи дубораи об афзоиш ёбад. Истифодаи моводи кимиёвӣ (нуриҳо ё гербисидҳо) дар қитъаҳои намоишӣ метавонад коргарони хоҷагиҳо ва ҷамоатҳоро зери хатар гузорад.

Ҷонибҳои манфиатдор инчунин нестшавии камарбандҳои муҳофизатӣ ва қабати ҷангалзорро, ки осебпазириро ба эрозияи шамол ва ҷамъшавии чангу ғубор афзоиш додааст, таъкид карданд. Нишасти чангу ғубор ба зироатҳо фотосинтез ва маҳсулнокии зироатҳоро коҳиш дода, деҳқононро маҷбур месозад, ки барои нигоҳ доштани ҳосилнокӣ воситаҳои иловагии кишоварзӣ истифода баранд.

Системаҳои истеҳсоли чорво низ бинобар паст шудани сифати чарогоҳҳо ва дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои ветеринарӣ бо мушкилоти самаранокӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Илова бар ин, таҷрибаҳои идоракунии партовҳои кишоварзӣ дар бисёр ҷамоатҳо маҳдуд боқӣ монда, боқимондаҳои кимиёвӣ аз нуриҳо ва пеститсидҳо метавонанд дар хок ва объектҳои обӣ ҷамъ шаванд.

#### 7.4.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд)

Барои ҳар се кишвар, таъсирот ва хатарҳои эҳтимолии марбут ба КЭИ 3 ҳамчун **миёна** арзёбӣ мегардад (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ). Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо мушкилоти сохтории марбут ба истифодаи бесамари об ва энергия, иншооти маҳдуди тозакунии обҳои партов, инфрасохтори фарсуда ва системаҳои маҳдуди назорати ифлосшавӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Сифати пасти ҳаво ба вобастагӣ ба сӯзишвории истихроҷшаванда алоқаманд аст.

Ҳамаи кишварҳо вобастагии баланд ба кишоварзии обӣ доранд, ки дар якҷоягӣ бо норасоии об, тағйирпазирии иқлим ва инфрасохтори фарсудаи обёрӣ ва обҳои партов, хатари истифодаи бесамари захираҳо ва ифлосшавии хок ва захираҳои обро меафзояд.

Стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои дастгиришавандаи байналмилалӣ ба беҳтар намудани самаранокии захираҳо ва идоракунии экологӣ нигаронида шудаанд; аммо самаранокии онҳо аксаран дар сатҳи маҳаллӣ маҳдуд аст. Хатарҳои ифлосшавӣ маъмулан маҳаллӣ буда, тавассути истифодаи таҷрибаҳои беҳтарин идорашаванда мебошанд. Аз ин рӯ, интизор намеравад, ки таъсироти марбут ба КЭИ 3 шадид ё бебозгашт бошанд, аммо барои пешгирии таъсироти маҷмӯии экологӣ тадбирҳои мақсадноки коҳишдиҳӣ ва татбиқи устуворро тақозо мекунанд.

### 7.5. КЭИ 4: Саломатӣ, бехатарӣ ва амнияти ҷомеа

#### 7.5.1. Арзёбӣ

Фаъолиятҳои мутобиқшавӣ ба иқлими марбут ба барнома (масалан, системаҳои обёрӣ, барқарорсозии ҷангалзор, корҳои чарогоҳӣ) метавонанд ба саломатӣ ва бехатарии ҷомеа таъсир расонанд. Обанборҳои нави обёрӣ ё заҳкашии саҳроӣ, барои мисол, метавонанд макони афзоиши интиқолдиҳандагони бемориҳоро фароҳам оранд ё манбаъҳои таъминоти обро ифлос кунанд. Истифодаи нодурусти воситаҳои ҳифзи наботот ё нуриҳо, идоракунии нокифояи партовҳо ё фаъолияти сусти таҷҳизот низ метавонанд ба саломатӣ ва бехатарии ҷомеа таъсир расонанд. Инчунин, хатари марбут ба ҳамлу нақли роҳ ва ҳодисаҳои марбут ба ҳаракати нақлиёти барнома вуҷуд дорад. Ин таъсирот метавонанд аз сабаби набудан ва дастрасӣ ба ёрии тиббии муносиб шадидтар гарданд. Бо вуҷуди ин, татбиқи барнома тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, баланд бардоштани иқтидор оид ба назорати ифлосшавӣ ва идоракунии партовҳо натиҷаҳои назаррас ба бор меорад ва бо ин роҳ эҳтимолияти хатарҳои манфӣ ба саломатӣ ва бехатариро коҳиш медиҳад.

Дар заминаи рақобат барои маблағгузорӣ ё дигар фаъолиятҳои барнома метавонанд танишҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд оянд.

Ҳар гуна ҳодисаҳои азонихудкунӣ ва дуздӣ дар сатҳи баҳрабардорон метавонанд ба танишҳои иҷтимоӣ ё баҳсҳо дар дохили ҷамоатҳо оварда расонанд. Хатарҳои эҳтимолии ИЗОҶ метавонанд аз зерлоиҳаҳое, ки ҳамкории ҷамоатҳо, ҳамкорӣ бо дигар шарикони лоиҳа ва ҳамкориҳо байни кормандони лоиҳаро тақозо мекунанд (машғулиятҳои омӯзишӣ, баланд бардоштани иқтидор барои шарикони лоиҳа ва ғайра), ба миён оянд.

Ҳар се кишвар бо маҳдудиятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, озодии баён ва журналистикаи мустақили маҳдуд рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, хатаре вуҷуд дорад, ки тавонмандии ҷамоатҳо ё аъзои ҷомеа барои баён кардани нигарониҳо, бахусус вобаста ба фаъолиятҳои баҳрабардорон, монеа эҷод кунад.

Хуруҷи зарарасонҳо, аз ҷумла ҳамлаи малах ва зарарасонҳои ҷангал, ба маҳсулнокии кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ таҳдид намуда, эҳтимолан фишори воситаҳои рӯзгузаронӣ ва осебпазирии иҷтимоии марбут ба онро афзоиш медиҳад. Ифлосшавии ҳаво ва боқимондаҳои кимиёвӣ аз таҷрибаҳои таърихии кишоварзӣ низ ҳамчун нигарониҳои саломатии экологӣ муайян карда шуданд. Партофтани нодурусти партовҳо ва воситаҳои кишоварзӣ дар каналҳо ва ҷӯйборҳо метавонанд ба ифлосшавии об ва хатарҳои санитарӣ мусоидат кунанд. Гармои шадид, давраҳои тӯлонии хушксолӣ ва тӯфонҳои чангу ғубор хатарҳои саломатиро, бахусус барои занон ва пиронсолон, ки ба меҳнати кишоварзӣ машғуланд, меафзоянд. Дар Қубодиён тӯфонҳои чангу ғубор, ки бо шамолҳои мавсимӣ алоқамантанд, ба мушкилоти роҳи нафас мусоидат карда, маҳсулнокии кишоварзиро коҳиш медиҳанд. Норасоии об ва вайроншавии системаҳои обёрӣ низ хатарҳои саломатиро ба вуҷуд меоранд, вақте ки ҷамоатҳо ба манбаъҳои ноамни об такя мекунанд ё маҷбуранд обро тавассути меҳнати дастӣ аз масофаҳои дур интиқол диҳанд. Ин шароитҳо ба таври номутаносиб ба занон, ки аксаран барои ҷамъоварии об ва идоракунии обёрӣ масъуланд, таъсир мерасонанд. Вайроншавии инфрасохтор, аз ҷумла насосҳои корношоям ва каналҳои заҳкашии фарсуда, хавфи обхезӣ, ботлоқшавӣ ва бемориҳои тавассути ҳашарот паҳншавандаро афзоиш медиҳанд. Хатаре вуҷуд дорад, ки бе санҷиши самараноки барнома ва мониторингу идоракунии қавӣ ҳангоми татбиқ, барнома ин хатарҳои мавҷудаҳро шиддат бахшад ё такрор кунад.

Барқарорсозии инфрасохтори обёрӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави кишоварзӣ низ метавонад хатарҳои муваққатии бехатариро дар марҳилаҳои сохтмон ва насб ба вуҷуд орад.

### 7.5.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд)

Барои ҳар се кишвар ин хатар ҳамчун **миёна** арзёбӣ мегардад (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ).

Ин асосан ба маҳдудиятҳои озодиҳои шаҳрвандӣ ва хатари марбут ба он вобаста аст, ки аъзои ҷомеа наметавонанд нигарониҳои худро баён кунанд ва ҳалли муносиби шикоятҳоро дастрас намоянд. Бо назардошти хусусият ва миқёси ҳолатҳои пешниҳодшуда, ҷалби эҳтимолии аъзои ҷомеа ба фаъолиятҳои баҳрабардорон ва набудани корҳои бузургмиқёс ё хатарнок, хатар ба саломатӣ, бехатарӣ ва амнияти ҷомеа дар ҳар се кишвар паст хоҳад буд.

## 7.6. КЭИ 5: Гирифтани замин ва кӯчондани маҷбурӣ

### 7.6.1. Арзёбӣ

Барои ҳар се кишвар, хатарҳо ва таъсироти эҳтимолӣ маҳдуд мебошанд. Аксари тадбирҳои барнома хизматрасониҳои машваратӣ, омӯзиш ё таҷҳизотро дар бар мегиранд, ки гирифтани заминро аз шахсони воқеӣ талаб намекунанд. Дар ҳолатҳои камназир, метавонад саҳми ихтиёрии замини ҷамоатҳо барои қитъаҳои намоишӣ, ниҳолхонаҳо ё инфрасохтори об талаб карда шавад. Ин метавонад дастрасиро ба минтақаҳои чарогоҳ ё деҳқонӣ муваққатан маҳдуд созад. Агар ба таври дуруст идора карда нашавад, чунин истифодаи замин метавонад ба воситаҳои рӯзгузаронии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, бахусус барои гурӯҳҳои осебпазир таъсир расонад. Шаклҳои анъанавии чаронидани чорво метавонанд тавассути барқарорсозии ҷангалзор дар заминҳои умумии таназзулёфта ё бастани чарогоҳҳо зери таъсир қарор гиранд. Шинонидани камарбандҳои муҳофизатӣ ё боғҳо дар заминҳои истифоданашавандаи давлатӣ метавонад қабати заминро тағйир диҳад, аммо эҳтимоли кӯчонидани истифодабарандагон кам аст.

Иттилоърасонии нодуруст дар бораи тақсимоти замин метавонад ба овозаҳо дар бораи тақсимоти ноодилонаи замин оварда расонад.

Дар ҳоле ки барнома гирифтани замин ё кӯчониданро дар бар намегирад, агар воситаҳои молиявӣ танҳо ба ҳуҷҷатҳои расмии моликияти замин такя кунанд, хатарҳои ғайримустақими дур мондан метавонанд ба вуҷуд оянд. Бо назардошти он ки замин аксаран ба номи хешовандони мард сабт мешавад, занон метавонанд дар дастрасӣ ба маблағгузории иқлимӣ ба таври мустақил бо монеаҳо рӯ ба рӯ шаванд.

**Ҷумҳурии Қирғизистон**

Ҳуқуқҳои замин дар Ҷумҳурии Қирғизистон умуман тавассути бақайдгирии расмии кадастрӣ ва тартиботи иҷора ба танзим дароварда мешаванд, иштироки амалии занон дар идоракунии замин ва қабули қарорҳои марбут ба замин дар амал маҳдуд боқӣ мемонад. Дар бисёре аз хонаводаҳо, бақайдгирии замин ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ба номи аъзои марди хонавода нигоҳ дошта мешаванд, сарфи назар аз он ки занон дар истеҳсолоти кишоварзӣ ва идоракунии хоҷагиҳои оилавӣ фаъолона иштирок мекунанд. Муҳоҷирати меҳнатии мардон масъулияти занонро дар кишоварзӣ афзоиш додааст ва бисёре аз занон ҳамчун менеҷерони амалии хоҷагӣ (де-факто) баромад намуда, барои таҳияи ҷадвали обёрӣ, идоракунии зироат ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ масъул мебошанд. Бо вуҷуди ин, занон аксаран дар гуфтушунидҳои марбут ба замин ё сохторҳои қабули қарорҳо дар сатҳи ҷамоат, ба монанди ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва кумитаҳои чарогоҳҳо, ваколати расмӣ надоранд.

**Ӯзбакистон**

Дар Ӯзбекистон чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқӣ ба занон имкон медиҳанд, ки ба замин ва қарз дастрасӣ пайдо кунанд. Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳои амалӣ, аз қабили талабот ба шуғли расмӣ ва мавҷудияти гарав ба қобилият барои гирифтани қарз таъсир мерасонанд. Агар механизмҳои молиявӣ бидуни меъёрҳои ҳассос ба гендер тарҳрезӣ шаванд, заноне, ки қитъаҳои хурдтарро идора мекунанд, метавонанд аз имкониятҳои сармоягузории калонтар маҳрум шаванд.

**Тоҷикистон**

Гарчанде ки тибқи Конститутсияи соли 1994, занон ва мардон барои дастрасӣ ба замин дар Тоҷикистон ҳуқуқҳои баробар доранд, дар амал занон аз ҳуқуқҳои баробар бархурдор нестанд. Моликияти маҳдуди расмии замин барои занон дастрасиро ба қарз ба таври назаррас маҳдуд месозад. Хонаводаҳои аз ҷониби занон сарваришаванда метавонанд дар қабули қарорҳо мустақилияти бештар дошта бошанд, аммо инчунин бо осебпазирии бештари молиявӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

### 7.6.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд)

Барои ҳар се кишвар ин хатар ҳамчун **паст** арзёбӣ мегардад (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ).

Ҳеҷ гуна кӯчонидани ҷисмонӣ дар назар нест ва истифодаи замин аз ҷониби барнома ихтиёрӣ хоҳад буд. Танҳо тағйироти ночиз ва муваққатӣ дар истифодаи замин метавонанд рух диҳанд. Хатари кӯчонидани ночизи иқтисодӣ ба осонӣ коҳиш дода мешавад.

## 7.7. КЭИ 6: Ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиии зинда

### 7.7.1. Арзёбӣ

Барнома мақсад дорад, ки таҷрибаҳои истифодаи замини КХҶДИЗ-ро, ки ба иқлим устувор ва дорои партовҳои кам мебошанд, тарғиб намуда, воситаҳои рӯзгузарониро тавассути рушди Занҷираи Арзиш (ЗА) ва тадбирҳои мутобиқшавӣ беҳтар созад. Гарчанде ки ин мудохилаҳо таъсироти мусбати экологӣ ва иҷтимоӣ доранд, онҳо инчунин дар сурати бодиққат идора нашудан хатарҳои талафоти гуногунии биологӣ ва таназзули экосистемаро ба миён меоранд. Санҷиш бо истифода аз IBAT (қисми 5.3.6. ) тасдиқ кард, ки се кишвари иштирокчӣ як қатор арзишҳои аз ҷиҳати глобалӣ муҳими гуногунии биологиро, аз ҷумла намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордошта (CR ва EN) ва минтақаҳои муҳофизатшавандаи дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ таъиншударо дастгирӣ мекунанд. Ин ҳассосиятҳо дар системаҳои ҷангал, саванна, ботлоқзор ва агроэкологӣ, ки метавонанд бо ландшафтҳои эҳтимолии зерлоиҳаҳо пайваст шаванд, ба назар мерасанд.

Гарчанде ки барнома нияти татбиқи фаъолиятҳоро дар дохили минтақаҳои ба таври қонунӣ муҳофизатшаванда надорад, системаҳои кишоварзӣ ва чарогоҳҳо дар баъзе минтақаҳо метавонанд дар дохили ландшафтҳои васеътари экологии атрофи ин мавзеъҳо ҷойгир шаванд. Аз ин рӯ, эҳтимоли фишорҳои ғайримустақим, ба монанди интенсификатсияи (пуравҷ гардонидани) истифодаи замин, тавсеаи чарогоҳҳо, гирифтани об ё ворид намудани намудҳои ғайримаҳаллӣ вуҷуд дорад, ки дар сурати дуруст идора нашудан метавонанд ба пайвастшавии экологӣ ва сифати маконҳои зист таъсир расонанд.

Мавҷудияти якчанд мавзеъҳои Категорияи Ia ва II-и IUCN (мамнӯъгоҳҳои қатъӣ ва боғҳои миллӣ) минтақаҳои дорои арзиши баланди ҳифзро нишон медиҳад, ки дар онҳо ҳассосияти гуногунии биологӣ махсусан баланд аст. Дар натиҷа, ҳар як зерлоиҳае, ки дар наздикии ин мавзеъҳо пешниҳод мешавад, санҷиши эҳтиётиро тақозо мекунад, то боварӣ ҳосил шавад, ки ҳеҷ гуна таъсири мустақим ё ғайримустақим ба амал наояд ва

дар ҳолати зарурӣ минтақаҳои буферии экологӣ ва масофаҳои маҳдудкунанда татбиқ карда шаванд.

Хатаре вуҷуд дорад, ки истифодаи намудҳое, ки дар дигар шароитҳо ҳамчун инвазивӣ (паҳншаванда) маълуманд, ба монанди камарбандҳои муҳофизатӣ ва дарахтони сояафкан ба монанди Акатсия, инчунин зироатҳои рӯйпӯшкунанда ҳамчун як қисми таҷрибаҳои агроҷангалпарварӣ ё кишоварзӣ, метавонад ба номутаносибии биологӣ дар экосистемаҳои маҳаллӣ оварда расонад, гуногунии биологиро коҳиш диҳад ва сохтор ва сифати макони зисти табииро тавассути пахш кардани флораи (набототи) маҳаллӣ тағйир диҳад. Бо вуҷуди ин, қобилияти онҳо барои рушд дар шароити душвори иқлимӣ ё зуд сабзидан маҳз ҳамон чизест, ки онҳоро ҳамчун зироатҳои ёрирасон арзишманд мегардонад. Ҷорӣ намудани зироатҳои нави ба хушксолӣ тобовар ё тағйирот дар ҷадвалҳои кишти зироатҳо метавонад таъсироти шабеҳ дошта бошад. Дар ландшафтҳое, ки тавассути санҷиши гуногунии биологӣ (IBAT) ҳамчун дастгирикунандаи намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордошта ё воқеъ дар наздикии минтақаҳои муҳофизатшаванда муайян шудаанд, оқибатҳои экологии ворид намудани намудҳои номуносиб ё интенсификатсияи истифодаи замин метавонанд шадидтар гарданд. Аз ин рӯ, барнома мақсад дорад, ки ин манфиатҳоро бо хатарҳои эҳтимолӣ ба маконҳои зисти табиӣ ва экосистемаҳои маҳаллӣ тавассути интихоби бодиққати намудҳо, санҷиш ва стратегияҳои идоракунии мутобиқшаванда мувозинат намояд.

Илова бар ин, тамаркузи барнома ба беҳтар намудани имкониятҳои иқтисодӣ тавассути Занҷирҳои Арзиш метавонад ноогоҳона талаботро ба заминҳои кишоварзӣ афзоиш дода, ба маконҳои зисти табиии ҳамсоя (аз ҷумла ҷангалҳо, ботлоқзорҳо ва чарогоҳҳо) ва экосистемаҳо фишор орад. Ин метавонад боиси гум шудан ва таназзули маконҳои зисти табиӣ гардад, бахусус дар минтақаҳое, ки деҳқонон кӯшиш мекунанд аз имкониятҳои нави бозор истифода баранд. Санҷиши гуногунии биологӣ (IBAT) нишон медиҳад, ки баъзе минтақаҳои дахолат метавонанд дар дохили ландшафтҳои васеътари экологӣ, ки KBA-ҳо ва минтақаҳои муҳофизатшавандаро дар бар мегиранд, ҷойгир бошанд, ки ин маънои онро дорад, ки таъсироти ғайримустақим ва маҷмӯӣ, аз қабили парокандашавии макони зист, халалдоршавӣ, афзоиши истихроҷи захираҳо ё тасарруфи замин, бояд бодиққат идора карда шаванд. Таъсири ғайримустақими барнома ин эҳтимолияти афзоиши истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла чӯб ва маҳсулоти ғайричӯбӣ мебошад, агар ба таври кофӣ ҳал карда нашавад, ки ба гуногунии биологӣ ва хизматрасониҳои экосистемавӣ таҳдидҳои иловагӣ эҷод мекунад.

Дар Ӯзбекистон мавҷудияти геккони фарғонагӣ (Alsophylax ferganensis), ки эҳтимолан эндемикӣ буда, таҳти хатари шадиди нобудшавӣ қарор дорад, дар масоҳати маҳдуди ҷуғрофӣ дар наздикии деҳаи Шорсу муайян карда шудааст. Хатари иловагии таъсир ба ин намуд аз ҳама гуна лоиҳаҳое, ки метавонанд ба ин минтақа таъсир расонанд, вуҷуд дорад.

### 7.7.2. Дараҷаи таъсир: (паст, миёна, баланд)

Ин хатар ҳамчун **миёна** арзёбӣ мегардад (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ). Гарчанде ки барнома инфрасохтори калонмиқёс ё табдили мустақими заминро маблағгузорӣ намекунад ва асосан ба баланд бардоштани иқтидор, рушди занҷираи арзиш ва таҷрибаҳои кишоварзии ба иқлим устувор равона шудааст, санҷиши гуногунии биологӣ (IBAT) мавҷудияти намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордошта ва минтақаҳои

муҳофизатшавандаро дар доираи ҷуғрофияи васеътари барнома тасдиқ мекунад. Аз ин рӯ, хатари воқеии таъсироти ғайримустақим ё пайдошаванда ба маконҳои зисти табиӣ ва эҳтимолан муҳим вуҷуд дорад, агар фаъолиятҳои зерлоиҳаҳо ба таври мувофиқ тафтиш ва идора карда нашаванд. Бо вуҷуди ин, ин хатарҳо тавассути тақвияти санҷиши гуногунии биологӣ, меъёрҳои истиснокунӣ ва чораҳои коҳишдиҳӣ, ки дар НИЭИ ҷойгир шудаанд, идорашаванда ҳисобида мешаванд. Ҳамаи хатарҳои гуногунии биологӣ мутобиқи иерархияи коҳишдиҳӣ идора карда мешаванд: пешгирӣ ҳамчун равиши асосӣ, пас аз он ба ҳадди ақал расонидан, барқарорсозӣ ва дар ҳолати мувофиқ, чораҳои ҷубронӣ.

## 7.8. КЭИ 7: Мардуми бумӣ

### 7.8.1. Арзёбӣ

Татбиқшавии КЭИ 7 тавассути таҳқиқоти назариявӣ ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар сатҳи саҳрой, ки ҳангоми омодасозии барнома гузаронида шуданд, бо истифода аз меъёрҳои КЭИ 7 ва Сиёсати ХИС оид ба мардуми бумӣ ба ҷои такя кардан танҳо ба эътирофи миллии гурӯҳҳои қавмӣ ё забонӣ, арзёбӣ гардид. Таҳлил маълумоти расмии демографӣ ва оморӣ, қонунгузорӣ ва сиёсатҳои дахлдор, таҳқиқоти ибтидоӣ ва имконпазирии барнома, арзёбиҳои қаблии экологӣ ва иҷтимоӣ, инчунин маълумоти нашршударо оид ба минтақаҳои мақсаднок дар Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фаро гирифт. Он баррасӣ кард, ки оё ҷамоатҳо худшиносиро ҳамчун Мардуми Бумӣ, пайванди дастаҷамъӣ ба қаламравҳои анъанавии мушаххас ва захираҳои табиӣ, ниҳодҳои анъанавии мушаххас ё системаҳои идоракунии захираҳо ва ниҳодҳои алоҳидаи фарҳангӣ, забонӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодиро нишон медиҳанд.

Хулосаҳо тавассути машваратҳо бо мақомоти миллӣ ва маҳаллӣ, намояндагони ҷамоатҳо, Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, кумитаҳои чарогоҳҳо, деҳқонон, гурӯҳҳои занон, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мутахассисони техникӣ тасдиқ карда шуданд. Ҷонибҳои манфиатдор пайваста гурӯҳҳои осебпазирро аз нигоҳи гендер, камбизоатӣ, дурдастӣ, синну сол ва вобастагии воситаҳои рӯзгузаронӣ ба захираҳои табиӣ муайян карданд, аммо ҳеҷ гуна ҷамоатҳоеро, ки дорои хусусиятҳои дастаҷамъии дар Сиёсати ХИС оид ба мардуми бумӣ тавсифшуда бошанд, муайян накарданд. Аз ин рӯ, на баррасии ҳуҷҷатҳо ва на машваратҳо ҷамоатҳоеро, ки ба хусусиятҳои КЭИ 7 ё Сиёсати ХИС оид ба мардуми бумӣ дар дохили минтақаҳои дахолати барнома мувофиқат кунанд, муайян накарданд. Гарчанде ки ин минтақаҳо аз ҷиҳати қавмӣ ва забонӣ гуногунанд, ақаллиятҳои муайяншуда дар системаҳои муқарраршудаи маъмурӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ иштирок мекунанд ва маҷмӯи ҳувияти дастаҷамъии мушаххас, пайванди ҳудудӣ ва ниҳодҳои анъанавиро, ки тибқи КЭИ 7 ё Сиёсати ХИС оид ба мардуми бумӣ талаб карда мешаванд, нигоҳ намедоранд. Аз ин рӯ, ҳисобида мешавад, ки КЭИ 7 аз ҷониби Барнома фаъол карда намешавад.

КЭИ барои барнома бо тарзе таҳия шудааст, ки инро ба инобат мегирад..

**Ҷумҳурии Қирғизистон**

Гарчанде ки кафолатҳои расмии КЭИ 7 талаб карда намешаванд, пешгирӣ кардан аз каноргузории расму оинҳои маҳаллӣ муҳим аст. Масалан, идоракунии чарогоҳҳо ё агроҷангалпарварӣ бояд ҳуқуқҳои анъанавии чаронидани чорворо эҳтиром кунанд. Агар ягон макони барнома бо заминҳои муқаддас ё аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим (масалан, зиёратгоҳҳо, қабристонҳо) мувофиқат кунад, он метавонад боиси норозигии ҷомеа

гардад. Монеаҳои забонӣ (қирғизӣ / ӯзбекӣ / русӣ) метавонанд иштирокро маҳдуд созанд, агар ҳал карда нашаванд.

**Тоҷикистон**

Мулоҳизаҳои калидии марбут ба мардуми бумӣ фарҳанги беназири ҷамоатҳои баландкӯҳ, ақаллиятҳои кӯчӣ ё деҳқон ба монанди ҷамоатҳои помирӣ дар Бадахшони Кӯҳӣ, ё дигар мардуми кӯҳистонро дар бар мегиранд. Агар корҳои фаҳмондадиҳӣ ё омӯзиш танҳо бо забони тоҷикӣ гузаронида шаванд, қишрҳои муайяни аҳолӣ метавонанд дар канор монанд. Истифодаи донишҳои маҳаллӣ ё замин (ба монанди чарогоҳҳои алпӣ) бидуни машварати мувофиқ метавонад ба таҷрибаҳои анъанавӣ халал расонад. Ҳеҷ хавфи мусодира вуҷуд надорад, аммо набудани ҳассосияти фарҳангӣ метавонад ба беэътимодӣ оварда расонад.

**Ӯзбекистон**

Фаъолиятҳои ҷалбкунӣ аз ҷиҳати фарҳангӣ фарогир хоҳанд буд. Омӯзишҳо ва вохӯриҳо бо забони ӯзбекӣ (ва русӣ дар ҳолати зарурӣ) гузаронида мешаванд ва намояндагии гендерӣ ва ақаллиятҳо таъмин карда мешавад. Барнома бо ҳокимони ноҳияҳо (роҳбарон) барои муайян кардани ҳама гуна расму оинҳои маҳаллӣ, ки ба таваҷҷуҳ ниёз доранд, ҳамкорӣ хоҳад кард. Агар гурӯҳи забонии ақаллият (масалан, тоҷикзабонҳо ё русзабонҳо дар Фарғона) дар як минтақа ҳузур дошта бошанд, маълумот бо ин забонҳо низ пешниҳод карда мешавад. Ин қадамҳо талаботи КЭИ 7-ро оид ба эҳтироми фарҳанг ва пешбурди иштирок ҳатто дар сурати набудани аҳолии мушаххаси мардуми бумӣ иҷро мекунанд.

#### 7.8.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд)

Ҳеҷ гуна мардуми бумӣ тавре ки дар КЭИ 7 муайян шудааст, дар минтақаи барнома ҳузур надоранд. Аз ин рӯ, ҳеҷ гуна таъсироти манфӣ интизор нест ва хатар дар доираи КЭИ 7 ночиз аст (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ).

### 7.9. КЭИ 8: Мероси фарҳангӣ

#### 7.9.1. Арзёбӣ

Ҳар се кишвар аз мероси фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ ғанӣ мебошанд. Ин қисман ба мавзеъҳои меросии онҳо, ки бо тиҷорат ва табодули фарҳангии Роҳи Абрешим алоқаманданд, вобаста аст, аммо инчунин мавзеъҳои меросии қадимӣ (масалан, петроглифҳо ва санъати рӯи санг), ёдгориҳои динии аввалия, хусусиятҳои ландшафт ва дигар мавзеъҳои меросии дорои аҳамияти миллӣ ё ҷаҳонӣ мавҷуданд. Ҳар се кишвар қонунгузорӣ барои ҳифзи мавзеъҳои меросӣ доранд.

Фаъолиятҳои барнома асосан бо заминҳои кишоварзӣ, чарогоҳҳо ва ландшафтҳои ҷангал маҳдуд буда, корҳои бузурги сохтмониро дар бар намегиранд. Бо вуҷуди ин, бо назардошти ҳузури васеи боқимондаҳои бостоншиносӣ, мавзеъҳои муқаддас, мақбараҳо, қабристонҳо ва хусусиятҳои ландшафтии аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим (масалан, чашмаҳо, дарахтон ва кӯҳҳои муқаддас), корҳои заминии марбут ба фаъолиятҳои барнома метавонанд бо захираҳои фарҳангии моддии номаълум дучор оянд.

Интизор меравад, ки таъсироти эҳтимолӣ маҳдуд ва хеле маҳаллӣ бошанд, аммо онҳо метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

- Халалдоркунии тасодуфии боқимондаҳои бостоншиносии қаблан номаълум ҳангоми ҳафриёти хурдмиқёс (масалан, барои иншооти обёрӣ ё чуқуриҳои ниҳолшинонӣ);
- Зарари тасодуфӣ ба мероси фарҳангии маълум ба монанди мавзеъҳои муқаддас, зиёратгоҳҳо, қабристонҳо, ё дарахтон ё хусусиятҳои ландшафтии аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим;
- Маҳдудиятҳои дастрасӣ ба мавзеъҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим, агар фаъолиятҳои барнома дуруст ба нақша гирифта нашаванд;
- Нигарониҳои ҷомеа агар минтақаҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ ҳассос аз фаъолиятҳои барнома зарар бинанд.

Ҳеҷ гуна таъсир ба мавзеъҳои муҳофизатшавандаи миллӣ ё Мероси ҷаҳонӣ интизор нест, зеро барнома чунин минтақаҳоро ҳадаф қарор намедиҳад.

#### 7.9.2. Дараҷаи таъсир (паст, миёна, баланд)

Барои ҳар се кишвар, ин хатар ҳамчун **паст** арзёбӣ мегардад (пеш аз татбиқи чораҳои коҳишдиҳӣ).

Бо назардошти миқёси хурди мудохилаҳои физикӣ, набудани фаъолиятҳо дар мавзеъҳои меросии маълум ва татбиқи тартиби санҷиш ва бозёфтҳои тасодуфӣ, интизор меравад, ки таъсироти эҳтимолӣ ба мероси фарҳангӣ дар ҳар се кишвар хеле маҳдуд бошанд.

## 8. Таъсироти экологӣ ва иҷтимоӣ (сатҳи зерлоиҳа)

Ин бахш ба а) муаррифии унсурҳои калидии механизми молиявии барнома ва б) арзёбии воқеии экологӣ ва иҷтимоӣ тақсим шудааст. Дар ҳоле ки боби 7 хатарҳои эҳтимолӣ ва таъсироти манфии (ғайричашмдошт)-ро дар сатҳи барнома нишон медиҳад, ин боб ба хатарҳои экологӣ ва иҷтимоии марбут ба татбиқи зерлоиҳаҳо дар доираи Фаъолиятҳои 2.2.1; 2.2.2; 2.3.1; 2.3.2 ва 2.3.3, инчунин 3.3.2 тамаркуз мекунад.

Фаъолиятҳои 2.3.1 ва 2.3.3 механизми маблағгузории кишоварзиро таъсис медиҳанд, ки аз ду ҷузъи ба ҳамдигар пурракунанда барои дастгирии таҷрибаҳои идоракунии заминҳои кишоварзии КХҶДИЗ ва сармоягузориҳои занҷираи арзиш иборат аст. Маблағҳои ХИС аз ҷониби ВЗОКСК, МТЛС ва КМЭТИ барои пешниҳоди молу хизматрасониҳо ба баҳрабардорони ниҳоӣ тавассути раванди дархост ва интихоб идора карда мешаванд. Довталабони муваффақ молу хизматрасониҳои аз ҷониби ташкилоти иҷрокунандаи миллии дахлдор харидоришударо мегиранд, ба шарте ки саҳми ҳатмии баҳрабардорро, ки вобаста ба гурӯҳи баҳрабардорон фарқ мекунад, пешниҳод намоянд. Ин молу хизматрасониҳо ҷорӣ намудани таҷрибаҳо ва технологияҳои кишоварзии КХҶДИЗ-ро дастгирӣ хоҳанд кард.

Маблағҳои қарзии БСА аз ҷониби Вазоратҳои молияи Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон идора карда шуда, тавассути ниҳодҳои молиявии маҳаллӣ пас аз раванди дархост ва арзёбӣ интиқол дода мешаванд. Довталабони муваффақи КХМ (MSME) барои маблағгузории таҷҳизот ва сармоягузориҳои мувофиқе, ки ба ҷорӣ намудани технологияҳо ва таҷрибаҳои КХҶДИЗ, инчунин рушди васеътари занҷираи арзиш дар минтақаҳои барнома мусоидат мекунанд, қарз мегиранд. Маблағгузорӣ ҳам барои кишоварзии лалмӣ ва ҳам обӣ дастрас хоҳад буд ва интизор меравад, ки талаботи бештар ба системаҳои истеҳсолии обёрӣ равона карда шавад.

Фаъолияти 2.3.2 механизми молиявиеро дар бар мегирад, ки ба маблағгузории таҷрибаҳои идоракунии заминҳои кишоварзии КХҶДИЗ дар Ҷумҳурии Қирғизистон нигаронида шудааст. Ин ягона фаъолиятест, ки қисман танҳо ба як кишвар дахл дорад. Маблағҳои ХИС аз ҷониби ТИ GIZ барои интихоби баҳрабардорони ниҳоӣ тавассути раванди дархост ва интихоб идора карда мешаванд, ки аз ҷониби се Ташкилоти Микроқарзии (ТМҚ) ғайритиҷоратӣ амалӣ мегардад. Таъсиси онҳо аз ҷониби GIZ бо дастгирии ибтидоии натуралӣ дар шакли таҷҳизот ва воситаҳо бо шарти пардохти 100% аз ҷониби баҳрабардорон барои эҷоди нақшаи гардишии ба дороиҳо асосёфта дастгирӣ карда мешавад. Довталабони муваффақ воситаҳои кишоварзӣ ва хизматрасониҳои механиконидашударо аз Гурӯҳҳои кишоварзии ҳифзшаванда мегиранд бо шарти пардохти нақдӣ ба ТМҚ, аз ҷумла пардохти ҳаққи хизмат. Дастрасӣ ба воситаҳои мавсимӣ ва хизматрасониҳои механиконидашуда ҷорӣ намудани истеҳсоли гандумро бо усули кишти бешудгор (no-till) дар минтақаи барномавии Ҷумҳурии Қирғизистон дастгирӣ хоҳад кард.

Фаъолиятҳои 2.2.1 ва 2.2.2 механизми молиявиеро дар бар мегиранд, ки ба маблағгузории таҷрибаҳои идоракунии ҷангал ва чарогоҳҳои КХҶДИЗ нигаронида шудааст. Маблағҳои ХИС аз ҷониби ARIS, ВЗОКСК, МТЛС ва КМЭТИ барои пешниҳоди молу хизматрасониҳо ба баҳрабардорони ниҳоӣ идора карда мешаванд. Корхонаҳои давлатии хоҷагии ҷангал ва муассисаҳои маҳаллӣ, ки барои идоракунии ҷангал ва чарогоҳҳо масъуланд, таҷҳизот, мавод ва хизматрасониҳо мегиранд, ки имкон медиҳанд тадбирҳои барқарорсозӣ, ҷангалзоркунӣ ва истифодаи устувор ва ба иқлим тобовари

замин, ки дар нақшаҳои сармоягузории мунисипалии ҷангал ва чарогоҳҳо афзалиятнок дониста шудаанд ва дар доираи фаъолиятҳои 2.2.1 ва 2.2.2 таҳия мегарданд, татбиқ шаванд. Таҷҳизот ва мавод ба ҷорӣ намудани таҷрибаҳо ва технологияҳои идоракунии ҷангал ва чарогоҳҳои КХЧДИЗ дар минтақаҳои барнома мусоидат хоҳанд кард.

Фаъолияти 3.3.2 механизми молиявиеро дар бар мегирад, ки ба маблағгузории тадбирҳои мутобиқшавии фаромарзӣ ва баланд бардоштани дониш ва иқтидор нигаронида шудааст. Маблағҳои ХИС аз ҷониби муассисае идора карда мешаванд, ки барои мизбонии платформа ҷиҳати пешниҳоди молу хизматрасониҳо ба баҳрабардорони ниҳоӣ тавассути раванди дархост ва интихоб интихоб мешавад. Довталабони муваффақ молу хизматрасониҳоеро, ки бевосита аз ҷониби муассисаи мизбон харидорӣ мешаванд, мегиранд, ба шарте ки пешниҳод якҷоя аз ҷониби ҳадди ақал ду муассиса, бо як муассиса аз ҳар як кишвари ҳамсоя таҳия ва амалӣ карда шавад. Молу хизматрасониҳо барқарорсозии фаромарзии замин, идоракунии устувори захираҳои табиӣ ва ҳифзи гуногунии биологиро дар ландшафтҳои интихобшуда дастгирӣ хоҳанд кард.

## 8.1. Тавсифи зерлоиҳа

### 8.1.1. Унсурҳои калидии Механизми грантҳои муштарак ва барномаи қарзӣ

*Ҷадвали 6: Шарҳи умумии зерлоиҳа*

| Навъи лоиҳа/ Ном | Механизми грантҳои муштарак (фаъолиятҳои 2.3.1 ва 2.3.3) | Барномаи қарзӣ (Фаъолияти 2.3.3) |
|---|---|---|
| Мавзуи лоиҳа | Мутобиқшавӣ/Кишоварзӣ | |
| Макони лоиҳа | Зерлоиҳаҳо дар хоҷагии баҳрабардорони ниҳоӣ, яъне заминҳои тахти истифодаи истеҳсолӣ дар маҷмӯъ 180 мунисипалитети мақсаднок дар вилоятҳои Ботканд, Ҷалолобод ва Оши Ҷумҳурии Қирғизистон; вилоятҳои Суғд ва Хатлони Тоҷикистон; ва вилоятҳои Андиҷон, Фарғона, Намангон ва Сурхондарёи Ӯзбекистон амалӣ карда мешаванд. | |
| ТИ масъул | ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ | Вазорати молияи Қирғизистон, Вазорати молияи Тоҷикистон, Вазорати молияи Ӯзбекистон |
| Арзиши тахминии барнома (Миқёс) | Аз 5,000 евро то 50,000 евро | То 500,000 евро |
| Давомнокии тахминии барнома | 6-12 моҳ | 12 моҳ |

*Сарчашма: GIZ, 2026*

Баҳрабардорони ниҳоии мувофиқ[1]:

**Ҷумҳурии Қирғизистон**

**Механизми грантҳои муштарак:**

- **Хоҷагиҳои деҳқонӣ ё деҳқонони инфиродӣ/хоҷагиҳои хурд** (меъёрҳо: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда ё эътирофшуда дар кишвар; дорои бақайдгирии дахлдор, ҳуҷҷатҳои мушаххасоти андоз ва суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё доироҳои

[1] These are initial criteria to be finalized during project implementation.

истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; қобилият барои пешниҳоди саҳми ҳадди ақали муштараки талабшаванда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

- **Гурӯҳҳои деҳқонон ва кооперативҳои кишоварзӣ** (меъёрҳо: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда ё эътирофшуда дар кишвар; дорои бақайдгирии дахлдор, ҳуҷҷатҳои мушаххасоти андоз ва суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; қобилият барои пешниҳоди саҳми ҳадди ақали муштараки талабшаванда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

**Барномаи қарзӣ:**

- **Корхонаҳои хурд ва миёнаи агросаноатӣ** (меъёрҳо: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда ё эътирофшуда дар кишвар; дорои бақайдгирии дахлдор, ҳуҷҷатҳои мушаххасоти андоз ва суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

**Тоҷикистон**

**Механизми грантҳои муштарак:**

- **Деҳқонони инфиродӣ/хоҷагиҳои хурд** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда ё эътирофшуда ё истеҳсолкунандаи инфиродӣ дар кишвар; дорои суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; қобилият барои пешниҳоди саҳми ҳадди ақали муштараки талабшаванда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).
- **Гурӯҳҳои деҳқонон ва Ташкилотҳои ҷамъиятӣ** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда ё эътирофшуда ё истеҳсолкунандаи инфиродӣ дар кишвар; дорои суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

**Барномаи қарзӣ:**

**Корхонаҳои хурд ва миёнаи агросаноатӣ** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда ё эътирофшуда ё истеҳсолкунандаи инфиродӣ дар кишвар; дорои суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

**Ӯзбекистон**

**Механизми грантҳои муштарак:**

- **Хоҷагиҳои деҳқонӣ** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар

кишвар; дорои шаҳодатномаи эътибордори бақайдгирӣ, рақами мушаххасоти андоз (РМА) ва суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; қобилият барои пешниҳоди саҳми ҳадди ақали муштараки талабшаванда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

- **Хоҷагиҳои фермерӣ** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар кишвар; дорои шаҳодатномаи эътибордори бақайдгирӣ, рақами мушаххасоти андоз (РМА) ва суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

**Барномаи қарзӣ:**

- **Корхонаҳои хурд ва миёнаи агросаноатӣ** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар кишвар; дорои шаҳодатномаи эътибордори бақайдгирӣ, рақами мушаххасоти андоз (РМА) ва суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).
- **Кластерҳои кишоварзӣ** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар кишвар; дорои шаҳодатномаи эътибордори бақайдгирӣ, рақами мушаххасоти андоз (РМА) ва суратҳисоби бонкии фаъол; фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва дар доираи минтақаи лоиҳа ва занҷирҳои арзиши дар барнома муайяншуда; далели дастрасии қонунӣ ба замин, макон ё дороиҳои истеҳсолии марбут ба сармоягузории пешниҳодшуда; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

*Тадбирҳои мувофиқ[2] (Хусусияти тадбир):*

| № | Таҷрибаҳои КХҶДИЗ | Системаҳои истифодаи замин | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Кишоварзии лалмӣ (гандум) | Кишоварзии обӣ (меваҷот, картошкаи тухмӣ, боғдорӣ) | Маҳсулоти ғайричӯбии ҷангал |
| 1 | Тарғиби кишти бешудгор | x | | |
| 2 | Киштгардон | x | | |
| 3 | Рӯйпӯш кардани зироат/хок | x | X | |
| 4 | Тарғиби истифодаи тӯрҳои зидди жола ва/ё тӯрҳои муҳофизатӣ аз ҳашарот/сояафкан | | X | |
| 6 | Истифодаи тухмӣ ва ниҳолҳои ба иқлим устувор | x | X | |
| 7 | Истифодаи решаҳои устувор ва навъҳои мева | | X | |
| 8 | Такмили афзоиши тухмии маҳаллӣ | | X | |
| 9 | Идоракунии беҳтаршудаи боғот | | X | |
| 10 | Таҷрибаҳои беҳтаршудаи парвариш дар гармхонаҳо | | X | |

[2] Инҳо тадбирҳои ибтидоӣ мебошанд, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳа ниҳоӣ карда мешаванд.

| № | Таҷрибаҳои КХҶДИЗ | Системаҳои истифодаи замин | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Кишоварзии лалмӣ (гандум) | Кишоварзии обӣ (меваҷот, картошкаи тухмӣ, боғдорӣ) | Маҳсулоти ғайричӯбии ҷангал |
| 11 | Беҳтар намудани ғизодиҳии растаниҳо ва мубориза бо зараррасонҳо | x | X | |
| 12 | Таҷрибаҳои беҳтаршудаи обёрӣ | | X | |
| 13 | Тақвияти иқтидорҳо ва таҷҳизоти пас аз ҷамъоварии ҳосил | x | X | X |

*Категорияҳои хароҷоти мувофиқ:*

- Воситаҳои кишоварзӣ, масалан тухмиҳои ба иқлим устувор
- Мавод ва таҷҳизот
  a. Техника, масалан мошинҳои кишти мустақим
  b. Системаҳои обёрии самаранок дар сатҳи хоҷагӣ, масалан обёрии қатрагӣ, боронӣ, обанборҳо барои нигоҳдории об, технологияи геомембранӣ
  c. Тӯрҳои зидди жола ва ҳашарот, иншооти муҳофизатии парвариш
  d. Насосҳои офтобӣ
  e. Таҷҳизот ва воситаҳои хурди хоҷагӣ
  f. Гармхонаҳо
- Иншооти амалиётӣ
  a. Иншооти нигоҳдорӣ
  b. Нигоҳдории хунук (яхдонҳо)
  c. Таҷҳизоти хурди хушккунӣ ва коркард
  d. Таҷҳизоти борбандӣ (борпечкунӣ) ва баланд бардоштани сифат
- Хизматрасониҳо
  a. Лоиҳакашии техникӣ ва хизматрасониҳои насбкунӣ; омӯзишҳои бевосита вобаста ба сармоягузориҳои тасдиқшуда
  b. Рақамикунонӣ (дигитализатсия)
  c. Автоматикунонии равандҳо
  d. Сертификатсияи сифат, масалан ISO, HACCP

### 8.1.2. Унсурҳои калидии суръатбахши ҷорӣ намудани кишти бешудгор

*Ҷадвали 7: Шарҳи умумии зерлоиҳа*

| Навъи лоиҳа/ Ном | Суръатбахши ҷорӣ намудани кишти бешудгор (Фаъолияти 2.3.2) |
|---|---|
| Мавзуи лоиҳа | Мутобиқшавӣ/ Кишоварзии лалмӣ |
| Макони лоиҳа | Зерлоиҳаҳо дар заминҳои кишоварзии лалмии деҳқонон дар мунисипалитетҳои мақсадноки вилоятҳои Ботканд, Ҷалолобод ва Ӯши Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ карда мешаванд. |
| ТИ масъул | GIZ |
| Арзиши тахминии лоиҳа (Миқёс) | Бе пули нақд. Саҳми ибтидоии натуралӣ дар намуди техника ва воситаҳо ба маблағи 500,000 евро барои ТМҚ |
| Давомнокии тахминии лоиҳа | 12-18 моҳ |

*Сарчашма: GIZ, 2026*

*Баҳрабардорони ниҳоии мувофиқ[3]:*

**Ҷумҳурии Қирғизистон:**

- **Ташкилотҳои микроқарзӣ** (меъёрҳои намунавӣ: ба таври қонунӣ ҳамчун ТМҚ дар Ҷумҳурии Қирғизистон таъсис ёфтаанд ва ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд, ҳадди ақал 3 сол таҷрибаи маблағгузории кишоварзӣ доранд).
- **Деҳқон** (меъёрҳои намунавӣ: мавҷудияти замини лалмӣ, омодагӣ барои қабули таҷрибаҳои кишти бешудгор / барқароршаванда, уҳдадорӣ барои иштирок дар дастгирии машваратӣ ва фаъолиятҳои мониторинг).

*Тадбирҳои мувофиқ[4] (Хусусияти тадбир):*

| № | Таҷрибаҳои КХҶДИЗ | Системаи истифодаи замин: |
|---|---|---|
| | | Кишоварзии лалмӣ (гандум) |
| 1 | Тарғиби кишти бешудгор | x |
| 2 | Киштгардон | x |
| 3 | Рӯйпӯш кардани зироат/хок | x |
| 5 | Истифодаи тухмӣ ва ниҳолҳои ба иқлим устувор | x |
| 6 | Беҳтар намудани ғизодиҳии растаниҳо ва мубориза бо зараррасонҳо | x |

*Категорияҳои хароҷоти мувофиқ:*

- Воситаҳои кишоварзӣ, масалан тухмиҳои ба иқлим устувор ва нуриҳои минералӣ
- Мавод ва таҷҳизот
    a. Техника, масалан мошини кишти мустақим
- Иншооти амалиётӣ
    b. Иншооти нигоҳдорӣ
- Хизматрасониҳо
    c. Лоиҳакашии техникӣ ва хизматрасониҳои насбкунӣ; омӯзишҳои бевосита вобаста ба сармоягузориҳои тасдиқшуда
    d. Рақамикунонӣ (дигитализатсия)
    e. Автоматикунонии равандҳо
    f. Сертификатсияи сифат, масалан ISO, HACCP

### 8.1.3. Унсурҳои калидии механизми сармоягузории ҷангал ва чарогоҳ

*Ҷадвали 8:Шарҳи умумии зерлоиҳа*

| | |
|---|---|
| **Навъи лоиҳа/ Ном** | Сармоягузории ҷангал ва чарогоҳ (Фаъолиятҳои 2.2.1 ва 2.2.2) |
| **Мавзуи лоиҳа** | Байнисоҳавӣ / ҷангал ва чарогоҳ |
| **Макони лоиҳа** | Зерлоиҳаҳо дар ҷангал ва чарогоҳҳои 11 корхонаи давлатии хоҷагии ҷангал (КДХҶ) ва заминҳои чарогоҳии 55 мунисипалитети мақсаднок дар вилоятҳои Ботканд, Ҷалолобод ва Ӯши Ҷумҳурии Қирғизистон; ҷангал ва чарогоҳҳои 6 КДХҶ ва заминҳои чарогоҳии 55 мунисипалитет дар вилоятҳои Суғд ва Хатлони Тоҷикистон; ва ҷангал ва чарогоҳҳои 8 КДХҶ ва заминҳои чарогоҳии 30 мунисипалитет дар вилоятҳои Намангон ва Сурхондарёи Ӯзбекистон амалӣ карда мешаванд. |

[3] Инҳо тадбирҳои ибтидоӣ мебошанд, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳа ниҳоӣ карда мешаванд.
[4] Инҳо тадбирҳои ибтидоӣ мебошанд, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳа ниҳоӣ карда мешаванд.

| ТИ масъул | ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ |
|---|---|
| Арзиши тахминии лоиҳа (Миқёс) | Бе пули нақд. Таъминоти мустақими таҷҳизот, мавод ва хизматрасониҳо |
| Давомнокии тахминии лоиҳа | То 4 сол |

*Баҳрабардорони ниҳоии мувофиқ[5]:*

- **Корхонаҳои давлатии хоҷагии ҷангал** (меъёрҳои намунавӣ: мақоми ҳуқуқӣ/бақайдгирӣ; дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар барнома муайян шудааст).
- **Муассисаҳои маҳаллӣ, ки барои идоракунии чарогоҳҳо масъуланд** (меъёрҳои намунавӣ: мақоми ҳуқуқӣ/бақайдгирӣ (ҳамчун мунисипалитет, ё ассотсиатсия, ё гурӯҳи/иттиҳодияи истифодабарандагони чарогоҳ ва ғайра), дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар барнома муайян шудааст; далели дастрасии қонунӣ ба замин, ки ба сармоягузории пешниҳодшуда мувофиқ аст; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

*Тадбирҳои мувофиқ[6] (Хусусияти тадбир):*

| № | Таҷрибаҳои барқарорсозӣ, ҷангалзоркунӣ ва идоракунии устувор ва ба иқлим тобовар | Системаҳои истифодаи замин | |
|---|---|---|---|
| | | Ҷангал | Чарогоҳ |
| 1 | Барқароршавӣ ва барқарорсозии табиии ёрирасон, масалан, деворкашии муваққатӣ | x | x |
| 2 | Ниҳолшинонӣ дар минтақаҳои аз ҳама бештар таназзулёфта, масалан, намудҳои маҳаллӣ | x | |
| 3 | Беҳтар намудани сифати ниҳолҳо ва эҳтимолияти зиндамонӣ/сатҳи сабзиши ниҳолҳо | x | |
| 4 | Афзоиши дарахтони дар сатҳи маҳаллӣ интихобшуда ва ба иқлим устувор (тухмӣ ва ниҳолҳо) | x | |
| 5 | Тақвияти иқтидори истеҳсолии ниҳолхонаҳо | x | |
| 6 | Бунёди иншооти нигоҳдорӣ ва тақсимоти об, масалан, обанборҳо, насосҳои офтобӣ | x | |
| 7 | Беҳтар намудани мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ, аз ҷумла идоракунии маълумоти маҳаллӣ | x | x |
| 8 | Беҳтар намудани тухмии хӯроки чорво, ки ба шароити маҳаллӣ мутобиқ ва ба иқлим устувор мебошанд | | x |
| 9 | Беҳтар намудани дастрасӣ ба чарогоҳҳои дурдасти камистифодашаванда, масалан, пулҳои хурд | | x |
| 10 | Беҳтар намудани чаронидани гардишӣ | | x |
| 11 | Беҳтар намудани дастрасӣ ба об дар чарогоҳҳои дурдасти камчаронидашаванда, масалан, нуқтаҳои обёрӣ, насосҳои офтобӣ | | x |

*Категорияҳои хароҷоти мувофиқ:*

- Воситаҳои ҷангал ва чарогоҳ, масалан тухмиҳои ба иқлим устувор ва ниҳолҳо
- Мавод ва таҷҳизот
    a. Техника ва таҷҳизоти хурд барои истифода дар ниҳолхонаҳо

[5] Инҳо тадбирҳои ибтидоӣ мебошанд, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳа ниҳоӣ карда мешаванд.
[6] Инҳо тадбирҳои ибтидоӣ мебошанд, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳа ниҳоӣ карда мешаванд.

b. Масолеҳи деворкашӣ (panчара)
c. Масолеҳи сохтмонӣ барои нуқтаҳои обёрӣ ва нигоҳдорӣ ва тақсимоти об
d. Таҷҳизот ва таҷҳизоти сахтафзор барои мониторинг, маълумот ва ҳисоботдиҳӣ
e. Техника, масалан грейдерҳо барои тоза кардани роҳҳои хокӣ

- Хизматрасониҳо
  a. Нерӯи корӣ

### 8.1.4. Унсурҳои калидии платформаи минтақавии сармоягузорӣ

*Ҷадвали 9: Шарҳи умумии зерлоиҳа*

| | |
|---|---|
| **Навъи лоиҳа/ Ном** | Платформаи минтақавии сармоягузорӣ (Фаъолияти 3.3.2) |
| **Мавзуи лоиҳа** | Байнисоҳавӣ / кишоварзӣ, ҷангал, чорогоҳ ва гуногунии биологӣ |
| **Макони лоиҳа** | Зерлоиҳаҳо дар ландшафтҳои фаромарзӣ дар минтақаҳои дахолати лоиҳа дар Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон амалӣ карда мешаванд. |
| **ТИ масъул** | GIZ |
| **Арзиши тахминии лоиҳа (Миқёс)** | Бе пули нақд. Таъминоти мустақими таҷҳизот, мавод ва хизматрасониҳо ба маблағи аз 100,000 то 300,000 евро |
| **Давомнокии тахминии лоиҳа** | 6 моҳ - 1,5 сол, вобаста ба пешниҳод |

*Сарчашма: GIZ, 2026*

<u>*Баҳрабардорони ниҳоии мувофиқ[7]:*</u>

- **Муассисаҳои миллӣ дар соҳаҳои КХҶДИЗ** (меъёрҳои намунавӣ: мақоми ҳуқуқӣ; дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар лоиҳа муайян шудааст; фаъолият дар соҳаҳои баррасишаванда ва дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар лоиҳа муайян шудааст).
- **Муассисаҳои зермиллӣ ва ваколатдоршуда дар соҳаи КХҶДИЗ:** Маъмуриятҳои ноҳиявӣ, маъмуриятҳои маҳаллӣ (меъёрҳои намунавӣ: мақоми ҳуқуқӣ; дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар барнома муайян шудааст).
- **Минтақаҳои муҳофизатшаванда, масалан, боғҳои миллӣ** (меъёрҳои намунавӣ: мақоми ҳуқуқӣ/бақайдгирӣ; дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар барнома муайян шудааст).
- **Корхонаҳои хурд ва миёна, ки дар системаҳои мақсадноки истифодаи замин фаъолият мекунанд (барои кумаки техникӣ, ба монанди омӯзиш ё табодули таҷриба)** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар кишвар; дорои шаҳодатномаи эътибордори бақайдгирӣ, рақами мушаххасоти андоз (РМА); фаъолият дар соҳаҳои баррасишаванда ва дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар барнома муайян шудааст).
- **Иттиҳодияҳои тиҷоратӣ (барои кумаки техникӣ, ба монанди омӯзиш ё табодули таҷриба)** (меъёрҳои намунавӣ: шахси ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар кишвар; дорои шаҳодатномаи эътибордори бақайдгирӣ, рақами мушаххасоти андоз (РМА); фаъолият дар соҳаҳои баррасишаванда ва дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар барнома муайян шудааст).
- **Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ** (меъёрҳои намунавӣ: ба таври қонунӣ ба қайд гирифташуда дар кишвар; фаъолият дар соҳаҳои баррасишаванда ва дар доираи минтақаи мувофиқи лоиҳа, ки дар барнома муайян шудааст; далели таҷрибаи корӣ

[7] Инҳо меъёрҳои ибтидоӣ мебошанд, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳа ниҳоӣ карда мешаванд.

ва таҷрибаҳои бомуваффақият анҷомёфта дар соҳа; қобилият барои пешниҳоди саҳми маблағгузории муштарак; изҳорот дар бораи маблағгузории дукарата надоштан).

*Тадбирҳои мувофиқ[8] (Хусусияти тадбир):*

| № | Тадбирҳои фаромарзӣ | Системаҳои истифодаи замин | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Кишоварзӣ | Ҷангал | Чарогоҳ | Минтақаи муҳофизатшаванда |
| 1 | Барқарорсозии заминҳои таназзулёфта, масалан, чораҳои ҳамоҳангшудаи болооб ва поёноб ё дахолат дар ҷангалҳо ё чарогоҳҳо дар ландшафти муштарак | | x | x | x |
| 2 | Нақшаи беҳтаршудаи идоракунии минтақаи муҳофизатшаванда бо дарназардошти иқлим | | | | x |
| 3 | Пайвастшавии беҳтаршудаи маконҳои зист, масалан, долонҳо дар саросари сарҳадҳо | | | | x |
| 4 | Рушди иқтидор | x | x | x | x |
| 5 | Табодули беҳтаршудаи дониш ва омӯзиши ҳамсолон | x | x | x | x |
| 6 | Дастгирии равишҳои инноватсионӣ, масалан, мониторинг | | x | x | x |

*Категорияҳои хароҷоти мувофиқ:*

- Воситаҳои ҷангал ва чарогоҳ, масалан тухмиҳои ба иқлим устувор ва ниҳолҳо
- Мавод ва таҷҳизот
    a. Техникаи хурд
    b. Масолеҳи деворкашӣ (панҷара)
    c. Масолеҳи сохтмонӣ барои нигоҳдорӣ ва тақсимоти об
    d. Таҷҳизот барои ниҳолхонаҳо
    e. Таҷҳизот ва таҷҳизоти сахтафзор барои минтақаҳои муҳофизатшаванда
- Хизматрасониҳо
    a. Нерӯи корӣ
- Кумаки техникӣ ва баланд бардоштани иқтидор
    a. Таҳияи нақшаҳои идоракунӣ
    b. Омӯзиш
    c. Сафарҳои табодулӣ
    d. Чорабиниҳои мубодилаи дониш

[8] Инҳо тадбирҳои ибтидоӣ мебошанд, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳа ниҳоӣ карда мешаванд.

## 8.2. АТМЗИ (сатҳи зерлоиҳа)

Фаъолиятҳои мувофиқ асосан ҳамчун Категорияи C-и КЭИ (хатари ҳадди ақал ё паст) мутобиқи принсипҳои ХИС ва Системаи идоракунии S+G-и GIZ тасниф карда мешаванд. Хатарҳои алоқаманд маъмулан бо хатарҳо ва/ё таъсироти манфии ҳадди ақал ё ночизи экологӣ ё иҷтимоӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, баъзе фаъолиятҳои мувофиқ инчунин ҳамчун Категорияи B-и КЭИ мутобиқи принсипҳои ХИС ва Системаи идоракунии S+G-и GIZ тасниф карда мешаванд. Ин хатарҳо маъмулан хусусияти маҳаллӣ дошта, муваққатӣ ва асосан барқароршаванда мебошанд ва таъсироти манфии маҳдуд доранд, ки тавассути чораҳои мувофиқ коҳиш дода мешаванд.

- **Механизмҳои маблағгузории кишоварзӣ:** дар доираи Механизми грантҳои муштарак ва Суръатбахши ҷорӣ намудани кишти бешудгор (Фаъолиятҳои 2.3.1, 2.3.2 ва 2.3.3), зерлоиҳаҳое, ки беҳтар намудани ғизодиҳии растаниҳо ва мубориза бо зараррасонҳоро дар бар мегиранд, ҳамчун Категорияи B-и КЭИ тасниф карда мешаванд. Дар доираи барномаи қарзӣ (Фаъолияти 2.3.3), интизор меравад, ки талабот аз ҷониби КХМ (MSMEs) асосан ба ҷорӣ намудани таҷҳизот ва технологияи КХҶДИЗ, бахусус барои системаҳои истеҳсолоти обӣ ва сармоягузориҳои занҷираи арзиш равона карда шавад. Хатарҳои алоқаманди КЭИ ҳамчун Категорияи C-и КЭИ арзёбӣ мегарданд.
- **Сармоягузориҳои чарогоҳ ва ҷангал:** дар доираи Фаъолиятҳои 2.2.1 ва 2.2.2, зерлоиҳаҳое, ки барқарорсозии табиии ёрирасон ва барқарорсозии экосистема, беҳтар намудани дастрасӣ ба чарогоҳҳои дурдаст ва камистифодашаванда, ва беҳтар намудани дастрасӣ ба об дар минтақаҳои чарогоҳии дурдаст ва камчаронидашавандаро дар бар мегиранд, ҳамчун Категорияи B-и КЭИ тасниф карда мешаванд.
- **Платформаи минтақавии сармоягузорӣ:** дар доираи Фаъолияти 3.3.2, ҳеҷ гуна фаъолиятҳои Категорияи B-и КЭИ муайян карда нашудаанд.

Ҷадвали 10 хатарҳо ва таъсироти манфии фаъолиятҳои мувофиқро барои зерлоиҳаҳо ва робитаи онҳоро бо стандартҳои фаъолшудаи КЭИ нишон медиҳад. Барои фаъолиятҳое, ки ба категорияи B-и КЭИ дохил мешаванд, чораҳои коҳишдиҳӣ муайян ва ба НИЭИ (дар сатҳи зерлоиҳа) ворид карда шудаанд. Дар сурати ба вуҷуд омадани ҳама гуна инҳирофот (дуршавӣ) дар ҷараёни татбиқ аз хатарҳои муайяншуда, таъсироти манфии эҳтимолӣ ва инчунин чораҳои муайяншудаи коҳишдиҳӣ, маълумоти дахлдор ба ХИС бо ифшои минбаъда пешниҳод карда мешавад.

*Ҷадвали 10: Хатарҳои эҳтимолии экологӣ ва иҷтимоӣ ва таъсироти манфии эҳтимолии фаъолиятҳои мувофиқ дар зерлоиҳаҳо*

| Фаъолияти мувофиқ | Стандарти КЭИ-и фаъолшуда | Хатари эҳтимолӣ ва таъсири манфии эҳтимолӣ ҳангоми татбиқи барнома | Категорияи КЭИ-и ХИС |
|---|---|---|---|
| Кишти бешудгор | КЭИ 3 | Афзоиши эҳтимолии истифодаи гербисидҳо ва ихроҷи сӯзишворӣ/равғанҳои молиданӣ аз техника. | B |
| Киштгардон | КЭИ 3 | Баъзе киштгардонҳо метавонанд талаботро ба нуриҳо ва обёрӣ афзоиш диҳанд, агар зироатҳои номуносиб интихоб шаванд. | B |
| | КЭИ 6 | Истифодаи зироатҳои киштгардони ғайримаҳаллӣ ё инвазивӣ метавонад ба агрогуногунии биологии хоҷагӣ ва маконҳои зисти шафати он таъсир расонад. | |

| Фаъолияти мувофиқ | Стандарти КЭИ-и фаъолшуда | Хатари эҳтимолӣ ва таъсири манфии эҳтимолӣ ҳангоми татбиқи барнома | Категорияи КЭИ-и ХИС |
|---|---|---|---|
| Рӯйпӯш кардани зироат/хок | КЭИ 1<br>КЭИ 3<br>КЭИ 6 | Идоракунии нодурусти мулча/рӯйпӯш метавонад боиси рақобат барои намӣ гардад, зараррасонҳоро паноҳ диҳад ё ба амалиётҳои кишт/ғундоштани ҳосил халал расонад.<br>Рӯйпӯшҳои пластикӣ ё синтетикӣ, дар сурати истифода, метавонанд партов ба вуҷуд оранд.<br>Ҷорӣ намудани зироатҳои рӯйпӯшкунандаи инвазивӣ ё тоза кардани боқимондаҳо аз минтақаҳои ҳассос метавонад ба гуногунии биологӣ таъсир расонад. | B |
| Истифодаи тӯрҳои зидди жола, муҳофизатӣ аз ҳашарот ва/ё сояафкан | КЭИ 1<br>КЭИ 2<br>КЭИ 3<br>КЭИ 4 | Насб ва истифодаи иншооти хурди муҳофизатӣ метавонанд таъсироти визуалии маҳаллӣ ва халалдоршавии амалиётиро ба вуҷуд оранд.<br>Коргарон метавонанд ҳангоми насб ва нигоҳдорӣ бо ҷароҳатҳои вобаста ба афтидан, бардоштани бор ё истифодаи асбобҳо рӯ ба рӯ шаванд.<br>Тӯрҳои пластикӣ ва маводи ёрирасон метавонанд дар охири муҳлати истифода партов ба вуҷуд оранд.<br>Тӯрҳои фуҷур ё бад кашидашуда метавонанд барои одамон, чорво ё ҳайвоноти ваҳшии атроф хатар эҷод кунанд. | B |
| Истифодаи тухмӣ ва ниҳолҳои ба иқлим устувор | КЭИ 3<br>КЭИ 6 | Маводи кишти пастсифат ё бад мутобиқшуда метавонад дар шароити маҳаллӣ ноком шавад ва эътимоди деҳқононро коҳиш диҳад.<br>Маводи сертификатсиянашуда метавонад ба таври ғайримустақим талаботро ба воситаҳо афзоиш диҳад, агар навъҳо номуносиб ё ба бемориӣ моил бошанд.<br>Ворид намудани маводи ғайримаҳаллӣ ё инвазивӣ метавонад ба навъҳои маҳаллӣ ва агрогуногунии биологӣ таъсир расонад. | B |
| Истифодаи решаҳои устувор ва навъҳои мева | КЭИ 3<br>КЭИ 6 | Баъзе навъҳо метавонанд нисбат ба пешбинишуда об ва маводи ғизоии бештарро талаб кунанд.<br>Иваз кардан бо маводи генетикии маҳдуд метавонад гуногунии навъҳои маҳаллиро коҳиш диҳад. | B |
| Такмили афзоиши тухмии маҳаллӣ | КЭИ 2 | Коргарон метавонанд ба моддаҳои коркарди тухмӣ, чанг ва хатарҳои техника дучор шаванд. | B |

| Фаъолияти мувофиқ | Стандарти КЭИ-и фаъолшуда | Хатари эҳтимолӣ ва таъсири манфии эҳтимолӣ ҳангоми татбиқи барнома | Категорияи КЭИ-и ХИС |
|---|---|---|---|
| | КЭИ 3<br>КЭИ 6 | Коркард, нигоҳдорӣ ва борбандии тухмӣ метавонад партов ба вуҷуд орад.<br>Афзоиши тухмии номуносиб ё олудашуда метавонад ба гуногунии биологии маҳаллӣ ва биобехтарӣ таъсир расонад. | |
| Идоракунии беҳтаршудаи боғот | КЭИ 6 | Буридани нодуруст ё тоза кардани камарбандҳои муҳофизатӣ/набототи рӯизаминӣ метавонад макони зистро барои намудҳои муфид коҳиш диҳад. | В |
| Таҷрибаҳои беҳтаршудаи парвариш дар гармхонаҳо | КЭИ 2<br>КЭИ 3 | Фишори гармӣ, вентилятсияи бад ва кори дастӣ метавонанд ба коргарон ва/ё деҳқонон таъсир расонанд.<br>Гармхонаҳо метавонанд масрафи об, энергия ва пластикаро зиёд кунанд ва партов ба вуҷуд оранд. | В |
| Беҳтар намудани ғизодиҳии растаниҳо ва мубориза бо зараррасонҳо | КЭИ 2<br>КЭИ 3<br>КЭИ 4<br>КЭИ 6 | Коргарон метавонанд ба нуриҳо ва амалиётҳои дорупошӣ дучор шаванд.<br>Истифодаи аз ҳад зиёд ё нигоҳдорӣ/безараргардонии нодурусти нуриҳо метавонад хок ва обро ифлос кунад ва партовҳои хатарнок ба вуҷуд орад.<br>Паҳншавии дорупошӣ ва дучоршавии тасодуфӣ метавонанд ба хонаводаҳои атроф, чорво ё истифодабарандагони об таъсир расонанд.<br>Намудҳои ғайримақсаднок, аз ҷумла гардолудкунандагон ва душманони табиӣ, метавонанд зарар бинанд. | Б |
